АБДУРАҲИМ ҶУМЪАЕВ
(САРҲОЛ)

КУЛЛИЁТ

ДУШАНБЕ-2021

ББК

АБДУРАҲИМ ҶУМЪАЕВ (САРҲОЛ)

КУЛЛИЁТ. Муҳаррирон: Ҷӯёи Самарқандӣ, Неъматов Худойдод Давлатович. Душанбе, с-2021. -244 саҳ.

Китоби мазкур аз хотирот ва ашъору ғазалиёти Абдураҳим Ҷумъаев бо тахаллуси «Сарҳол» пас аз вафот ба чоп расидааст.

Ба матбаа супорида шуд, санаи 08.12.2021 с.

© Абдураҳим Ҷумъаев
(Сарҳол)

ISBN: 000000-0000-00-00



АБДУРАҲИМ ҶУМЪАЕВ (САРҲОЛ)

ҚИСМИ 1

Ёддоштҳо ва зиндагиномаи Абдураҳим Ҷумъаев (Сарҳол)

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон!

Абдураҳим Ҷумъаев (Сарҳол) 15-уми августи соли 1939 дар деҳаи Зимтӯди, ҷамоати деҳоти Вору, шаҳри Панҷакент, дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби зодгоҳаш гирифта, барои пурра кардани он дар муассисаи таълимии деҳаи Ғӯсар таҳсилро идома медиҳад. Баъд аз таҳсили мактаби асосии деҳаи Ғӯсар шомили омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент гардида, онро соли 1958 бо муваффақият хатм менамояд. Баъди хатми омӯзишгоҳ барои кор ба МТМУ-и рақами 6-и деҳаи Ғусар ба ҳайси мураббӣ ва омӯзгор ба кор таин мешавад. Ду сол дар ин муассисаи таълимӣ фаъолият намуда, ҳамвора шомили факултаи таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд гардида онро ғоибона ба поён мерасонад.

Аз соли 1960 то вопасини лаҳзаҳои умр дар МТМУ-и рақами 21-и зодгоҳаш деҳаи Зимтӯд машғули омӯзгорӣ ва дар баробари ин дуредгари моҳир низ будааст.

Шоир Азиз Сангин, барои сипосу миннатдорӣ аз устодии Абдураҳим Ҷумъаев мегӯяд:

Нақши дастони ту дар хонаи мардум боқист,
Ишқу имони ту дар синаи мардум боқист.
Нақши умри ба шаҳомат басарбурдаи ту,
Дар дилу хотираву дидаи мардум боқист!

Фаъолияти хуби ташкилотчигии Абдураҳим Ҷумъаев будааст, ки чандин корҳои ободониву созандагӣ дар зодгоҳаш деҳаи Зимтӯд ва маҳаллаи Пӯли Мӯриф роҳандозӣ гардида, ба деҳа ҳусни нав зам намудааст.

Абдураҳим Ҷумъаев аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои фаъоли ҲХДТ, дорандаи зиёда аз 10 медалу ифтихорномаҳо буда, оиладор соҳиби нӯҳ фарзанд ва чандин набераю абера буда, фарзандонаш дар соҳаҳои мухталифи

ҷомеа кору фаъолият доранд.

Шоир 03 майи соли 2017 аз олам чашм пӯшид.

Китоби аввали шоир бо номи “Шатранҷи зиндагӣ” ва “Чорсӯи ҳаёт” ба нашр расидааст.

Маҷмӯаи ашъораш дар “Куллиёт”-аш гирд оварда шудааст ки имрӯз ба ҳаводорони шеъру адаб пешкаш мегардад.

Муборакамон бод!

ШЕЪР ИНЪИКОСИ ЗИНДАГИСТ



Ҷӯёи САМАРҚАНДӢ
Шоир, тарҷумон.

Гуфтан ва офаридани шеър масъулияти азимест пеши шоир ва дигарон. Чаро, ки шоир пеш аз ҳама чиз ва беш аз ҳама чиз бояд илми шеър бидонад. Омӯзиш, ё ҳатто кӯшиши омӯзиши илм бошад заҳмат мехоҳад. Яъне, кори шоирӣ нахуст истеъдод, дуввум заҳмат ва саввум масъулият металабад.

Хушбахтона дар ашъори Сарҳол ин чизҳо ба мушоҳида мерасад, ҳарчанд, ки ӯ шоири касбӣ нест. Шеъри ӯ саросар инъикоси зиндагии чанд соли охири мардуми мост. Бояд қайд кард, ки дар ашъори аксари қаламкашони тоҷик маҳдудияти мавзӯъ, камбуди санъати тасвир ва ғайра, ки хоси шеър аст, ба чашм мерасад ва ашъори Сарҳол низ истисно нест.

Худи ӯ мегӯяд:

Гар кори шоирӣ ҳавас, Сарҳол, кардаӣ,
Заҳмат бикаш ва ё бирав, ин кор нозук аст.

Сарҳол (Абдураҳим Ҷумъаев) соли 1939 дар деҳаи Зимтӯди ноҳияи Панҷакент таваллуд шуда, пас аз хатми Омӯзишгоҳи амӯзгории Панҷакент ва Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд муддати 40 сол дар мактаби зодгоҳаш аз фанҳои таъриху ҷамъиятшиносӣ дарс гуфтааст.

Ҳоло Сарҳол “шамъи дил рӯшан” ва “оғӯши меҳр” боз намудааст.

Марҳабо, хонанда ба кошонаи шеъри Сарҳол.

ЧАШМАНДОЗЕ БАР АШЪОРИ САРҲОЛ



ХОҶАМУҲАММАДИ МУҲАММАДЗОД,
Ходими хизматнишондодаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҳаёт офтоб яктост, аммо одамон дигаранд, рустаниҳо низ гуногунанд. Рангу бӯ ва таъму лаззаташон низ дигар аст. Қаламкашон ҳам дар баёни ақида ва ибрози мақасад яксон нестанд. Аммо дар мадди назари ҳамаи онҳо як чиз-инсон ва тарбияи он меистад.

Сарҳол омӯзгорест, ки дар гулшани адаб барои нумӯи ниҳоли орзӯяш ба ҷилва додани саманди фикри бикраш кушоиш мехоҳад.

Бидеҳ, эй Холиқи ҳар ду ҷаҳон
сайқал забонамро,
Бихонам ҳамду афрӯзам чароғи
достонамро.

Пасон ба хонандааш аз ибтидои кор ахбор додааст, ки ҳамчун одами хокӣ ба Яздон имон дорад ва гуфтаҳояш такя ба Қуръон дорад:

Бандаи хокиям, имон ба Яздон дорам,
Қатраи обаму чашма зи борон дорам.
Нест афсуну фасона, ки гуфтам бо ту,
Ҳарчӣ мегуям агар, такя ба Қуръон дорам.

Сарҳол толиби дидор аст ва дарки маънии ҳаёти инсонро дар дарки худшиносӣ ва худошиносӣ медонад. Аз ин рӯст, ки дигаронро ба ин роҳ ҳидоят мекунад:

Сарҳол аз забони қаҳрамони шеъри худ дӯстиро месарояд ва хоҳони он аст, ки одамон бо ҳам дӯсту тифоқ бошанд. Бинобар ин ба сӯи мардум бо меҳри фаровон назар мекунад ва ба рӯи ёрон дари дилро мекушояд:

Чашми бад нест чу моро тарафи халқи Худо,
Чашми бад дур, ба дил меҳри фаровон дорам.
Сару ҷон бар қадами дӯст фишонам, Сарҳол.
Дару дил боз ба рӯи ҳама ёрон дорам.

Соҳибқалам, яъне муаллиф, аз ҷангу хунрезӣ ва ҷабру ситам ба дод омада, афъюнхоҳӣ ва нашъамандиро мазаммат мекунад ва наҷот аз ин касолатро дар касби дониш мебинад:

Бар ин насолат Сарҳол гӯяд:
Ҷуз касби дониш марҳам набошад.

Шоири дар майдони шеъру сухан ҷавон Сарҳол аз нобаробариҳои замон ва вайронии ахлоқ ба танг омада, таманно кардааст, ки пирон дуогӯ ва дастгири ҷавонон бошанд:

Зи пирон бар ҷавонон як дуои нек мехоҳам,
Ҷавононро зи бад бегона будан орзу дорам.

Сарҳол аз беқадрии инсон, аз бемактабиву бекитобӣ, аз фарёдҳои бесуд, аз лашкари ғам, аз бародаркушиҳо, аз болонишинҳои шайтонтабиат, аз ночиз шудани зар, яъне одамони асил сухан мегуяд. Вале бо вуҷуди ин умед ба рӯзи нек, умед бар самар дорад:

Рӯй бар ғуруб, Сарҳол, офтоби умр овард,
Дона киштаам ҳар сӯй, чашм бар самар дорам.

Муаллиф бо таъсири адабиёти классикии тоҷик ба мавзӯи панд даст зада, бад гуфтан, худпараст буданро пешгирӣ мекунад ва дӯст доштани зодмандон ва зодбумро илқо мекунад. Қаҳрамони шеъри Сарҳол ҳамеша дар талоши некӣ кардан аст ва ҳатто ба душмани бадхоҳаш бо чашми бад наменигарад:

Шиква аз ман мекунад, ӯро нигаҳ дорад Худо,
Тор даврам метанад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Як силсила ашъори Сарҳол дар бораи пешгузаштагони адабиёт ва муосирони ӯст. Дар ғазали ба Туғрал бахшидааш дилбастагии худро ба шеъру шоирӣ изҳор мекунад ва сатру байтҳои ӯро бо шаккар баробар медонад, ҳангоми хастагӣ рӯ ба девони ӯ меорад:

Маро шаккар чӣ кор ояд, ки дорам,
Ширин байту ширин дастони Туғрал,..
Дилам бигрифта аз шӯри замона,
Ба дастам доимо девони Туғрал.

ва хулоса мекунад:

Кунун дасти ману домони Туғрал.

Тараннуми кор, Меҳан, Модар, ёру дӯстон дар ашъори Сарҳол зиёд мушоҳида мешавад.

Сарҳол дар гулшани адаб навниҳолест, ки дар жанри марсия низ қувваозмоӣ кардааст ва марсияҳояш диди тозаи ӯро нишон медиҳанд.

Хулоса, чакидаҳои дили Абдураҳими Зимтӯдӣ, мутахаллис ба Сарҳол, софу соддаву самимианд ва умедворем, ки хонандагон, бахусус ҷавонон, аз ин баҳравар хоҳанд шуд.

ТАРОВИШИ ТАФАККУРУ АНДЕША



АЗИЗ САНГИН
Шоир ва адиби тоҷик.

Инсонҳо аз роҳҳои гуногун ва бо шеваву равишҳои мухталиф ба даргоҳи поку муқаддаси шеър ворид мешаванд. Яке ҳанӯз дар мароҳили оғози зиндагӣ аз истеъдоди худ дарак медиҳад ва ба гуфтани шеър мепардозад. Дигаре баъди тай кардани даврони омӯзишу фаро гирифтани илми шеъру адабиёт ба ҷодаи шоирӣ ворид мешавад. Савумӣ дар мароҳили пасини зиндагӣ бо кӯлборе пур аз донишу таҷрибаву омӯзаҳои гаронсанг, бардоштҳое аз зиндагиву рӯзгор, осоре аз афтодану бархостанҳо, сӯхтану сохтанҳо, захмҳое дар дилу ҷону равон ба гуфтани шеър мепардозад.

Устод Сарҳол (Абдураҳим Ҷумъаев)-ро метавон бо дилпурӣ ба ҳамин гурӯҳи охирин шомил кард.

Ӯ тақрибан, баъд аз 50-солагӣ, ба навиштани шеър оғоз кард ва ин, ки дар даст дорем, маҷмӯаи дувуми ашъори ӯст.

Абдураҳим Ҷумъаев ба таърихи 15 августи соли 1939 дар рустои Зимтӯди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди имрӯза дида ба дунё кушудааст. Падараш Ҷумъабои Абдуҷаббор аз фаъолон ва бунёдгузорони сохти нав ба шумор мерафт ва аввалин раиси колхози ба ном «Роҳи Сталин» имруза «Зарафшон»-и ноҳия буд. Модараш Бибираҷаб низ зане босавод ва сухандону некӯгуфтор будааст.

Абдураҳим баъди хатми мактаби 7-солаи деҳаи Зимтӯд шомили мактаби таҳсилоти миёнаи шаҳраки Ғӯсар гаштааст. Ба иқрори худаш, аз ин марҳала ба баъд бародари бузургаш Сангинбой Ҷумъаев, ки он замон аз нахустин насли таҳсилкардаҳои обрави Киштӯд, нахустин устои барқ, аввалин

ронандаи трактор ва пасон аввалин омӯзгори забони русӣ будааст, дар камолоти шахсияти Абдураҳиму Абдураҳмони додаронаш нақши муассир доштааст. Маҳз бо пешниҳод ва дастгирии фаъолонаи ӯ Абдураҳим баъди хатми муваффақонаи мактаби миёна вориди Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ва сипас шомили Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд гардида ҳардуро бо сарбаландӣ ба итмом расондааст.

Тасодуфи дигари такондиҳандае, ки дилбастагию шавқи фаровони шеърро дар дили Абдураҳими ҷавон бедор кард, ҳамсабақӣ ва дӯстӣ бо Лоиқ Шеръалӣ, Абдунабӣ Сатторзода ва Сорбон ҳангоми таҳсил дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент буд, ки ҳар се баъдтар аз навоварон ва пешгомону парчамбардорони шеъру адаби тоҷик гардиданд. “Ҳар ҷо, ки мо чаҳор нафар будем, сӯҳбату сӯхан аз шеъру адабиёт буд, - нақл мекард Абдураҳим.- Лоиқ бо ҳамон шӯрӯ шавқи беандозаи хоси худаш ҳама дарсҳои омӯзишгоҳии моро ба дарси шеъру сухану адабиёт табдил медод». Рӯзгори сахту вазнину пурмоҷарои солҳои 60-и замони шӯравӣ Абдураҳимро водор кард, ки баъди хатми Донишкада ба зодгоҳаш баргардад. Ҳамин тариқ, ӯ тақрибан 50 сол, то даврони бознишастагӣ омӯзгори мактаби миёнаи рақами 21-и рустои Зимтӯди ноҳияи Панҷакент буд. Шарафмандона зист, шарафмандона заҳмат кашид, садҳо нафар шогирдонро ба зиндагии шарафмандона раҳнамун сохт. Ба унвони Аълочии маорифи Тоҷикистон ва даҳҳо сипосномаҳои давлатӣ мушарраф гардид. Абдураҳим Ҷумъаев субҳи рӯзи савуми майи соли 2017 дар синни 78-солагӣ дунёи фониро падруд гуфт. Равонаш шод ва ёду номаш ҷовид бод! Ашъоре, ки дар ин маҷмӯа фароҳам омадаанд, ҳосил ва афшурдаи таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо, омӯхтаву андӯхтаҳои як қалби бедору дардошно, пурэҳсос ва гарму тапанда, таровиши зеҳну андешаи як марди донишманд, рӯзгордида ва варзида аст. Ӯ ашёву ҳаводис, оламу одам ва дидаву шунидаҳояшро дар ғалбери тафаккуру андеша сара намуда ба қолаби назм рехта, чун гавҳари суфта ба хонандааш пешниҳод кардааст. Дар тамоми манотиқи Ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки ман низ бо ифтихор мегӯям, ки ӯ

аввалин устоду муаллими ман аст.


АВВАЛИН ҲАРФ...

(Ба ёди амаки азизам ва
нахустустодам Абдураҳим Ҷумъаев)

Аввалин ҳарф, ки андар дили ман коштаӣ,
Ҳарф не, ишқи сухан, ишқи Ватан коштаӣ.
Ҳарфи бархоста аз розу ниёзи мардум,
Ҳарфи сабзида зи таърихи куҳан коштаӣ.
Мо аз он лаҳза, ки ҳарфе зи ту омӯхтаем,
Бар баду неки ҷаҳон дидаи дил дӯхтаем.
Гарчӣ аём сари созишу бахшиш надошт,
Мо дар он кӯра басе сӯхтаем, сохтаем.
Дарси ту бонги ҷарас буд, ки бедор шавем,
Роҳи растан зи қафас буд, ки боор шавем.
Дарси ту ояти рӯидани як дона зи хок,
Завқу шодиву ҳавас буд, ки бар кор шавем.
Дар ту таърихи Ватан зиндаву гӯё мешуд,
Ҳодисоти куҳан аз нав ҳувайдо мешуд.
Дар дилат, гӯӣ Хуросон буду Оли Сомон,
К-арсаи фоҷиаи миллати танҳо мешуд.
Нақши дастони ту дар хонаи мардум боқист,
Ишқу имони ту дар синаи мардум боқист,
Нақши умри ба шаҳомот ба сар бурдаи ту,
Дар дилу хотираву дидаи мардум боқист!

УМРЕ ДАР ХИДМАТИ МАРДУМ

Номи некӯ гар бимонад, з-одамӣ,
Беҳ к-аз ӯ монад саройи зарнигор.



АБДУЛҚОДИРИ НАҶМИДДИН
устоди ДОТ дар шаҳри Панҷакент.

Мо-дастпарварони устоди азизу маҳбуб Абдураҳим Ҷумъаев аз мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21, деҳаи Зимтӯд кам нестем. Мо бештар аз 500 нафар соҳибмаълумотем ва дар соҳаҳои мухталиф фаъолият мебарем.

Абдураҳим Ҷумъаев аз зумраи ҳамон зубдаҳое буд, ки афсӯс ангуштшуморанду кампайдо. Устод Ҷумъаевро фидоии соҳаи таълиму тадрис метавон гуфт. Баъди таҳсилоту касби камол муддате дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №6 деҳаи Ғӯсар омӯзгорӣ кард ва пасон дар тӯли 50 сол омӯзгори фанни таърихи дабистони зодгоҳаш Зимтӯд буд. Дарсҳояш хотирмону шавқовар буданд. Ҳеҷ аз хотирам намеравад, айёми донишҷӯи донишгоҳ буданам, дар такя бо сабақҳои аз Ҷумъаев Абдураҳим гирифтаам, дар чанд дарсҳои амалӣ аз фанни таърих суханронӣ кардаму профессор Аҳмадов ҳангоми имтиҳон баҳои «аъло»-ям гузошт.

Дар баробари омӯзгори асил буданаш Абдураҳим Ҷумъаевро ҳамчун инсони бунёдгузору накӯкору ӯҳдабаро мешинохтанд. Фарзандашон Насимҷон-раиси ҷамоати деҳоти Ворӯ чунин нақл мекунад: «Оғози солҳои 80-уми садаи XX, чанд тан мӯйсафедони деҳа, субҳи бармаҳал ба манзиламон ташриф оварданд.

Дар сари як пиёла чой, соҳибэътибори онҳо

Ҳоҷимуҳаммадқул ба қиблагоҳам рӯй оварда гуфтанд, ки муаллим, Шумо шахси ғаюру кордонед, мардумро раҳнамоиву ба корҳои ободонӣ сафарбар карда метавонед, чӣ мешуд, ки масъулияти роҳбарии деҳаамонро ба ӯҳда гиред? Ҳарчанд он солҳо мардум дар дашти Шӯрча деҳа месохтанду падарам ҳам дар он ҷо ҳотае доштанд, натавонистанд, ки сухани мӯйсафедонро ба замин гузоранд. Падар роҳбарии деҳаи Зимтӯдро солҳои зиёд бар дӯш доштанд».

Аз байни деҳа ҷӯйборе равон аст, ки солҳои мактабхонии мо симои деҳаро нозеб менамуд, зеро ки селраҳа шудаву барои баъзе бошандагон партовгоҳ ҳам ба ҳисоб мерафт. Тирамоҳи соли 1985 аҳли деҳа бо иқдоми роҳбарашон Абдураҳим Ҷумъаев рӯйи ҷӯйборро бетонпӯш намуда дар болояш биное бунёд карданд, ки муддате чойхона буду айни замон буфет аст. Оби тозаи ҷӯйбор қисман аз зери бетон равон аст ва ҷуръати касе нест, ки ба он партов партояд, чунки озодаву обод асту ҳусни деҳаро афзудааст.

Соле пас бо ташаббус ва роҳбарии ин марди шариф дар маркази деҳаи Зимтӯд клуби кинову консерт бо 300 ҷои нишаст қомат афрохта, симои деҳаро шукӯҳманд намуд. Бино ба маркази баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва ҷашну маросимҳо табдил ёфт.

Дар деҳоти дурдаст бунёди бунгоҳҳои тиббӣ яке аз масоили доғи рӯз ба ҳисоб мерафт. Дар Зимтӯд омӯзгор Ҷумъаев мардуми деҳаро ба ҳашар даъват намуда, бинои сеҳуҷрагии озода сохта, деҳаро дорои хонаи саломатӣ кард.

Масъалаи дигаре, ки сокинони деҳаро ба ташвиш меовард, набудани оби тозаи нӯшокӣ буд. Бо талошҳои пайгиронаи устоди меҳрубону ҷонсӯз Абдураҳим Ҷумъаев ва ёриву дастгирии роҳбари ҳамонвақтаи экспедитсияи иктишофӣ-геологии Моғиён, зиндаёд Боймурод Холмуродов оби нӯшокӣ тавассути қубурҳо ба деҳа интиқол дода шуд. Мардум то ҳол оби тоза менӯшанду ёд аз фарзандони шарифи деҳаашон

мекунанд ва ба рӯҳу арвоҳашон дуову фотиҳа мефиристанд.

Солҳои 90-95-уми қарни гузашта аз тарафи собиқ колхози «Зарафшон» дар мавзеи «Пули мӯриф»-и ҷамоати деҳоти Ворӯ ба 42 оилаи эҳтиёҷманд қитъаи замини назди ҳавлӣ ҷудо карда шуду мардум ба бунёди биноҳои истиқоматӣ шурӯъ карданд. Лекин кӯпруки вайронаи солҳои пеш сохта шуда ва набудани нерӯи барқ кори эҳтиёҷмандонро душвор мекард. Ба бахти мардум, яке аз фарзандони устоди равшанравон Ҷумъаев Наимҷон дар ин мавзеъ соҳиби қитъаи замин шуда буд. Устод соле дар ин мавзеъ иқомат ихтиёр карда, ба мардуми деҳасоз роҳбарӣ намуд. Нахуст кӯпруки валангоршударо барқарору бехавф намуданд, пасон паи овардани барқтақсимкунак (трансформатор) ва ташкили симу симчӯбҳо шуданд, деҳаи навбунёдро бо нерӯи барқ таъмин карданд ва дар дилу дидаи мардум нишастанд.

Ёдам меояд… Нав телефонҳои мобилӣ пайдову паҳн мешуданд ва устодро зуд-зуд дар шаҳр медидаму пурсон мешудам. Мегуфт, ки дар деҳоти дурдаст мавҷгирҳои телефонҳои мобилӣ нестанду мардум бояд бо фарзандони дар муҳоҷирати меҳнатӣ будаашон дар тамос бошанд. Ба ин хотир устод Ҷумъаев Абдураҳим худро ба идораҳои далхдор мезад, то кори савобе кунад. Ва ниҳоят дар теппаи баланди назди деҳаи Порвен мавҷгири телефонҳои мобилӣ насб карда шуду мушкили мардуми деҳоти Зимтӯду Порвен, Ғӯйтану Вен, Ғаззаву Ворӯ, Пағнаву Хумори Гунг осон гардид ва минбаъд худи ширкатҳои телефонҳои мобилӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳ карданд.

Қобилияти баланди ташкилотчигии устод вомедошт, ки ҳамеша дар фикри ободониву созандагӣ бошаду мардумро ба корҳои хайр сафарбар намояд ва дар байни мардум обрӯву нуфузи баланд ёбад.Буданд нафароне, ки аз бухлу ҳасад устодро бадгӯй мекарданд, вале тирашон ба ҳадаф намерасид, чунки Ҷумъаев А. гапашро мегуфту корашро мекард ва мардум

мешуниданду медиданд. Хайрро аз шарр, некро аз бад ҷудо мекарданд.

Устод Абдураҳим Ҷумъаев ҳамеша манфиати ҷомеаро аз манфиати шахсӣ боло мегузошт. Дарси пурмазмун мегуфт, кори савоб мекард…

Солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ… Мардум дар пайи зинда мондан, ба кӯҳу саҳро баромада посаракорӣ мекарданд. Ва устод Абдураҳим Ҷумъаев боз дарди мардум мехӯрад. Осиёби кӯҳнаву валангори деҳаро, ки Осиёби Гадооқсақол меномиданд, аз нав сохта, ба истифода медиҳад, ки мардум гандуму ҷавро дар он орд мекарданд.

Устод фориғ аз дарсу фаъолияти ҷамъиятиаш ба эҷоди шеър ҳам машғул мешуд. Ва маҳсули қаламаш дар ду маҷмӯаи шеърҳо бо номҳои «Шатранҷи зиндагӣ» ва «Дар чорсӯи ҳаёт» гирд оварда шуданд.

Аз зиндагиномаи устод чи қадаре, ки сухан гӯем, кам аст.

Аз Луқмони Ҳаким пурсидаанд:

-Кадом пероҳанест, ки намедарад?

Луқмон гуфт:

-Ҳамон пероҳане, ки агар тораш аз накӯкорию пудаш аз меҳр дӯхта шуда бошад.

Аз дасти марг халосӣ нест касеро. Устод, ки тайи чанд соли охир аз бемории фишори баланди хун азият мекашид, сеюми майи соли 2017 дар синни 78-солагӣ дунёи фониро падруд гуфт.

Ҳарчанд устод имрӯз дар байни мо нест, лек ёди некаш дар қалбҳои мо боқист.

Ногуфта намонад, ки хидматҳои устод Абдураҳим Ҷумъаев бо медали «Барои меҳнати шоён», унвони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», чандин сипосномаю ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шудаанд.

ЯК РЎЗИ БАҲОР
(ба Абдураҳим Ҷумъаев)



ХУДОЙИ МУРОД
нависанда,
подполковники
бознишастаи умури
дохилӣ.

Ба андешаи ман ҳар як эҷодкор услуби хоси худро дорад.

... Муболиға намешавад, агар гӯям, ки ҳар ҳарфи ман ҳам монанди як қатра чашмаобе бошад, ки ба ҷараёнҳои бузурги адаб ҳамроҳ гардад. Хотироте бошад аз як рӯзи зиндагии омӯзгор, шоир ва марди ҳунар Абдураҳим Ҷумъаев.

Барои анҷоми супориши махсусе мебоист ба яке аз дараҳои кӯҳии водии Зарафшон раҳсипор мешудам, аммо намедонистам киро бо худ ҳамроҳ гирам. Бо чанд ёру бародарони наздикам ҳам сӯҳбати (ба шикор) рафтанамро ба миён гузоштам. Ба онҳо ба шикор рафтани ман шубҳанок намуд. Фикру ақидаҳои худро чамьбаст намудам ва ба хулосае омадам ,ки Абдураҳим Ҷумъаевро ҳамроҳ гирам. Ҳам аз сӯҳбатҳои шавқангезу муфидаш баҳраманд мешавам, ҳам марди роздор ва дилпурест.

Бо тайёрии пешакӣ бо ду маркаб шаба пазонда, самти Арчамайдони дарраи Киштудро пеш гирифтем, ки тахминан 30 км роҳи кӯҳсорро дар бар мегирад. Пас аз 2 соати роҳ тай кардан Абдураҳим маркабҳоро дам медиҳем гуфтанд. Мо маркабҳоро дар доманакӯҳ баста хоб рафтем ,ки рӯз шавад баъд сафари худро давом медиҳем... . Каме хоб рафта будем ,ки садои арроси маркабҳо бедорамон кард. Ману Абдураҳим ба тарафи маркабҳо давидем. Ман дар даст милтиқи шикорӣ доштаму Абдураҳим чароғи дурбин. Ҳанӯз торикии субҳ

ҳукмрон буд. Сайди дар пеш бударо бараъло шинохта намешуд. Вале Абдураҳим бо чароғи эхтиётии дасташон дуру наздикро равшан намуданд. Маълум шуд, ки дар алафпояи юнучқазор оҳувон фаромаданд. Ба гуфти Абдураҳим оҳувон рӯзона ин гуна ҷойҳои сералафро пеши чашм намуда, шабона ба инҷо фуромада шикамҳои худро сер намуда, субҳи барвақт ғайб мезананд. Ба ҷойҳои хилват паноҳ мебаранд...

Дар пеши чароғи дурнамо гурӯҳи хурди оҳувон ба тарафи кӯҳи дар шафати моҳ буда, чунон мебаромаданд, ки аз зери пояшон сангрезае намефаромад.

Дуртар аз ман байни сангҳои гӯшаи алафзор Абдураҳим бозёфти нодире пайдо карданд: оҳубарраи навзоде буд, ки аз танаш ҳанӯз ҳавли гармии модараш меомад.

Қисса кӯтоҳ, Абдураҳим амр карданд, ки мо бояд аз ин мавзеъ дуртар равем. Сабаб пурсидам, чавоб доданд ,ки рӯз шавад хатари лукмаи парандаҳои чобуку пӯлодчанге, мисли каргасу уқоб гаштани оҳубара аз эҳтимол дур нест. Мо, ки аз ин ҷо равем, оҳумодар зуд оҳубарраашро пайдо карда мегирад ва ин ҷонвари нодиру бепаноҳ аз нобудӣ наҷот меёбад...

Мо ба сафарамон идома додем.

Дар мавзеъе ба номи Тӯда ба ҳодисае дучор омадем, ки қариб буд ба ҳалокати ману дӯстам Абдураҳим анҷомад.

Савори маркабҳо аз роҳи ҳавлноку пурхатаре мегузаштем роҳи басо борик, болои сарамон кӯҳи ҷулидаю аз ҳам рехта, поин ҷарии сарозеру амиқу даҳшатбор. Як замон аз ҷониби муқобил фарёди огоҳкунандаи марде ба ҳаво хест:

-- Гурезед! Кӯҳ канда шуд, гурезед!...

Ва дар ин замон садои даҳшатафкани фурӯ рехтани сангҳои бузург ба гӯшамон расид, гулдуроси азиме фазову заминро ба ларза даровард. Мо саросемавор худро аз маркабҳо ба замин афканда, сӯи наздиктарин харсанги азим тохтем ва худро зери он андохтем. Сангҳои хурду бузург аз болои сари мо парида ба ҷарии бетаг фурӯ рехтанд. Садои даҳшатноки

онҳо ба гирду атроф ғулғула андохта буд...

Мо замоне аз паноҳгоҳамон берун омадем, ки ғулғула фурӯ нишаст ва атрофро хомӯшӣ фаро гирифт. Хомӯшии баъди тӯфон, баъди зилзила... Абдураҳим маънидорона ба ман нигаристанду ин байти дӯсти ҳамсабақашон Лоиқи бузургворро ба забон оварданд:

Санге агар аз кӯҳ фитад, сад сангро бечо кунад,
Марде чу номардӣ кунад, сад мардро расво кунад...

Ҳамин тавр, ман он рӯз як хислати дигари дӯстам Абдураҳим Ҷумъаевро пеши худ кашф кардам: Ӯ ҳамчун инсоне зуҳур кард, ки ба ҳаводиси рӯзгор, ба ончӣ дар гирду бараш мегузарад, аз диди як инсони дилсӯз, бомасъулият, дурандеш ва хирадпеша менигарад, инсон, табиат ва ҷомеаро ҳамбаста ва воҳиду яклухт мебинад...

БАРОДАРИ НЕКСИРИШТУ САПЕДНОМ

Сӯзи дилро бо қалам болои дафтар мекашам,
Синаро чӯн кӯраву дилро чу озар мекашам.
Сатри дилхоҳе ба каф осон наёяд ҳеҷ гоҳ,
Аз дили дарёи тӯфондида гавҳар мекашам.

У. Рачаб



ЛУТФУЛЛО ТОҲИРОВ
Омӯзгор, аълочии маорифи ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз инсонҳои накӯкору бофарҳангу дурандешу меҳнатқарини дунё ному насаб пурсидан ба расмияти иншои китобу таърих номаҳо дохил гардидааст. Вале зиндагӣ, аъмол, сарнавишти онҳоро ба қалам рӯи қоғаз овардан ҳам мушкил асту ҳам осон. Вале афсӯс, ки фаъолияту рӯзгори ағлаби абармардони кӯҳистони тоҷик, ки дар тӯли ҳаёт ва поягузорию рушди мактабу маориф, макони ободони ва тарбияи наслҳо хизмати арзанда карданд, аз хотирҳо зудуда мегарданд. Танҳо нақли ҳамкоре, ҳикояву афсӯси ягон-ягон шогирдон, ҳамкорону ҳамсоягон номи онҳоро ба хотир мерасонад, ё саводноке фотиҳае ба рӯҳи ӯ мефиристонаду худро хушнуд мегардонад.

Яке аз ҷумлаи чунин абармардон, ки дар кори таълиму тадриси як зумра насли Зимтудиён ва ободию рушди деҳа умри бобаракати худро фидо кардааст, дӯст ва бародари гиромиқадри ман Абдураҳим Ҷумъаев аст.

Дар бораи деҳаи хурдакаку зебомаданият ва зебою хушманзараю меҳмоннавози Зимтӯд ва барӯмандони он,

ки дар тамоми ҷумҳури ва берун аз он аз ибтидо то ба ҳол маълуму машҳуранд чизе намегӯям. Зеро бобати ин мавзӯъ борҳо навиштаанду боз хоҳанд навишт. Танҳо қатрае аз баҳр хотираҳоямро нисбати дӯст ва бародари ҷониям Абдураҳим Ҷумъаев дар алоқамандӣ бо шахсиятҳои дигар рӯи қогаз меорам.

Зиёда аз 60 сол мешавад, ки ман бо Зимтӯду зимтӯдиён, ба хусус бо оилаҳои Ҷумъаевҳо акои Сангинбой, Абдураҳмон, Абдураҳим, акои Саидакрам (рӯҳашон шоду манзилашон обод бод), бародари дигар Ҳамроқул, оилаи Усто Ҳамро (рӯҳашон шод бод) ва дигару дигарон рафту омад дорам. Мо дар давоми ин солҳо шарики ғаму шодии ҳамдигарем.

Баъд аз хатми омӯзишгоҳи Омӯзгории шаҳри Панҷакент (с.1956) ман таҳсилро идома дода донишҷӯи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод (Донишгоҳи ба номи Б.Ғафурови Хуҷанд) шудам. Абдураҳим пас аз хатми омӯзишгоҳ муаллим шуданд. Баъд аз хатми донишкада ман дар ҳамонҷо ба кор мондам.

Як гурӯҳ рафиқон аз Зимтӯд Шарифӣ, акои Саидакрам, Сангинбой, Ҳамроқул ва Абдураҳиму чанде дигар дар шӯъбаи ғоибона, Эсомиддину Ҳоҷӣ Муҳаммадӣ, Қосимбой дар бахши рӯзона мехонданд. Шиносоии ман бо шахсони бо фарҳанги барӯманди Зимтӯд аз ҳамон солҳо сар шуд. Аз байни инҳо Абдураҳимро аз давраи омӯзишгоҳиам мешинохтам. Абдураҳим ғоибона мехонданд. Моҳи июли соли 1964. Мо панҷ шаш нафар муаллимони донишкада дар чойхонаи Яҳёхони лаби Сирдарё дар боғи Камоли Хуҷандӣ бо иштироки ректор Пӯлод Ҳамроқулови Конибодомӣ гап (гаштак) доштем. Дар рафти сӯҳбат ректор аз мо муаллимон аз савияи дониши ғоибхонон пурсон шуданд. Муаллими Таърихи СССР Шаҳобиддинов Камолиддини исфарагӣ ба ман ишора карда гуфт, ки як ҳамшаҳрии ҳамин одам Ҷӯмъаев Раҳим таърихро чунон хуб медонад , ки кас ҳайрон мешавад. Дар ҳақиқат

дониши таърихиаш ба ситоиш меарзад. Ман ба тариқи ҳазл ба Камолиддин гуфтам, ки аз он донишҷӯй эҳтиёт бошед, ки боз Шуморо мабодо аз аудитория наронад. Ҳамроқулов ниҳоят инсони хоксор, меҳрубон, бо ҳама баробар, хулоса одитарин инсон буданд. Гуфтугӯи моро гӯш карда ба ман супориш доданд, ки дар гапи оянда агар ҳамин бача ҳаминҷо бошад, ҳатман ҳамроҳатон гирифта меоед.

Рӯзи дигар рӯзи душанбе дар бинои таълимӣ бо Абдураҳим вохӯрда, сӯҳбати дирӯзаро нақл кардам. Абдураҳим ба рафтан розӣ нашуданд. Гуфтанд, ки ман шарм медорам. Чӣ тавр ман дар назди ректору муаллимон мешинам. Ман он касро ором кунонида, дар гаштаки навбатӣ ҳамроҳам бурдам. Дар ин нишаст ҷонишини ректор оид ба шӯъбаи ғоибона, ки ӯ низ Ҷумъаев Раҳим ном дошт иштирок мекард. Ҳамрокулови ректор ба Абдураҳим муроҷиат карда, гуфтанд, ки писарам шарм надоред, шинед, шумо ҳам муаллим, мо ҳам муаллим. Ректор бо донишҷӯ хеле сӯҳбат карданд ва дар хотимаи суханашон гуфтанд, ки маълум мешавад, ки хело худомӯзи кардаед. Дар ин нишаст писари Раҳим Ҷалил Шарифҷон, ки ҳамкори мо буд, бо Абдураҳим хело сӯҳбат карданд ва дар солҳои минбаъда ба ҳам бисёр дӯсти наздик шуданд.

Дар Донишкада чун сардори гурӯҳ ва ёвари методисти бахши таърих оид ба шӯъбаи ғоибона Валя соҳиби обрӯ ва эътибори хос буд. Моҳи августи ҳамон соли 1964 ман ба рухсатӣ омадам. Ҳамроқул омада маро ба Зимтӯд бурданд. Дар давоми як шабонарӯз аввал дар боғи зардолузор ва баъдан дар хонаи Абдураҳим дар канори дарёи Рӯзрӯд басо нишасти фарҳангии хотирмон ташкил карданд. Дар ҳамон нишасти хонаашон акои Сангинбой дар ҳузури чанд ҳамдеҳаашон эълон доштанд, ки аз ҳамин рӯз эътиборан Шумо аъзои оилаи Ҷумъаевҳоед.

Солҳо сипарӣ шуданд. Бо ҳукми тақдиру нону насиб маҷбур ба зодгоҳам омадам. Муносибати дӯстию бародариам бо Абдураҳим то рафт мустаҳкам мешуд. Ҳатто фарзандонашон

ба хона омаду рафт мекарданд.

Нисбати ҷавонмардии Абдураҳим як ҳолатро нагуфта, наметавонам. Соли 1970 ё 71 моҳи май дастаи ҳунарии филармония ба Панҷакент омаданд, бо сардории Ҷӯрабек Муродов. Аз сабаби он ки ман бо Ҷӯрабек ҳамкурс ва ду сол ҳамзист будаму аҳди бародари доштему то имрӯз дорем ба дидорбиниашон рафтам. Яке раиси колхози ба номи Рӯдакӣ Султонмурод Шодиев маро ҷустуҷӯ карда ёфтанду гуфтанд, ин бегоҳ Ҷӯрабек дар Ғӯсар консерт доранду розӣ мешуда бошанд, ки баъд аз намоиш ба хона даъват намоям. Ман бо Ҷӯрабек вохӯрда розигиашро гирифтам. Дар консерти ҳамоншаба Абдураҳим низ иштирок доштанд. Мо бо ҳам нишаста будем. Баъд аз намоиш ба хонаи раис рафтем. Абдураҳим ҳам ҳамроҳ буданд. Дар рафти сӯҳбат Абдураҳим Ҷӯрабекро ба як пиёла чой таклиф намуданд. Ҷӯрабек ба ман нигоҳ кард. Ман розигӣ дода, соату ҷояшро муайян намудем.

Рӯзи дигар соати 11 ба ҷои таиншуда, Қосимобод ё худ Водопади Навобод тамоми дастаи ҳунарӣ бо иштироки раис Шодиев ва ду нафар масъулони ноҳия ва ман ҳозир шудем ва шоҳиди он шудем, ки акои Сангинбой як гӯсфандро овехта, пӯст канданд, ҳоло пора накарда. Меҳмонон то соати чор хуб дам гирифтанд, рақсу бозӣ карданд, суруд хонданд ва дар вақти хайру хуш Ҷӯрабек ба Абдураҳим миннатдорӣ карда гуфт, ки ман аз Шумо як хизмат қарздор. Албатта чунин ҷавонмардиро ҳамон вақт ва имрӯз ҳам на ҳар кас карда метавонист. Чунин ҷавонмардию саховатмандии бародарон Сангинбою Абдураҳимро камина борҳо дар маҳалу дар сафарҳо дидаам.

Абдураҳим ба мушоҳидаи ман ва ё шояд табиатан бошад, тинати ӯ аз рашк, ҳасад, бӯҳтон, дурӯғ, кибр, кина, бадбинӣ, маҳалгароӣ орӣ ва ба маънои томаш инсони покиза, сафедном буданд.

Бисоти бародари ман аз некандешӣ, некгӯи, некрӯӣ иборат аст. Дасти дарозе дошт. Ба ғаму шодии ҳамдиёронаш

шарик буд. Абулҳайи Муҷахаворӣ нигоштааст:

Гарчи бисёр аст насли одам дар рӯи замин,
Бингарӣ бо дидаи таҳқиқ агар одам кам аст.

Ана ҳамин Абдураҳим аз зумраи кам одамон буданд. Дар фосилаи ҳашт сол ду мусибати вазнинро сипари кардам. Дар ҳар ду ҳолат ҳам Сайгинбою Абдураҳим бо фарзандонашон Рустаму Абдуҳалиму Насимҷону Ҳабибулло дар барам буданд. Зуд-зуд омада, аз ҳолам хабар мегирифтанд. Шабҳо хоб мекарданд, дилбардорӣ менамуданд.

Ёрон чу накӯед накӯтар шавед,
Дидед, ки ӯ ҳам дид касе ёр шавед.
Лофе назанед аз мардии хеш
Бар шахси ҷафодида парастор шавед.

-чунин буд ишораи бародарон, гӯё, ки ин байт аз забони ҳар дуи инҳо гуфта шуда бошанд.

Ақидаю мароми Абдураҳим дар ҳаёт, зиндагӣ чунин буд:

Роҳи некмардони озода гир,
Чу истодӣ, дасти афтода гир.

Дар ҳолатҳои душвори зиндагиам Абдураҳим ба наздам меомаданд, насиҳат мекарданд, далелҳо меоварданду мегуфтанд:

Омадам бар даргаҳат то ёру дамсозат шавам,
Рози дил гӯем ба ҳам, маҳрами розат шавам.

Ман сипосгузории зиёде мекардаму чунин мисраро дар дил мегуфтам:

Рафиқи хуби мактабӣ,
Зи хешу ақработ нағз.
Ба ростӣ, ба ростӣ,
Зи аммаву тағот нағз.

Аз ин рӯ, ман аз бародарони зимтӯдиаму фарзандони онҳо бо тамоми ҳастиам сипосгузорам.

Борҳо ба худ савол додам, ки ин некӯйи, ҷавонмардӣ, нексиришт, одамгарӣ, фурӯтанӣ ва тавозуи бародарам

Абдураҳим аз чӣ бошад, аз куҷо сарчашма гирифтааст?!

Дар сӯҳбат бо зимтӯдиёну одамони рустоҳои ҳамсоя Ворӯ, Ғазза, Ғӯйтан, Вену Порвен ва Пағна маълумам гашт, ки падарашон Ҷумъабою бобояшон Ҷаббор ва бародарашон Сангинбой бисёр шахсони оддй, пок, озода мисли оби равон, мисли барги сабз, чун оина бе доғ, замири тифлона ва дастархондору мискинпарвар будаанд. Ҳамин тавр ин авлоду ин насл аз паи ҷамъ овардани сарвату мол набуданд. Медонистанд, ки:

Дунё вафо надорад бар насли ҳеҷ инсон,
Марг аст дар каминат ин корҳо чӣ лозим.
Фарз аст сатри аврат, як ҷандае кифоя,
Кардан матои дунё бисёрҳо чӣ лозим.

Баъзан дар нишасту суҳбатҳои хосаи рафиқона Абдураҳим байтҳои зерро хотирасон мекарданд:

Дарвеши нишаста ояд ба дарат,
Хайре бикун барои рӯҳи падарат
Ҷамъ макун мол барои се кас
Шӯи зану домоду арӯси писарат.

Солҳо сипарӣ мешуданд. Фарзандон ҳама ба воя расиданд. Соҳиби вазифаю ҷои кор ва хонаобод шуданд. Умр ноаён мегузашт.Абдураҳиму ҳамсарашон (ки ман хоҳар хонда будаму он кас маро акои қиёмати хондаанд) даврони пирӣ меронданд. Аз ҳамаи фарзандонашон розӣ буданд ва шукри Аллоҳ мекарданд, ки фарзандонашон чун падар саховатманду накӯкор ва некному бофаросатанд. Лек афсӯс, ки дар чор панҷ соли охир Абдураҳиму ҳамсарашон, яъне бародараму хоҳарам мариз шуданд.

Беморӣ оҳиста оҳиста ҷисмашонро хароб кард.Борҳо ба дидорбинӣ рафтам. Ба хусус ду сӯҳбаташон бо ман яке дар Панҷакент дар хонаи Ҳабибуллою дигараш дар Зимтӯд дар хонаи худашон басо ширин, доманадор, фараҳбахшу хотирмон буд.

Ҳамин маризӣ оқибат кора кард. Ба гуфтаи Сармади ҷавонмарг:

Зиндагиро гӯ ҳамеша баҳри истиқбол бош,
Марг меҳмонест, ки ӯ ташриф орад бехабар.
Зиндагию марг дар як хонаанд,
Тифли як модар, вале бегонаанд.

Хабари марги бародарамро соати сеи рӯз бародари ба дил наздики дигарам Ҳамроқул ба ман расониданд.Аз шаҳри Панҷакент рост ба Зимтӯд роҳ гирифтам. Қариби говгум омада расидам. Рӯямро ба рӯи нуронии сардгаштаи Абдураҳим монда, ҷисми бечонашро дар оғӯш карда хуб гиристам. Фарзандонаш базӯр маро ором кунониданд.

Нолидам, ки мусибатхона шуд, қалбам зи дардат додари ҷонам,

Сиришкам дона шуд бар мурғи марҷон додари ҷонам.

Ҳамон шаб тамоман нахобидам. Охир ман чун бародар қимматбаҳотарин гавҳарро дар канори Рӯзрӯд гум кардам. Ба хаёлам дар ҳамон шаби баҳорон рӯд ҳам нолид. Пагоҳирӯз, дар рӯзи дафн, ки аз дуру наздик Панҷакенту ноҳияҳои Айнию шаҳри Душанбе одамони зиёде омада буданд, хун гиристам. Бародари эътиқодманд ва ҳологоҳамро дар канори чапи дарёи Рӯзрӯд дар сояи дарахтони сербаргу шох ба хок супоридем ва дар сари мазорашон ман гуфтам: Бародари ҷон Абдураҳим! Мазори Шумо дар дилу дидаи дӯстону ихлосмандону фарзандонатон аст. Хайрухушкунон ба рӯҳи поки бародарам муроҷиат кардам:

Эй фурӯғи рафта аз пеши назар ёдат ба хайр,
Рӯи гармат ҷилвагар андар назар ёдат ба хайр.

Ҳамон бегоҳ дар пушти расми калоне, ки дар рӯзи мотам дар тарафи чапам зада будам, сатрҳои зеринро навиштам:

Бе дидаву чашмони во,
Дигар намебинам туро.

На дар Замин на дар Само,
Ҳаргиз намеёбам туро.
Тар карда имшаб бистарам,
Бо ашкҳои дидаам.
Ҳарчанд кашам чандин ҷафо,
Дигар намеёбам туро.
Бар рӯҳи поки ту қасам.
Шояд расад рӯзе қазо
Он рӯз ман ёбам туро.

Ба тавсифи бародарон Сангинбою Абдураҳим ҳамин чизро гуфтаниям, ки агар сад сол модари Зимтӯдӣ обистан бимонадам чун Сангинбою Абдураҳим ҷавонмардони дасткушод, кушодачеҳра, давраоро, сапедномро ба дунёи ҳастӣ намеорад.

Замин чун модари фарзанд хора,
Саратро гар занӣ бар санги хора.
Агар сад сол обистан бимонӣ,
Насозӣ чун Раҳими мо дубора.

Абдураҳим бародари ман зиндаанд. Шукри Аллоҳ 8 фарзанди дар қайди ҳаёт будаашон Абдуҳалим, Абдунаим, Насимҷон, Нақибхон, Ҳабибулло, Шоиста, Шоира, Шодия номбардор ва давомдиҳандаи анъанаҳои неки падаранд. Баъд аз вафоташон низ қарзи фарзандиашонро нисбати қиблагоҳашон иҷро карда истодаанд.

Бузургтарин баҳоро ба ин нексиришт Саъдии бузург додааст:

Зиндаву ҷовид монд ҳар ки накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

ШАБЕ ДАР РУКНОБОД
БА ЁДИ АБДУРАҲИМ ҶУМЪАЕВ (САРҲОЛ)



ИСМОИЛ ЗАРИФӢ
Шоир.

Ба саҳрои дили шогирдаконат,
Равон будӣ чу дарёи Зарафшон.
Дили дарёии ту доимо буд,
Ба туғёну ба туғёну ба туғён.
Ба Зимтӯду ба Рукнобод умре,
Намудӣ аз карам омузгорӣ.
Насибат гашт дар дунёи дониш,
Ҳазорон номаҳои бурдборӣ.
Ба шеъре содаю қалби пур аз меҳр,
Фурӯзон доштӣ шамъи муҳаббат.
Ба ҳар ҷое расидӣ, аз садоқат,
Калиде омадат аз фатҳу нусрат.
Ба базме, ки Ато* буд ровии он,
Миёни дӯстон будӣ ту хушҳол.
Дили ту шод буд аз ташрифи дӯст,
Дили мо шод буд аз шеъри Сарҳол.
Карими* дилписандат дар барат буд,
Дурахшон ҳамчу моҳи осмонӣ.
Дареғо, баъди ту вомонда модар,
Зи дунё рафт андар навҷавонӣ.
Тамоми дӯстонро ёд ояд,
Шаби базми хуше дар Рукнобод.
Бихоб осуда то рӯзи қиёмат,
Дуо созам, ки қабрат бошад обод.

1.Ато Карим - шоир, дӯст ва бародари Сарҳол.
2.Ҷумъаев Каримҷон - нахустфарзанди Сарҳол.

ҚИСМИ 2

Ашъори шоир

БА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ ШАРИФОВИЧ РАҲМОНОВ

Муроди мо намедонед, халқон?
Бибошад зинда Эмом пури Раҳмон.
Чу дарёест овозаш хурӯшон,
Зи қаъри баҳр, то бар авҷи Кайҳон.
Чу фарзанди асил аст з-оли Сомон,
Ба сар дорад ҳамеша фикри моён.
Варо ҳар ҳарфу сатри амру фармон,
Бувад бар дардҳои халқ дармон.
Мукаммал дину оинаш зи Қуръон,
Кушод з-ин рӯ дари масҷиду ирфон.
Силаҳ шуд бар сари моён овезон,
Зи даст афтонадаш бо як ду фармон.
Замони сулҳи ободист, ёрон.
Кунун равнақ биёбад Тоҷикистон.
Баромад мекунад ҳар рӯз ,ҳар он,
Чу дуд мепечаду мегуд зи Афғон.
Агар дар Амрикосту Русу Ҷопон
Арал мегӯяду мешад парешон.
Ки то Чинро бипайвандад ба Олмон
Кушодан роҳи Абрешим буд осон?
Барои амну осоиш Сарҳол,
Дуои хайри ӯ гӯ аз дилу ҷон.

Надорад сар, агар мағзе зи вай дастор беҳтар аст.
Надорад шавқате додар аз ӯ як хор беҳтар аст.
Ҷаҳони обурӯ ҳарчанд аз мо мебарад ғамҳо.
Надорад завқи андеша аз ӯ ҳам мор беҳтар аст,
Зироъаш печутобиҳову занҷираш дучин дорад,
Агар фурсат ба даст орад, барояш дор беҳтар аст,
Касеро завқи гулбозӣ набошад дар сараш суде,
Давиданҳои бе судаш даруни ғор беҳтар аст,
Набошад дар миёни додарон гар шавқате эй дил,
Аз ин андешарониҳо ду чашми чор беҳтар аст.
Ба сар омад агар мушкил, аз он андешаҳоят чист,
Ки ҳар осоишу мушкил ба шуғли кор беҳтар аст.
Ба мардум рози дилҳо гӯ ту эй Сарҳоли зимтӯдӣ,
Чаҳонро як дуои модарони зор беҳтар аст.

Мазори Рӯдакӣ бинад ҳама девона мегиряд.
Зи дасти бекасиҳо Сармади фарзона мегиряд.
Рафиқон гӯш доред, ин чи шӯру ин чи ғавғо аст,
Зи дасти аблаҳони шум касе дар хона мегиряд.
Дар ин давру замони мо касеро кас намегӯянд.
Зи дасти саркашии нарх, як сомона мегиряд.
Намегардад фурӯзон, ин чароғи барқи моён ҳам.
Дар ин зулматсаро ҳар кӯдаки тарсона мегиряд.
Аё бахти сияҳрӯён ба кӣ гӯед ҳама фармон,
Набошад субҳ дармонаш чаро парвона мегиряд.
Биёву хуш бихон Сарҳоли Зимтӯдӣ барои мо,
Ба ҳоли бенаво танҳо дили девона мегиряд.

Баҳори интизорам омаду роҳам хато шуд.
Бародар бо бародар ҷангиду аз ҳам ҷудо шуд,
Чӣ гӯям эй бародар, зодаи як модарем мо,
Ҷудоӣ дар миёни мардумон бар ман боло шуд.
Надонӣ қадри ёронро магар санги мазори ту,
Ҳазорон панд бар ту бар сарат ҳамчун ридо шуд.
Дар ин дунёи кашмокаш, ки ман худро намедонам,
Ҷудо аз ёру дӯстонам маро дорулфано шуд.
Манам бечора Сарҳоле, раҳе гум кардаам ман,
Барои дӯсту ёронам бале, ҷонам фидо шуд.

Дили бемори ман андар даруни сина мегиряд.
Иноят кун Худовандо, ки он ганҷина мегиряд.
Чу бигзашт аз ҷудоиҳо миёни дӯстонам зуд.
Даре бастанд ба рӯям, ки хубе бекина мегиряд.
Ба кӣ гуям ғамамро, ман намедонам, куҷоӣ ту?
Ба ҳоли зори ман ҳар ошно дерина мегиряд,
Накардам бандагӣ , эй вой , асо омад ба дасти ман,
Ба кунҷи хонаи танҳо фақат Ойина мегиряд.
Бадам гуфтанду хурсандам, кунун дар гӯр танҳоям,
Илоҳо рас ба фарёдам , ки ин дафъина мегиряд,
Аё Сарҳоли нодонам, чаро менолӣ аз одам?
Ба мисли ту ҳазорон кофару мӯъмина мегиряд.

Сангреза санг насиби рӯи обаш гаштааст,
Дасти меҳнат назди мардум бар ҳубобаш гаштааст.
Аз бароям кӯчаҳо гардида зебо дилнишин,
Сой аввалро ҷудо карду ба роҳаш ҳамнишин.

Роҳи асфалташ маро чун дилрабоӣ мекунад.
Сабзаҳо дар роҳ худро ҷонфидоӣ мекунад.
Як нигоҳе кун ту Сарҳол сабзаҳои обро,
Махмалин дар зери по себаргаҳои хобро.

Баҳри обаш Боймуроди Холмурод,
Хати оби лӯлагине ӯ ниҳод.
Хурраму сероби боғе дар сароб,
Гар ту бедорӣ биё бин ё ба хоб,

Хуш тароват масҷидат зебову бошад ҳам чунон,
Саҳни майдон зеби даврон дар замину дар замон.
Маркази илму адаб ҳар мактабаш бар толибон.
Пайкаре дорад нигоҳи ошиқону дилбарон,

Дар баландӣ менамояд қуллаҳои сап сафед.
Рӯзи бадро мешавад аз баҳри мо ҷои умед.
Дар баҳорон Сетасангаш сабзазори хору гул,
Аз барои барраву бузғолаҳои карда тул.

Гургу рӯбоҳу шағолро ҷои хоб андохта.
Кабкро бо зоғу бумҳо дар итоб андохта.
Эй ту Сарҳол, ин қадар зори табиат гаштаӣ,
Ҷои вағму бар сари ту як ниқоб андохта.

Рафтан аз дунёи дун аз баҳри мо террор нест,
Моли олам ҷамъ кардан кори ҳар дилдор нест.
Фурсат шумори вақтро дар ҷаҳони рангу бӯ,
Андӯҳу ғам якҷо шавад касро сари гулзор нест.
Айёми моро ҳар замон бошад ба худ як инқилоб.
Эҳсоне мекунад ҳар кас, ки худ бемор нест,
Илҳоми моро талхтар ҷоми амал бошад зи даҳр,
Ҳастии моро фурсат чун атри ҳар Аттор нест.
Дасти маҷмуии ман гардида чун нури гуҳар,
Донои оламро нигар бо субҳу шомаш кор нест.
Сарҳоли моро ҳам нигар дар дил надорад хоҳише,
Ҳичрони ин ғурбатсаро набзи варо бемор нест,

Эй Худо бо қоматам дар зери ғам борам макун,
Дар замони пириам ассои бозорам макун.
Дар сар ояд гар маро муҳтоҷии ҷою ҷалол,
Ту малоик бар сарору рӯ ба деворам макун.
Тӯшаи охири ман гар бенамозӣ буду бас,
Гар чи бадрӯ мардумам, ту сахт кушторам макун.
Мебарандам бори вазнине, ки ман дар тобутам,
Чун ба хоки тар супорандам ту озорам макун.
Гар моликҳо саволам макунанд аз раббу дин,
Ту кушо куфли забонам бас гирифторам макун,
Аждаре гар сар халонад чорааш бин эй Худо,
Нотавон дар ҷисму хам озурдаам хорам макун.
Гар гунаҳкор аст ин Сарҳоли бас бадрӯи мо,
Раҳматат дорам умед, ки дохили норам макун.

Дӯстон арзи умедам назди ёри ман баред,
Заррае аз кору бори ҳоли зори ман баред.
Гар надорам лаҳзае аз ёди ӯ ман як хабар,
Илтимос ин ки хабар аз шуғлу кори ман баред.
Меравам ман аз ҷаҳон бо сад ҳазор оҳу фиғон,
Ин аламҳои маро бар гулъузори ман баред.
То Киям аз вай ҷудо девонавор афсонагӯ,
Мерасад боди мурод ёд аз Хумори ман баред.
Мебарад соҳил маро аз ғарқи исёнам ҷудо,
Амн бо амри Худоям бар диёри ман баред.
Аз бало дори Худоё ту нигаҳ Сарҳолро.
Тӯшаамро тавбаи умедвори ман баред.

Ғанимат дон ҷовоно навҷавонӣ бар намеояд,
Зи пайконат равад тире бихонӣ бар намеояд.
Ҷавониро мадеҳ аз дасту коре метавони кун,
Ки дар пирӣ зи мағзи сар маъонӣ бар намеояд.
Ҷавонӣ ғунчаи нашкуфтаасту оқибат пирист,
Дуъои хайри пиронро хазонӣ бар намеояд.
Чунон афсурдааст ин дил ки андар кишвари пирӣ,
Ки ҳар гоме ки мемонӣ, чаққонӣ бар намеояд.
Шикасти ин дили озурдаи бемори ӯро ту,
Кашидан бо тарозу то тавони бар намеояд.
Биё Сарҳол рав тӯ хизмати дарвешу пире кун!
Ки бахшиши хатои ҷуз забонӣ бар намеояд.
Зи қавми ин замон ман луқмаи ғам дар даҳон дорам.
Ба дил андуҳ андар сина ғамҳои ниҳон дорам.
Ба гуфти Ҳофизи Шероз, касе бар кас надорад кор,
Бародар бо бародар шавқати кам дар ниҳон дорам.
Ба мисли маъдананд ин мусафедон дар фазои мо,
Мусулмоне бувад гар ҳурматашро ман ба ҷон дорам.
Ҳамерезад ба сар сад жола борон аз лиҳози таън.
Азобе мусафедиро ман аз чанде ҷавон дорам.
Биё Сарҳол аз маърифати мардум бигу ки чист.
Ки аз маънии бадруён ба худ умре хазон дорам.

Дар ҷаҳони бевафо ёрону дӯстонам намонд,
Рафтаанд аз оламу шерони давронам намонд.
Чун баҳорам рафтаю омад хазони умри ман,
Он ҳама парвандае бар рангу раҳмонам намонд.
Он азизони ҷаҳонро дидаам бо чашми худ,
Рафта бар дори бақо як-як агар хонам намонд.
Ҷони ширинам туро оварда яздонам ба мо,
Меҳри он олам туро з-ин боғи вайронам намонд.
Фикри ёрон мекунам савдоии саҳро шудам,
Во дареғо ҳамдаме дар кушку айвонам намонд.
Ғам махур Сарҳоли фархунда ту андар ин ҷаҳон,
Гар бимонди андар олам акси ҷононам намонд.

Биё эй ғунчаи навбар ба роҳат ман назар дорам,
Зи ишқи ту дар ин олам ба афроде зафар дорам.
Биё эй ҷони ширинам ба паҳлуям, ки мехоҳӣ,
Дар ин маҳфил, ки мо дорем бароят як назар дорам,
Фидои ошиқат Сарҳол дилро беғубор орад.
Барои илтифотат ман қадаҳро пуршакар дорам,
Биё эй ҷони ман ин орзуи дил кунем ҳосил.
Ки ҳосилаш мани булбул бале оҳи саҳар дорам.

Дар ҷаҳони бевафо сарви хиромон нозук аст,
Булбулонро дар қафас хотираи ҷон нозук аст.
Мебарад ҳар дам хаёлаш то ба сӯи кӯҳи дӯст,
Бехудиҳоят ҳама аз баҳри ҷонон нозук аст.
Гар ғалат бошад маро узре ки дорам аз Шумо,
Бас ки дар боби сухан ҳар ҳарфи девон нозук аст.
Чун ҳазорон лолае рангинкамоне сохт аст,
Гар бубини нозанин дастони гулдон нозук аст.
Ҳофизони хушсадо бишнав зи Сарҳол ин нидо,
Борбадро ёд кун, лаҳни хушилҳон нозук аст.

Зиндагӣ дар ин ҷаҳон хобу хаёле будааст,
Бекасонро бекасӣ амри муҳоле будааст.
Фикри дунёро надорад камбағал бечорагон,
Хаммиён модар зи ғам чун ҳарфи доле будааст.
Мерасад ҳар дам хаёли куҳи ӯ моро ба ёд,
Ин замон аз баҳри мардум сахт соле будааст.
Дар ғарибӣ дода ҷонҳоро ба сахтӣ сад ҳазор,
Ин ҳама бад бахтиҳо мисли шамоле будааст.
Тақдири рӯзи азалро дӯстон таъбир чист,
То ба кай Сарҳол гуяд ин мисоле будааст.

Кай аз ту меёбем мо, амну амону бехатар.
Моро барои қиссаҳот ори ту доим дарди сар.
Эй бепадар, эй бепадар дори чаро аз мо ҳазар,
Аз баҳри муште симузар мардум ғарибу дар ба дар.
Дори ту моро он қадар ғарқи моломат дар назар,
Холӣ чу карди қиссаҳо гӯё ки ёфти ту шакар.
Ту гӯш кун Сарҳолро то боз гуяд ҳолро,
Бишнав тӯ ин маққолро бошӣ амону дӯртар.

Эй ҷон биё, ҷонон биё, ҳам бар дари айвон биё,
Бе гуфти ину он биё, бо қадр чун меҳмон биё.
Ман ҳам асири номи ту, чун оҳуи дар доми ту,
Гаштам ба зуди роми ту, бо чеҳраи хандон биё.
Нақши ҷабини ман туӣ, доим қарини ман туӣ,
Атри камини ман туӣ, бар бистари ман хон туӣ.
Ҳар зевари тоҳир туӣ, сардафтари нодир туӣ,
Девонагу шоир туӣ,ман банда ту султон биё.
Ту сайқали имони ман, ҳам рангу ҳам райҳони ман,
Дар ҷисму ҳам дар ҷони ман, бо амру бо фармон биё.
Сарҳол манам маҳзун манам дар води Сайҳун манам,
Гоҳ андаке Маҷнун манам бо дорую дармон биё.

Ҳар яке дар зиндагӣ чун тутиё бояд шудан,
Субҳу шоме дар ибодат алвиё бояд шудан.
Гар Худо аз зоти худ чун одамиро офарид,
З-ин сабаб эй одамӣ чун Атқиё бояд шудан.
Ҷоҳилон имрӯз гар болотаранд аз мо чӣ ғам,
Хуб феъли зери по чун буриё бояд шудан.
Гар бидонӣ қадри хешон дар ҷаҳони бевафо,
Нафъдору безиён чун кимиё бояд шудан.
Бар уфуқи осмон ту додарони ҳафт бин,
Дӯстии оламатро бериё бояд шудан.
Он чи дори орзу Сарҳол дар дунёи дун,
Чун гули шому саҳар ту бо ҳаё бояд шудан.

Оламеро ки Худо додааст моро баҳри нон,
Бо табассум дидаам деҳқону доро баҳри нон.
Мешавад ҳусни дучандон бар гиёҳи саҳни боғ,
Медурахшад хушаҳои сабзи саҳро баҳри нон.
Ҷонканиҳо мекунад доим ба ҳасрат ҷоҳилон,
Мекунад садҳо ҳазорон корҳоро баҳри нон.
Мешавад олам гулистон гар кунад деҳқон кишт,
Мезанад белу каландашро ба саҳро баҳри нон.
Ҳар киро кофӣ набошад меҳнати рӯӣ замин,
Мезанад чанге ба хоку санги хоро баҳри нон.
Аз тағофулҳои олам ҳамчу Сарҳолам хиҷил,
Дусту душман макунам доим мадоро баҳри нон.

Барои ҷустани руят мани олуфта беморам,
Қароре ҳам надорад ин дили ошуфта беморам.
Куҷое меравам номи хушат ҳамроҳи ман бошад,
Ҳамеша дар забонам зикри ту ногуфта беморам.
Иллоҳо мебарам бо ту паноҳ аз оташи дузах,
Зи ҳаҷри нури покат ман шабон нохуфта беморам.
Ба даргоҳи ту менолам ба зери чархи гардунат,
Иллоҳо даст гирам, ки мани носуфта беморам.
Ту Сарҳоли агар гирад забонат мур истиқбол,
Чу хоки гарди роҳаш аз ҷабин норуфта беморам.

Бар касе ин мулку давлат ҷовидон хоҳад намонд,
Шарбаташ дар коми ҳасратҳо ниҳон хоҳад намонд.
Ҷамъашон доранд гуш ин, ки суруди ҳасрат аст,
Шоми ҷоҳил дар қиёмат бе зиён хоҳад намонд.
Ҳамдаме гӯраш магар бошад ҳамеша мору мур,
Ҳар шабе аз оҳу дардаш бефиғон хоҳад намонд.
Мақсадаш ҳосил ақиқеро намеорад ба даст,
Лолае рӯяд ба гӯраш бехазон хоҳад намонд.
Гар ҳарифонанд маст аз ин шароби ин замон,
Ин ҳама мастии онҳо бо бадон хоҳад намонд.
Базмгоҳи ғайбат аст ғорат миёни одамон,
Маҷлисаш бе сактаи дил дар амон хоҳад намонд.
Аз тараб Сарҳоли зимтӯдӣ зи маҷлис дур мондаам,
Дасти умедаш ҳамеша зарфишон хоҳад намонд.

Тоҷикистони азизам, кишвари овозадори ман,
Илму фарҳангаш физуда дар дили бедори ман.
Ному нангу номусаш вирди забони мардумон,
Қаҳрамон дорад зи халқи оқилаш андар ҷаҳон.
Душманон гар мебаранд аз бад ҳасад бар сарҳадаш,
Канда мегардад зи ҷисму ҷон вуҷуди пайкараш.
Тоҷикистон аҳди нав барбаст бо мо имрӯз,
Мешавад фардо мунаввар байрақи ояндааш.
Бо ҳазорон заводу фабрикаи хоси замон,
Қимматаш афзӯда мегардад чу мулки навҷавон.
Истаравшан ҳам мунаввар мешавад аз туяшон,
Зебише меоварад дар Суғд рангу буяшон.
Ноби Сангин тӯдааш партафишонӣ мекунад,
Хонаи зулмоти моро бас нуронӣ мекунад.
Ағбаҳо пастар шаванду роҳҳо мардумгузар,
Роҳи мо обод мегардад, на хавфу не хатар.
Оби дарёҳо равону мебарандаш сӯи кишт,
Эй Худовандо нигаҳ дор аз балою чашми зишт.
Мекунад тиллои тоҷик Тоҷикистонро азиз,
Мардумашро мекунад ороставу аҳли тамиз.
Сар ба боло мекунад зимтудагӣ Сарҳоли мо,
Рӯдакиё шод бош аз мову аз атфоли мо.

Хонаи дил пур зи дуд аз доғи рӯз,
Қоматам хам гашта буд аз доғи рӯз.
Ваъдаҳо, по дар ҳаво дар ин замон,
Қадри одам рафт зуд аз доғи рӯз.
Шуд хусусӣ моли ҷамъият кунун,
Сад дареғо ғам фузӯн аз доғи рӯз.
Дар замона дастхолӣ, хору зор,
Ранги рухсораш кабуд аз доғи рӯз.
Гар фитад кори касе бар ҳар табиб,
Кай ҷарроҳӣ шуд ғадуд аз доғи рӯз.
Об кам шуд хонаҳо бе нури барқ,
Ин баҳона вонамуд аз доғи рӯз.
Сар кунун Сарҳол зад дар кунҷи ғам,
Хунҷигар шуд дар вуҷуд аз доғи руз.

Ҳарчанд ман бо каҷравон роҳат хато гуфтам нашуд,
Ҷоми маяш бишкастаму панди Худо гуфтам нашуд.
Дар корвони ақли худ ноқисиҳое дидаам,
Ин кӯтаҳи дар охират орад ҷафо гуфтам нашуд.
Монанди кайке дар танат хуни ҷафое мемакад,
Ин серии аз ҳад зиёд орад вабо гуфтам нашуд.
Саргармии ин лаҳзаат то кай вафоят мекунад,
Во ҳасрато, ай во дареғ, роҳат хато гуфтам нашуд.
Сарҳолро ту гӯш кун панду насиҳат медиҳад,
Як панди ҳар пири муғон бошад шифо гуфтам нашуд.

Ба олам мекобамат ман ранги рухсори туро,
Аллаҳои нозанин он лаҳни гуфтори туро.
Аз муҳаббат хандаам меомаду нозат ширин,
Аз куҷо ёбам кунун ман тарзи рафтори туро.
Чашм бар роҳам хамеша токи бинам омадан,
То чи гуям, ки сазад ҳарфе сазовори туро.
Дар раҳат бигзоштам садҳо алам то бингарӣ,
То бубинам лаҳзае ман чашми хумори туро.
Мекунад ҳасрат ба оби дида ин Сарҳоли ту,
Менаёбад ӯ дигар чун худ вафодори туро.

Зиндагӣ омузиши дарси ниёгон асту бас,
Зиндагӣ худ ҳамқадам бо рӯзгорон асту бас.
Зиндагӣ дар сахтиҳо аз санг сахттар будааст,
Ҳарки бишкофад раҳаш, ӯ марди раҳдон асту бас.
Зиндагӣ асрори олам, ҳамчу ганҷ аст ӯ ниҳон,
Ҳарки нақбаш меканад, монанди ҳайрон асту бас.
Зиндагӣ дар кунҷи танҳо, бенишонӣ нест-нест,
Зиндагӣ дар ҳалқае аз ҳамдиёрон асту бас,
Зиндагӣ хуш гузарад, маншаи хурсандии туст,
Варна баҳри беҳунар, монанди зиндон асту бас.
Тӯ магӯ Сарҳол дигар кору бори зиндагӣ.
Роҳи он ёбад касе, ки марди майдон асту бас.
Гар тавонӣ ҷонакам ту як дилеро шод кун,
Бандаеро аз ҳазорон, аз бало озод кун.
Хотире озурдагони даври моро гар набуд.
Ин тиҳидастони дунро ҳар саҳар ту ёд кун.
Гар шавад тобандарух дар назди эзид як ятим,
Даст бар сар ҳар ятимеро гузору шод кун.
Ҳар хусумат дар дилаш дорад касе пиру чавон,
Хонаи дилҳои онҳоро ба лутф обод кун.
Гар бубини хастаро ҳамранги рафтораш бишав,
Бо тараҳум қомати паҷмурадаро шамшод кун,
Ёби вайро гар ба дунё эй ту Сарҳоли ғариб
Баҳри ёрон андаке аз шеъри нав эҷод кун.

Ҳавои ишқи ҷононам, ба дил меҳри туро дорам,
Чу як хулди барин ман маснаду бустон саро дорам,
Вафо ҳаргиз аз ин олам барои умри мо набвад,
Намедонам аз ин андуҳ ман пои киро дорам.
Ба сӯям ҳар замон парвоз дорад дил маро бешак,
Хаёлам ҳамчу сайде ман ба гулзораш чаро дорам.
Тулуи гулшани рӯяш расад рӯзе ба чашмонам,
Барояш медиҳам ҷонро ҷафояшро вафо дорам,
Бубинам нақши тасвираш ба ҳар ҷое, ки ман бошам,
Ба аксаш гашта шайдо ман ба оҳангаш садо дорам.
Барӣ бори маломат бар сарат гарчанд Сарҳолӣ
Ки пеш аз навбати рафтан ба ҷуз ту ман киро дорам.

Соғари май ҳар куҷо моро тассало мешавад.
Ҳар куҷо бошад агар, як даста тилло мешавад.
Рас ба фарёди гадоён, бе низое нон деҳ,
Ҳар китоби донишат аз сарв боло мешавад.
Нуқтасанҷӣ бад магӯ бадро миёни нокасон,
Худ ситой байни мардум бар ту бало мешавад.
Бар зимоми ақли худ ту устувору шоҳ бош,
Ҳар замоне ин карам чун нури аъло мешавад
Ошноӣ мекунад бар номи ту он мӯқалам ,
Як замоне нақши ту, бар хона ҷилло мешавад.
Панди неконро бигир Сарҳоли ҷон омӯзу рав,
Баъди рафтан панди некат қадр боло мешавад,

Мурғи дил ҳар дам ба рӯям донаронӣ мекунад,
Офтоби рӯи вай партавфишонӣ мекунад.
Аз мани шурида пурс авзоъи мазмуни варо ,
Дар диёрам ӯ маро номеҳрубонӣ мекунад.
Мавҷи гавҳар қуръаи фолаш чунин медиду гуфт,
Мулки даъвояш маро сад қиссахонӣ мекунад.
Сели обам шуд фузун, монанди симоби сутун,
Ҳосили мардумшикораш дилситонӣ мекунад.
Роми ман садсолаҳо, аз руӣ савдои сарам,
Тухми умеди маро, ӯ киштронӣ мекунад.
Чок гардад синаи ҳар кас, ки бошад дам ба дам,
Шури тӯфони суханро, гапхалон ӯ мекунад.
Гардиши айём чун Сарҳол меорад ба назм,
Бод он кас хуш, ки вайро қадрдонӣ мекунад.

Худовандо ба лутфи худ ҳабиби мо Муҳаммад кун,
Зи ин дунёи беҳосил насиби мо Муҳаммад кун .
Дили озурдагонро посдори охирин рӯзе,
Рафиқу мунису ёру табиби мо Муҳаммад кун.
Раҳе ки мебарад маро ба суӣ кулбаи васлат,
Дар он рӯзе ки мебинем насиби мо Муҳаммад кун.
Ғарқи баҳри исёнам, хабар аз ёри ҷонам нест,
Расон бар соҳилам эмин қариби мо Муҳаммад кун.
Ғубор аз ноумедиҳо, Азозилро нидо кардӣ.
Тарозу гар ниҳанд он руз хатиби мо Муҳаммад кун.
Ғаму андуҳи он рӯзҳо ба дил Сарҳол агар дорӣ.
Фитам дар сели қаҳраш гар шафиқи мо Муҳаммад кун,

Рӯ матоби ҷони ман боре Худоӣ карда гир,
Бо ғарибони ҷахон ҳам ошноӣ карда гир.
Ҷуши дил омад ҷавони бистсоле гуфтаам ,
Бо рафиқи номувофиқ бевафоӣ карда гир,
Баҳри мо аз минбари тақво дигар ҳарфе мазан.
Эй ҳабибам муфлисонро роҳнамоӣ карда гир.
Ҷавҳари масҷиду мактаб гарчи аз фарҳанги туст,
Метавони илмро доим гадоӣ карда гир.
Гар мунофиқро бубинӣ зуд аз пешаш гурез,
Бодае бо вай манӯшу порсоӣ карда гир.
Ҳарчи дори мағзи сар ҳуш дор хоҳӣ офият,
Ҳамчу ин Сарҳол онро посбонӣ карда гир.
Дунёи нав омад агар осоиши деҳам Худо,

Гум кардаам роҳи куҳан бикшо раҳе беҳам Худо.
Аз бас надорам манзиле дунё ба чашмам тор шуд,
Ин мушкилам осон бикун ёбам раҳи деҳам Худо.
Харгиз намемирад агар ин оҳи оташсӯзи ман
Дар рузгорон оташам чун шамъ дардеҳам Худо.
Ин осиёи чархи гардун устухонам нарм кард,
Гардидаам лоғар басе мекун ту фарбеҳам Худо.
Дорад фалак худ қасди ман имруз ё фардо агар,
Ман дар сироти мустақим по бехатар неҳам Худо.
Дидам агар офоқро Сарҳоли ман нокоми дил,
Аз баҳри ҳар як камбағал чун панди носеҳам Худо.

Эй ҳотифи арзу само бикшоди роҳи набзи мо,
Борони раҳматро бирез бар ҳар канори ҳавзи мо.
Хон бар замин густурдаам чашми умед бикшодаем,
Гардон фаровонҳосилӣ, андар замини сабзи мо,
Хотир нигаҳдор эй Худо, бардоштам дасти дуъо
Болида гуям эй Худо бошад мудом ин рамзи мо,
Аз бими тӯфони ҳаво, хуршеди тобони само.
Моро нигаҳ дор аз бало, бардори ту гар нози мо,
Бори гаронро эй Худо, ҳаргиз манеҳ бар бенаво,
Бошад хато ин ақли мо, узре бувад ҳамрози мо.
Бар касби кори ҳар ҷавон бикшо раҳе бар осмон,
Дар гӯшаи хуршеду маҳ,ҷое бидеҳ ин сози мо.
Ҳамчун баҳорам ё хазон, бархезу бар суям биё,
Бошад нигаҳ дорад Худо, ин давраи фаррози мо.

Худовандо бидеҳ шодӣ дили умедворамро,
Барори кори халқу раҳсипориҳои борамро.
Мабин бо чашми бад ҷонам,мазан ту ханҷаре, бар кас
Нигаҳ дор аз бало ту ҳар ҷавони шаҳсаворамро.
Намаккуре ки зишти мекунад бар мо ба худ созад.
Бизан ту бар танаш хоре бидонад созгорамро.
Ки бо виҷдони поку раҳнамо аз насли Сомонем,
Кунун кас менадонад як сиёҳи кору борамро.
Ба хун зад дасти ҳар як нохалаф зуд аз ҷаҳон бигзашт,
Ки олам боду чашмаш дид ҳоли беқарорамро.
Магу дигар ту Сарҳол аз гузашти чархи гардунаш,
Ки Ҳофиз аст Ҳофиз ин барори нобарорамро,

Ҳой эй сабо бархезу буӣ нозанин бар ман биёр,
Як шарбате аз руй он лабшакарин бар ман биёр.
Дил рафт аз дастам маро дигар надонам чора чист,
Боре карам кун эй Худо аз муй чин бар ман биёр.
Гардам фидоят эй дило,карди маро чандин ҷафо,
Бигзар зи рӯи ман даме, з-он ҳамнишин бар ман биёр.
Озурда аз доғи ваям, ҳамхона дар кӯҳи ваям,
Ҳоле ки дорам худ нигар, он маҳчабин бар ман биёр.
Сарҳол гуфто ин чунин,аз бую рӯӣ нозанин,
Боши агар ту дар камин, аз ону ин бар ман биёр,

Эй ҳабиби одамон бар кас ғазо даркор нест,
Гулшани боғи халоиқро ҷафо даркор нест.
Шоми пирӣ мерасад, субҳи ҷавонӣ рафт зуд.
Панди пирони хирад гуфтан хато даркор нест.
Аз ҷудоӣ то кай арбоби ситам гӯяд сухан,
Аз барои қасди зулмаш ҳар ҷазо даркор нест.
Дил чароғон шуд зи дониш аз адолат меҳрсоз.
Баҳри мо бори дигар хунин қабо даркор нест.
Рахнаи дил бар лаим сози карам гардидааст,
Бар машомам буӣ хун аз ҳар бало даркор нест.
Гар хатое сар занад аз аҳли илм андар замон,
Он зи тақдири иллоҳ аст носазо даркор нест.
Нуқтадони панди шодият нашуд Сарҳол агар,
Баҳри номи ҷовидон савту садо даркор нест.

Баъди умре дар ҷаҳон аз мо нишон хоҳад намонд,
Ғайри фарзанди ба номус.ину он хоҳад намонд.
Меравам аз ин ҷаҳон бо сад алам гарчанд ман,
Дар дилам з-ин сад алам ҷуз ормон хоҳад намонд.
Тирабахтон дар муҳҳабат пофишонӣ мекунад,
Дар замон ҷуз номи ишқу ошиқон хоҳад намонд.
Дил набастам ман ба гардишҳои айёми замон,
Мерасад рӯзе, ки дар ин ҷисм ҷон хоҳад намонд.
Пардаи ушшоқи моро сози хуб ҳосил нашуд,
Дасти имлоям бигир нуқсе дар он хоҳад намонд.
Ҳамдаме моро нашуд то маърифат донад накӯ,
Ҷой ҳар бемаърифат боло макон ҳохад намонд.
Ахтарат дунболагир Сарҳол шуд дар айни ҳол,
Сад дареғо номи ту ҷуз дар забон хоҳад намонд.

Эй Худоё сири худ дар худ ниҳонам кардай,
Аз барои нафси шумам давдавонам кардай .
Нохушиҳой туро ҳар кас ба олам кам надид,
Ҳар куҷое бингарам хору хазонам кардай.
Дар замон заҳмат кашида ҳар касе бас рӯзу шаб,
Шукр гӯям, ки аз он заҳматкашонам кардай.
Нокасеро гар бубинам дар миёни мардумон,
Ҳамд гуям, ки ба мардум безиёнам кардай.
Гарчӣ муй сар сафеду қоматам хамгашта шуд,
Бо умеди рӯй хубат навҷавонам кардай.
Сад ҳазорон ранҷу меҳнат ҳам нашуд суде ба кас,
Рафт яғмо, меҳнатолуди замонам кардай.
Кӯдаке омад ба дунё ранҷу меҳнат шуд насиб,
Мисли Сарҳолат ба назме тар забонам кардай.

Ҳар куҷое меравам ҳамроҳ кӯрон асту бас,
Даст бар коре занам дар роҳи раҳмон асту бас.
Зиндаам бо номи ӯ ман дар фазои ин замон,
Ҷону дил аз номи ӯ чун лола хандон асту бас.
Ман надорам як ҳарос аз гарму сардии замон,
Дар барам ҳар номи ӯ монанди дармон асту бас.
Сар ба болини аҷал ояд, равад ҷон ҷовидон,
Номи ӯ дар ҳар куҷо бар сар, саробон асту бас.
Ҳар куҷои зоти ҳақ моро харидорӣ бикун,
Мечашад ҳар қатра Сарҳол оби ҳайвон асту бас.

Ҳар чиро дар даст дорӣ шукр кун эй ҷони ман,
То зиёдат бар ту гардад неъмати арзони ман.
Гар надори шукри неъматҳои ҳақро дар ҷаҳон,
Аз кафат берун шавад, эй ҳамдами нодони ман .
Эй писар доим биё ту панди пирон гӯш дор,
Чун Сикандар мерави дасти тиҳӣ ҳайрони ман.
Ҷаҳд кун ту бар савобу хайр ҳам чун дигарон ,
То насиб гардад туро он чеҳраи раҳмони ман.
Ҳар саҳар худ хезу рӯ бар хонаи ҷонона кун,
То шавад розӣ Худо ҳам аз туву аз они ман.
Пурсиши моро набошад, аз зану фарзанди ғайр,
Аз ҷамолу молу ҳам аз тангаву сомони ман.
Гарчи Сарҳол ин насиҳат бар шумоён гуфту рафт,
Раҳм кун гуфт эй Худо бар дидаи гирёни ман.

Шарики ин замонам ман, зи дасти чарх фарёдам,
Нашуд аз кулфату зулмат маро бар сар даме шодам.
Агар дорад шикебе раҳнамо аз баҳри мо ё раб.
Ба ёдам кош меомад, парешонӣ аз эҷодам.
Хайёли қомате ҳар лаҳза меомад ба сар ёдам.
Ба ҷонам мекунад ҳар лаҳзае он тундху қасде,
Кунад аз талхии коми рақибон ҳар гаҳе шодам.
Макун расвои олам эй Худо ҳар бандаи гумроҳ,
Надорам матлаб аз дунё, ки созад хона ободам.
Гуҳарҳо суфта шуд аз лафзи ту Сарҳоли ҷон имрӯз,
Суханро болу пар бикшо, ҷаҳон донад, ки озодам.

Занги аввал бори аввал сӯи ирфонам кашид,
Занги охир мӯ ба мӯ ақли расоям бар кашид.
Занги аввал бори аввал ҳарфи “о”-ро ёд дод,
Номахатро занги охирин ба мо озод дод.

Ҳар кадоме гаштаем аз мо кунун бедори илм,
Ин замон соҳибрасо аз ғураги бо илму ҳилм.
Кай бидонад модаре ки кӯдакаш одоб ёфт,
Ҳар куҷо бошад падар аз кӯдаконаш рӯй тофт.

З-ин сабаб ақли расо аз кӯдаконаш мурд, мурд.
Меҳри мактабро кунун аз кӯдаконаш бурд, бурд.
Бо ҳикоят водареғо гуфтаи Сарҳоли мо,
Во дареғо мактабам ҳасти ту оби пур ҷило.

Тоҷикистони азизам давлати ҷонона аст.
Миллаташ андар ҷаҳон чун гавҳари якдона аст.
Ин замини камтаринро дину оинаш бас аст.
Ҳам чунин фасоду ҳосид, дар бараш бегона аст.
Ҳар, ки меорад халал ба рӯӣ халқи ин Ватан.
Сад қасас хонад агар мастонаю афсона аст.
Ҳар, ки мемонад қадам бар синааш аз рӯӣ кин,
Ин бало бо ин хато кори саги девона аст,
Номи некаш чун фузуд аз минбари Боми ҷаҳон,
Халқу миллат дар бараш чун шамъ бо парвона аст.
Кохи Сомон он қадар аз таърихаш дорад ҷарас.
Беҳтарин Сарҳолро ин тоҷикӣ мардона аст.

Тоҷикистони азизам нури сомон буду бас,
Дар ҳарими ин ҷаҳон чун тоқи шоҳон буду бас.
Аз қадим айбе набудат то ба ҳоло зиндай,
Дастгири кӯру кар ин тоҷдорон буду бас.
Бо ту дорем ифтихор мо тоҷикон аз мулки худ.
Сулҳи моро чун калиди ошиқон он буду бас.
Хирмане дорӣ ҷаҳон дорад аз он чашми ҳасад,
Ҳар гурусна қозиро чун шери даврон буду бас.
Мекунад аз ту надомат,фарди нодон аз биҳишт.
Сарбаланд аст он куҷо қоруни даврон буду бас,
Оташе нест ин замон суят, на ҷой тир монд,
Банду занҷирро кушода вақти дармон буду бас.
Гӯ дуои хайр,эй Зимтӯдии Сарҳол ту,
Тирарузонро ҳамеша дастгир он буду бас.

Хонаи осудаам аз тоҷикони ман бувад,
Ҳам суруди ошиқон аз шоирони ман бувад.
Бар заминаш по ниҳам чун ганҷ боло меравам.
Дашту саҳроям, ки манзилу макони ман бувад.
Чун биҳишт асту вале боз ҳам гулистон мешавад,
Куҳу барфаш ҷилвагоҳи ошиқони ман бувад.
Душманаш бошад фанои оламу шарманда шуд,
Дар кунуни Сарзамин мактаб аз они ман бувад.
Пойкӯбон меравем мо сӯи байрақаш кунун,
Акси андар байрақаш аз кафзанони ман бувад.
Ишқи покат дар дили Сарҳол маъво мекунад.
Ҳусни руят бар давом эй ошиқи ман бувад.

Тоҷикистони азизам кишвари пуроби ман,
Руҳи гарму бӯи нармат дар дили аҳбоби ман.
Ман нахоҳам ғурише андар фазои софи ту,
Соф гардад эй Худоё ҳар шаби маҳтоби ман.
Мехӯрад селоби хун ҳар хонадони тоҷикон,
Аз Бадахшон, Суғду Хатлону Рашт ҳам шӯроби ман.
Оби рангин мечакад аз дидаҳои модарам,
Аз занону кӯдакону шайху ҳам Шубоби ман.
Хона бар душам ба манзили дигар сар бурдаем,
Дар хаёлам ин ватан Сарҳол шуд дар хоби ман.

Ман на гадо не фақир хоки ватан орзуст,
Синаи ман ҷои тир хоки ватан орзуст.
Пардаи торам навохт аз таги дил сози ғам,
Дар дили ман сад алам аз дари бори касон,
Хоки касонам нафир хоки ватан орзуст.
Ҳар нафасам сад ъаду ҷанг ба мо мекунад.
Гарчи шавам дахргир хоки ватан орзуст.
Мушфиқӣ гар ту маро боз биё пеши ман,
Бишнаву дастам бигир, хоки ватан орзуст.
Аз ғами ҳар одаме, беҳ нашавад рӯзи ман.
Душмани ман шуд ҷазир хоки ватан орзуст.
Доғи ватан шуд маро хомаву Сарҳол рафт,
Боз биё хома гир хоки ватан орзуст.

Нависам ман дар ин маҳфил асарҳои Самарқандам,
Ҳавас дорам ман аз нони саҳарҳои Самарқандам.
Намоён шуд зи дур он гумбази сабзи дӯрахшонаш,
Ҳавас аз гумбази хоси Улуғбеки Самарқандам.
Бароят месароям Тоҷикистони азизам ман,
Дучандон шодиям шуд аз сафарҳои Самарқандам.
Нишони дӯстӣ аз оби раҳмат ҳар куҷо бинам,
Кунам васфаш ҳазорон, ман назарҳои Самарқандам.
Тапад дил аз назар кардан ба аторофи фурудгоҳаш,
Ҷудоӣ то ба кай аз хеш рафиққои Самарқандам.
Расад рӯзе ба мо Сарҳоли Зимтӯдӣ шавад мӯнис,
Ҷароғон хонаи мо шаҳри зебои Самарқандам.

Одаме некӣ надонад, санг бошад хуб аз он,
Аз хиҷолат рӯзу шабҳо зери девори касон.
Ҳар ки меҷӯяд тамаъ аз пушти моли дигарон,
Мурданаш беҳтар бувад аз зиндагӣ дар ин ҷаҳон,
Гар ҳазар дорад ҷаҳон аз буди ин ноқобилон.
Ин чи бадбахтист зери парчами бегонагон.
Ҳамнишин бошад дили мо бо бузургони ҷаҳон.
Луқмаи мо мешавад имрӯзу фардо дар даҳон.
Як замини умри мо андар канори дигарон,
Меҳрубонӣ, ошиқӣ бошад русуми дилбарон.
Аз шумо Сарҳол дорад як умеди охирон.
Байни мардум номи некам гар бимонад ҷовидон.

Худовандо мунаввар кун чароғам хира месӯзад.
Даруни синаам оташ чу андар қӯра месӯзад.
Ба боди ҳаҷр ин умри азизам додаам чандон .
Ки дар қалбам ҷароҳат чун макони шура месӯзад.
Хазон омад хабар, аз интизори мурданам дорад,
Кунам сад оҳу вовайло барам сад ҷӯра месӯзад.
Бишуд ин тутии ҷонам ҳаме озурда, эй ёрон.
Ки рафт-ар иқтидор аз ман вуҷудам пурра месӯзад.
Биё Сарҳоли ҷон ин дам зи фақру фоқа домангир,
Ки золимро чароғ андар лаҳадҳо тира месӯзад.

Сире ниҳон дорам ба дил аммо зи гуфторам аён.
Дорад рафиқи тангбин аз таънаҳо бар ман баён.
Ҳар лаҳза бикшояд забон, гӯяд сухан аз ину он,
Ҳасрат хурад ӯ аз ҷаҳон, бо як ҷаҳоне ормон.
Дар ин дили бечораам, сери ҳавасҳо мекунад,
Бар сар қиёмат омадаш, то ин ки рафт ӯ аз ҷаҳон.
Аз ҳар ният ангезае, ҳар дам шавад шӯру бало,
Ин ҷӯрагиям қолабӣ бошад, ҳадис аз дигарон.
Худро мазан Сарҳол зуд то ки бидони ин гурӯҳ.
Рӯзе туро ҷон мебарад бе ҳеҷ як шакку гумон.

Надорам бе ту рози дил, ба ки гӯям, ба ту гӯям,
Нашуд розе маро ҳосил, ба ки гӯям, ба ту гӯям.
Садои мурғи дил моро аз ин гулшан бадар созад.
Ҷазои дасти ин қотил, ба ки гӯям, ба ту гӯям.
Ҳавои шавқи вай дар мағзи сар месӯзаду лекин,
Ту осаш мекунӣ мушкил, ба ки гӯям, ба ту гӯям,
Равад аҷдоди ман бар ҳар ҳавои ноқиси мардум.
Ҳавои ноқиси ботил, ба ки гӯям, ба ту гӯям,
Биё Сарҳоли ҷон овоза аз мушкил макун ҳаргиз,
Ки мушкилро бувад мушкил, ба ки гӯям, ба ту гӯям.

Эй ёри мувофиқам ҷафоям накунӣ,
Як бор Худо аз ӯ ҷудоям накунӣ.
Ман қисса ба ту гӯяму ҳар ҷо ки барӣ,
Муҳтоҷ ба ёри бевафоям накунӣ.
Устоди азал калиди мақсуд ба ту дод.
Дар занҷири бахти худ ҷафоям накунӣ.
Сарҳолам агарчи аз ту бошам ба умед,
Дар роҳи яқин ту зери поям накунӣ.

Эй дило хуштар зи ту моро дигар ҳамроҳ нест,
Ғайри ту дигар касе аз ҳоли мо огоҳ нест.
Метапад дил он қадар к-аз ҳолаташ бедор ман
Офарин бар ҳолатат бо ту касе дар ҷоҳ нест,
Эй маро озурда медорӣ ту бадкини магар,
Гар ту бадкинӣ маро ғайри туям бад роҳ нест.
Эй биё дил маҳрамонро пос дору ҳифз шав.
Ҳар қадар меноламу аммо кас ин даргоҳ нест.
Ишқи ту дар дил маро аммо надонам ту кучо,
Эй биё ширини ман ин ҷой ту дар шоҳ нест.
Гуфт Сарҳол ин сухан рангин хаёле дар дилаш,
Ҳар чи хоҳад мекунад, аммо ба кас бадхоҳ нест.

Рафтааст ин умри ман лекин сари роҳам ҳануз,
Рафт он доғи сиёҳ аммо парешонам ҳануз.
Бар нигоре кун нигаҳ , ки аз замон олуда нест,
Чеҳра хандон, дида гирён, бахт ҳайронам ҳануз.
Ибтидову интиҳои зиндагӣ дар дасти мо
Бастааст ин зиндагӣ бе банд дастонам ҳануз .
Меваҳо Сарҳол чандон чидааст аз боғи баланд,
Лаззати он меваҳо дар кому дандонам ҳануз.

Зиндагӣ шоҳона, ҳоло нақши фардоям кашид,
Зиндагӣ ошуфта шуд бо занҷире поям кашид.
Ҳар куҷое меравӣ ёрат Худо бошад валек,
Зиндагӣ шуд дар такопӯ рахт аз ҷоям кашид,
Разми мо дар зиндагӣ муҳтоҷи сад кор асту бас.
Дар талоши зиндагӣ ғам нон аз ноям кашид .
Киштии умрам шино дорад намедонам куҷо,
Рахт маллоҳи қазо аз қаъри дарёям кашид.
Чанд эй Сарҳол мастӣ мекунӣ аз зиндагӣ,
Мастию беҳудагӣ аз даст ҳиноям кашид.

Ба мисли гул хазон дар тирамоҳам,
Намедонам чӣ бошад садди роҳам.
Тапад дил ҳар гаҳе аз руи инсоф,
Гаҳе солим гаҳе ъайни табоҳам.
Чи бошад воъачаб сири ниҳонӣ,
Гаҳе дармон, гаҳе дору бихоҳам.
Шавад боло каме ваҳму фишорам,
Зи боло рафтӣ симоби паноҳам.
Балои ҷон бувад, тарсу сабаб ин,
Ки ним дар гӯру, ним дар ҷойгоҳам.
Кунун мебоядат меъёри вақтам.
Гаҳе Сарҳолу гаҳ Юсуфи чоҳам.

Завқи ин дунё надорам, дар дилам хуш ҷо нашуд,
Дар тани афсурдаам ин куртаам зебо нашуд.
Ҳар куҷо рӯ оварам санги маломат бар сарам,
Меҳри ёру дӯстон бар сар маро маъво нашуд.
Дар ғояти шабҳо бирафт, ар ҷустамаш пайдо нашуд,
Санги маломат бар сараш , партофтам парво нашуд.
Ман мушфиқи ҷонаш будам, зевар ба вай пӯшидаам ,
Бар кишвари ҷонам маро он сарпули дарё нашуд.
Ин умри ман бигзашт худ, суде нашуд андар вуҷуд,
Банде маро чун булбулон , баҳри гуле дар по нашуд .
Сарҳол ту хуноб хур , ҷабре бикун бар ҷони худ.
Чун Кибриё ғамхори ту, кас дар раҳи шабҳо нашуд.

Рангу бӯ бе маърифат бошад, агар оқил куҷост,
Ҷилвагоҳи бе муҳитро гулшани ботил куҷост.
Эй, макун ҷонам ту ҳаргиз бо камон мардум шикор,
К-ин ситам охир шавад , пас мардуми қотил куҷост.
Баҳри ёрон дил ҳамеша кори мушкил мекунад ,
Дар мақомоти гиромӣ дил туро ҳосил куҷост.
Андар ин офоқ ҳаргиз некуномӣ кас нахост ,
Роҳи дил ҳар кас наёбад, мардуми бедил куҷост .
Гар нашуд озоди дил Сарҳолро аз бехудӣ ,
Эй, биё, охир бигӯям фарди бе мушкил куҷост.

Либоси нав, ки қадри одамӣ боло намесозад,
Касе маърифати касро зи худ воло намесозад.
Тавофут хору гулҳоро зи ҳамтояш агар бошад,
Чаман дар қайди худ аз хору гул ҳалво намесозад.
Ба ҳоли мушкину зулфи парешон ҳарду лабҳо сурх ,
Ба нанг аз ранги оҳанҳо касе тилло намесозад.
Ба дониш рӯи ёрон лоиқи таҳсини ӯ бошад ,
Ки ҳусни сунъӣ ҳар касро насибколо намесозад.
Ба рӯяш зинда гардонанд агар аз ошиқон касро,
Ки сунбулро замини шӯр, худ лоло намесозад.
Биё Сарҳол андар кори худ доим ту ошиқ шав!
Ки Маҷнун баҳри ҳамтояш касе Лайло намесозад.

Субҳ то шомам ба дил андеша меронам ҳанӯз.
Дар раҳи ақлу хирад аз интизоронам ҳанӯз.
Заврақи мақсад наомад то кунун соҳил маро.
По ба гил олудаю чун аҳли зиндонам ҳанӯз.
Аз тағофулҳои ин дунёи дун ноэминам,
Кас надонад то кунун аз ҳоли давронам ҳанӯз.
Ҷомаи бахтам, ки ғам олуда гардид ин замон,
Мекашам ғамҳо ба дил чун дарди дандонам ҳанӯз.
Пой дар гил мондаам кас напурсад ҳоли ман.
Сайқали ҷонҳо бидидам душмани ҷонам ҳанӯз.
Офтоби шодӣ, нуре кай диҳад Сарҳолро,
Пунбаи ақлу хирад дар гуш ҳайронам ҳануз.
Ҳасрато доғ аз фалак бар ин дили мо монду рафт.
Дафтаре аз хотироти ин ҷафоҳо монду рафт.
Ҳасрати хоки сияҳ кай мекунад ҳар як ҷавон
Ҳасрато пирӣ, қазо бар лонаи мо монду рафт.
Гар ба домони бало ҷонҳо бубанди ё на хайр,
Бахти мо бо ин фиғону ин ҷафоҳо монду рафт.
Аблаҳон қадри саҳар хезон надонанд он қадар ,
Пеши камруёни олам, з-ин балоҳо монду рафт .
Камбизоатҳои худро додаем аз бешу кам,
Гиряҳошон ҳасрато бар ҷону дилҳо монду рафт.
Соқиё, ҳар бодае бар ҷоми моён додай,
Шарбате Сарҳол аз он андар даҳонҳо монду рафт.

Санъати волои мардум аз саҳар пайдо шавад,
Неку бад дар ҳар куҷо хобад агар расво шавад.
Душманат чун пашшаю домат ниҳад дар рӯи раҳ,
По ба домаш гар ниҳӣ он қайди вай кай во шавад.
Соқии базму тараб аз сархушӣ андеша дор,
Ҳар куҷо бошад хато аз сархушӣ пайдо шавад.
Соҳиби фазлу бақо бо мо муросоҳо кунад,
Ҳар ки аз қонун барояд, худ ба худ расво шавад.
Ҷумлагӣ нодониҳо аз санъати нодонӣ аст
Неку бад дар доми ишқ афтад агар шайдо шавад.
Офарин бар мисраъе, ки гуфт он Сарҳоли мо,
Ин суханро бишнавад гар гӯши кар кай во шавад.

Мактабам ин манбаи ахлоқу илҳом асту бас,
Мактабам ин маърифат бар мардуми ъом асту бас.
Ҳар таммадун бе бинои мактабам ҳеҷ асту ҳеҷ
Зери дуд осори мо чун кабки дар дом асту бас.
Ғайри ту кас ҷо надорад мактабам роҳи дигар,
Шаҳраке мактаб надорад халқ нокомасту бас.
Мактабам толори ту аз хишт зебо гаштааст,
Мактабам ҳар рӯзи равшан, бе ту чун шом асту бас.
Сарнавишти мардуми хоки агар бошад савод
Худ савод сармояи марди накуном асту бас.
Оламеро метавон равшан намудан аз савод,
Кишвари руҳ аз савод чун бода дар ҷом асту бас.
Бишканад ноодаме ҳуд қадри аҳли илм агар,
Хона вайрон мешавад, дар даҳр ноком асту бас.
Аз мураббӣ ҳам зи мактаб кас намебинад ҷафо,
Илму мактаб бо амал дар мулки ором асту бас.

Сари болин нишаста чанд гуям ҳайфи ту ҳайф,
Гар ояд ашки чашмонам ба руям ҳайфи ту ҳайф.
Тамизу ақли одам пойдори ҷисми вай бошад.
Дарад гар пардаҳои орзуям ҳайфи ту ҳайф.
Ба доди аблаҳон гар норасидан амри мавлоно,
Гуле аз хотири руят набуям ҳайфи ту ҳайф.
Навозиш аз Худо бар дилшикаста мардумон ояд.
Намак дар захми вай бинам бигуям ҳайфи ту ҳайф.
Ба умри хеш бингар рафтааст оҳиста оҳиста,
Наоӣ аз ъибодатгаҳ ба кӯям ҳайфи ту ҳайф
Писанд ояд ба базмат гуфтаҳои неки мо гар.
Равон боши чу селобе ба ҷуям ҳайфи ту ҳайф.

Бе офате мо ин баҳор бо суй бустон омадем,
Бошад Худо ҳамроҳи мо, ки бе рақибон омадем.
Порае аз умри моро даррабуд фасли баҳор,
Имрӯз шукри Ҳақ бигӯ бо лаъливу хон омадем.
Сад ҷилва дорад дар раҳаш савти ҳазоронро нигар.
Мо ғам надорем ин замон бе дарду дармон омадем.
Ҳар ганҷи раҳматро Худо андар баҳорон ту бирез.
Бо илтиҷо дар назди ту мо ҳамчу меҳмон омадем.
Эй соқии маҷлис кунун аз ҷоми раҳмат деҳ маро,
Мо бар сари кӯи мурод аз пеши ҷонон омадем.
Ҷонро фидои нақши роҳаш мекунам ҳамчун сипар.
Масти шаробам ман кунун ,бо пири даврон омадем.
Сармояе аз умри худ Сарҳол некие наёфт
Дори ниқоби гул ба сар бо ту гулистон омадем.

Эй сабо аз ман расон бар ёри ҷононам хабар.
Ҷумла асбоби ҷаҳон бар мо набошад муътабар.
Мешавад имрӯзу фардо дӯстон аз мо ҷудо.
Мебаранд андар само арвоҳи авлоди башар.
Панду андарзи бузургон мояи одамгарист,
Кай кунад ин панди мо бар қалби ӯ боре асар.
Дар миёни бе намозон аз нишастан кун ҳазар.
Кай шавад бо оби ду дида маро рухсора тар.
Ҳар саҳар бархезу андар рӯ ба рӯ ҳақро нигар.
Давлатат бошад зиёда бошӣ эмин аз хатар,
Гар равад бар руҳи ҷонон фотиҳа андак сабук.
Руҳаш аз бетоқатӣ бошад саҳаргаҳ дар бадар.
Эй, биё, Сарҳол камтар гую рав худро ту бош.
Аз писар мекун умед гар карда бошӣ бар падар.

Ҳар саҳар мехезаму фикру хаёле бар сарам,
Аз тағофул мезанам худро ба рӯи бистарам.
Рахши ин дил мекунад дар ҳар замон сад ҷасту хез,
Рафт инони ихтиёр аз дасту ҷисму пайкарам.
Мешуморам доғи шабҳо бистарам пур аз алам.
Марҳаме гардида сангам, соя ҷисми лоғарам.
Будааст ин қисмати моро парешонӣ ба дил.
То ба субҳ ашки намакрез аст аз чашми тарам.
Гар зи паргори замон ошуфтаю ҳайрон манам.
Хору хас дорад даруни синаи пур миҷмарам.
Ҳамҷу Маҷнун дар фироқи Лайлӣ месузам чи суд.
Гарчи аз дарди ғамаш пажмурда шуд болу парам.
Бар танам афтод ғам аз миннати бори замон.
Марҳами Сарҳол шуд дар хона девору дарам.

Ту биё аз оҳувон бадҳол бин бечораро,
Бо шикори худсари теғи амир хуншораро.
Қомати зебои кабкони хиромон зеби тир,
Гашта қурбон маънифаҳмон тири ҳар хунхораро.
Пеши ҷангалбон гадоӣ мекунанду хам миён,
Печу тобаш баҳри ришва ҳокими майхораро.
Гуфтаи Исои Маҳзун миршабу қозӣ раис.
Гашта фарбеҳу чи парво,мардуми оворарo,
Бо тақозои замон шуд он қариб ин печутоб,
Ҳақ кунад расвои олам хунхури ҳар кораро.
Ошкоро ҳар ки бар олам назар аз ҷон кунад.
Дидаи Сарҳол чун оҳу кунад назораро.

Ҳар саҳар бар мо ситора хайрбодӣ мекунад,
Хонаи дилро магас ҳам кӯҳи шодӣ мекунад.
Эй муҳандис рав ту ҳам як хонаи дил шод кун,
Зиндагӣ ҳар дам маро ҳукми расоӣ мекунад.
Сарфикандӣ оварад бар мо ҳавои нафси мо,
Бар фазои муфлисӣ моро мунодӣ мекунад.
Гавҳарем аммо чи суд аз будани дорандагӣ,
Хушии дилро садои номуродӣ мекунад.
Чун Сулаймон он нигинат кай туро суде кунад?
Каҷнигоре оқибат зулми Шаддодӣ мекунад.
Дардноки нолаи дил мекунад ӯ як назар,
Сурхии як лола аз Фарҳод ёдӣ мекунад.
То тавонӣ мекун истиғфор эй Сарҳоли ҷон!
Дар саҳаргоҳон туро хос аз ъибодӣ мекунад.

Мазҳаби Шофеъи гуё ҷузъи дини дигар аст,
Бу Ҳаниф дар мазҳаби худ пайрави пайғамбар аст.
Чор мазҳаб аҳли суннат вал ҷамоъат гуфтаанд
Баҳри беақлони ҷоҳил мабдаи шуру шар аст.
Баҳри мушкиле агар бар чор китоб ту бингарӣ,
Шофеъӣ аст ин бигӯянд аз равиши дигар аст.
Ноқисулақле бубинӣ мекунад доим хитоб.
Эй набардор ин китобро ки ғаму дарди сар аст.
Ҳамчу Сарҳолам агар имруз раҳ гум кардаам,
З-он, ки аз ҳар як мунофиқ фитнаҳо сад дафтар аст.
Баҳри мардум гар касе ин фитнаҳоро офарид.
Ту даҳон бар банд мардум ғуссаву хун ҷигар аст.
Дар тағофул мондаанд оҳую мурғони саҳар,
Аз шикори мардумон дар бешаю куҳу ҷараст.
Сабзаю себаргаҳо бо буттаю ҳам хору хас.
Монда андар зери пой галлаву гову хар аст.
Ҳар киро бошад гунаҳ андар замину ҳам замон,
Дар қиёмат манзилу ӯ оташи пурахгар аст.
Ҳар куҷое меравам дар пеш девор асту бас,
Дафтари ашъори Сарҳолро бубин пур зевар аст.

Ҳуҷраи эҷоди моён он қадар бекора аст,
К-аз паи ҳар кори ношуд, сар ба сар овора аст.
Бар сарам имрӯзу фардо посухе хоҳад расид,
Сурх, рӯям лаб ба лаб тафсон чу оташпора аст.
Гушнамастӣ мекунад ӯ мезанад бар сина санг,
Дар талоши ҷустани айби касон ҳушёра аст.
Мекунад даъвою мегирад гиребони дигар,
Дар талоши ҳақгузорӣ шодмон хуншора аст.
Ин ҳама озурдагиҳо баҳри кисту баҳри чист,
Иддае бошад агар чун охираш бекора аст.
Фурсате нагзашта барқ аз осмон гум мешавад,
Лаҳзае пас аз гиру дор обе аз рухсора аст.
Ҳар куҷо Сарҳол бошад инқилоби хун марав!
Баски маркаб тобут асту ҷисми ту бечора аст.

Зиндагӣ ҳар дам маро бар сӯи шайтон мекашад,
Ақли ирфони маро бар сӯи раҳмон мекашад,
Бе Худо гар олим аст, аз буданаш бар мо чи суд,
Орифонро худ ҷунун бар суй ҷонон мекашад.
Ҷоҳилон ҳар ҷо раванд аз ҷаҳлашон хори расад,
Гуфтугӯи оқилон бар бому кайҳон мекашад.
Аз ҳасад чандон ғаме бар кушку айвонам расад,
Ҳар зане оқила нест бар доми зиндон мекашад.
Моли мардум мехӯрад, аммо чи суд аз хӯрданаш,
Во дареғо зиндагӣ пайдову пинҳон мекашад.
Гар туро Сарҳоли ҷон аз зиндагӣ осуда нест,
Ҷабри оҳанро ҳамоно бин, ки сангдон мекашад.

Соҳиби ҳарду ҷаҳону равзаву ризвон тӯӣ,
Холиқи қавну макону бастаи паймон тӯӣ.
Ҳар куҷое меравем мо аз барои кору бор,
Дар ҳама ҷо дастгири гумраҳу нодон тӯӣ.
Қадру қиммат олӣ дорӣ лек моро васъи танг,
Каҳкашонро рӯшан аз барқи ҷамоли рӯи туст
Офаридгори бақои ҷумлаи кайҳон туӣ.
Дорам аз яздони олам ҳамчу Сарҳолаш умед,
Рӯзи маҳшар дастгири шахси боимон тӯӣ.

Мебарам ман номи покат бар забонам ҳар тараф,
Файзи Қуръонат маро беҳтар бувад аз ҳар ҳадаф.
Оине дорем чун оина поку босафо,
Мазҳаби олиҷанобе монда моро аз Ҳанаф.
Гар касе пайрав набошад бар мозоҳиби замон,
Бандаи гумроҳ бошад он лаини нохалаф.
Чидаам аз сафҳаи Қуръон ҳазорон ояте,
Ҳар замон вирди забон оварданам бошад шараф.
Ҳар кучое меравам ман зинда бо номи туям,
Меҳри ту бошад маро монанди дур андар садаф
Эй биё Сарҳол хуш бош аз шарофатҳои Ӯ,
Меравам дар ҳар кучо бо номи ӯ ёбам ҳадаф.

Эй ҳабибам гарчи ман шармандаи кӯи туям,
Сарвқомат доимо дилбастаи рӯи туям.
Ин дили озурдаи ман беқарорӣ мекунад,
Ҷоҳилам ё ъорифам бо меҳр дилҷӯи туям.
Мезанад ин мурғи ҷонам дасту пояшро ба дом,
Пойбанде сахт ман аз тори гесуи туям.
Хирқаи олудаи май медарад рӯзе маро,
Дӯстдори кавсару аз замзами ҷӯи туям.
Армуғон овардаам ман ҳамчу Сарҳол аз умед,
Дар қиёмат дидани он ҳусни некӯи туям.

Бо чашми ростбин ман ин ҷаҳонро бехатар бинам,
Ҳама акси оламро шукӯҳи бештар бинам.
Тақозои замон аз ман магар ҳусне талаб дорад,
Дарахти ҳусни хубонро ба олам пурсамар бинам.
Шаҳидон рафтаанду аз қафо мо ҳам равон ҳастем,
Зи дасти нохалафҳои мардумонро дар ба дар бинам.
Ба олам нозу шухиҳои ҳамдамро, ки мо дорем,
Рақибони ҷаҳонро чун гадоён бештар бинам.
Чи зулмаст ин ситамҳо бар сари ёрони мо имрӯз,
Ба лутфи ту Худоё золимонро хортар бинам.
Намедонам чи шӯре кардаанд ин золимон барпо,
Тамоми золимонро хор бинам, зортар бинам.

Дидаам ман мардумеро мурдаҳошон мекашанд.
Чун ҷаноза мебаранд онро чу ҳайвон мекашанд.
Кай гиромӣ мекунанд ин мурдаро аҳлу аёл,
Зери хокаш чун баранд он, аз гиребон мекашанд.
Аз ҷабину оразу рухсори хоболуди Ӯ,
Ошноён руӣ қабраш дарди ҳичрон мекашанд.
Оташи ғам дар дилон, месузад аммо чора чист.
Ҳар киро хоҳад Худо бо суи эмон мекашанд.
Аз миёни мурдагон кас мебарорад бе ҳисоб.
Рӯзи маҳшар кашкашон бар хулду ризвон мекашанд.

Маро ҳар лаҳзае Зимтӯди азизам бар даҳан омад,
Ба дил сад оташ аз ғам бар нафас буи чаман омад.
Ки оби раҳмат аз Майдон ба сӯи мо давад боре,
Чаман бингар, ки оби соф бар сӯи ватан омад.
Дарахтонаш баланду шохаҳо пурмеваю пурбор,
Ки аз Тути Калонаш файзи сад боғи Хутан омад.
Яхистон сар ба сар дар қуллаҳои барфпӯши вай,
Ки оби Рӯзрӯд аз қуллаҳо ғулғулфикан омад.
Ҳунар аз чеваронаш , олию аълотарин бошад,
Димоғамро аз ин гул духтарон бӯи суман омад.
Зи таълим кӯдаконаш дар дабистон пешсаф бошанд,
Мударрис дар навои завқ аз кӯи сухан омад.
Ту эй Сарҳоли Зимтӯдӣ бигӯ сӯи рақибонаш,
Ки аз Фарҳодҳои мо нишони кӯҳкан омад.

Эй Худовандо маро ту ҳар шабе бедор кун,
Рӯзи маҳшар бандаатро лоиқи дидор кун.
Ман набудам андар ин олам ту будӣ пойдор,
Файзи раҳматро бидеҳу маҳрами асрор кун.
Ганҷи оламро барои мо фаровон кардаӣ,
Бо шарофатҳои худ аз илм бархурдор кун.
Сӯи гӯристон шитобем хоҳу нохоҳ рӯзаке,
Эй ба ҳаққи ҳурмати зотат ба мо водор кун.
Ҳол чун дорам намедонам даруни гӯри танг,
Ту паноҳ аз ҳавли гӯру неши мӯру мор кун.
Гар ту Сарҳолӣ бирав худро маломатҳо макун!
Бар забонат номи Ҳақро доимо такрор кун.

Андар дили ман ғайри ту ҳамхона касе нест,
Дар ҳарду ҷаҳон ғайри ту ҷонона касе нест.
Доно ба назар гарчи тавоно бинамояд,
Бар шамъдилон ғайри ту парвона касе нест.
Хоҳад, ки расад ҳарки ба мақсад ба муродаш,
Ҷуз хоки раҳи кӯҳи ту будан ҳунаре нест.
Дар мардумаки чашм агар ҷо кунамат шукр,
Андар дили ман ғайри ту ҷонона касе нест.
Дар ҳар ду ҷаҳон мисли ту фарзона касе нест,
З-он лабшакарам маст ба майхона касе нест.
Ҳар кас ки ба рӯяш ба ҳавас як нигаҳе кард,
Маҷнун шавад гар мисли ӯ девона касе нест.
Олам ба касон дод агар мояи риндӣ,
Фозил биравад мазҳаби риндона касе нест.
Сарҳол агар дид ба нигоҳе шаби қадраш,
Гуфто, ки дигар баҳри ӯ фарзона касе нест.

Бар касе ин мулку давлат ҷовидон хоҳад намонд,
Шарбаташ дар коми ҳасратҳо ниҳон хоҳад намонд.
Ҷамъашон доранд гӯш ин, ки суруди ҳасрат аст,
Шоми ҷоҳил дар қиёмат бе зиён хоҳад намонд.
Ҳамдами гӯраш магар бошад ҳамеша мору мур,
Ҳар шабе аз оҳу дардаш бефиғон хоҳад намонд.
Мақсадаш ҳосил ақиқеро намеорад ба даст,
Лолае руяд ба гӯраш бехазон хоҳад намонд.
Гар ҳарифонанд маст аз ин шароби ин замон,
Ин ҳама мастии онҳо бо бадон хоҳад намонд.
Базмгоҳи ғайбат аст ғорат миёни одамон,
Маҷлисаш бе сактаи дил дар амон ҳохад намонд.
Аз тараб Сарҳоли Зимтӯдӣ зи маҷлис дур монд,
Дасти умедаш ҳамеша зарфишон ҳохад намонд.

Ифтихорам ифтихори Тоҷикистони ман аст,
Сабзаю себарга, райҳон дар гулистони ман аст.
Дар фазои лоҷувардаш болу пар бикшодаам,
Ин ҳамон шӯрои дар Хуҷанди бостони ман аст.
Омад ин бар эътидол аз мушкилосони ман аст,
Медурахшад манбаи нуру сафо аз рӯяшон.
Шодию хурсандиҳо аз роҳбари они ман аст,
Ҳам китобу дафтару ҳам мактабу дорулфунун.
Эътибор овардааст ин бар тану ҷони ман аст,
Деҳқон аз пахтазор оварда сад хирвори зар.
Ин шукӯҳи тоҷикон хуршеди тобони ман аст,
Кай кунад Сарҳоли Зимтӯдӣ дигар доду фиғон?
Ки бародар тоҷик асту тоҷики ҷони ман аст,

Дидаам мулки ҷаҳонро, шеди хандонаш ба ҷон,
Сабзаву себаргаву ҳам оби Яхдонаш ба ҷон.
Лаҳзае биншин ба Сарчашма бубин ҳам Соярӯ,
Буттазори дилнишин, ҳам Арчамайдонаш ба ҷон.
Чун шарики умри мо гардида он Санги Сафед,
Лаззати ҷонбахши он оби Зарафшонаш ба ҷон.
Медурахшад гунбази сабз чун нишони Рӯдакӣ,
Санъати дастони он созандамардонаш ба ҷон.
Хуш шамоли фораме дорад фарози Санги об,
Анбарафшон аст хокаш , анбарафшонаш ба ҷон.
Хуфта як ганҷи равон бар саргаҳи он Кӯҳи Нор,
Офарин бар сурмаю лаъли Бадахшонаш ба ҷон.
Эй биё ,Сарҳол, чун манзар тамошогоҳи туст,
Аз баландиҳо тамошогоҳи Зимтӯдаш ба ҷон.

Гулшани даврони мо аз меваҳои тавҳид аст,
Зиндагии марду зан маҷмӯъаи як воҳид аст.
Оқибат Сайрона аз девонагӣ гардад хиҷил,
Байни мо ҳам худситоӣ, худнамоӣ фосид аст.
Меҳрубонӣ ҳар куҷо касро нигаҳ дорад Худо,
Донад инро он касе, ки ошиқ асту обид аст.
Ҳар куҷо афсонагӯйҳо ёри мо нест эй Худо,
Кори ӯ гӯям риё бошад магар ӯ ҳосид аст.
Ҳолати касро бубин Сарҳол суде нест ин,
Ҷилати бегонагӣ аз фисқ андар масҷид аст.

Дар ғарибӣ ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме,
Қуллаҳои сапсафеди Зарфишон ояд ҳаме.
Гар ба сахтӣ мебарам ҷон кас нашуд фарёдрас,
Аллаҳои нозанини модарон ояд ҳаме.
Мардуми ошуфта дил ҳаргиз надорад сериё,
Хандаҳои дилнишини хоҳарон ояд ҳаме.
Хуш бошад дар нишастан соҳили дарёи Рӯз,
Ҳар шамоли фораме аз сойи он ояд ҳаме.
Ногаҳон дар хоб медидам агар рухсори ёр,
Давраи меҳру вафои додарон ояд ҳаме.
Бар Шумо Сарҳол агар гуфт ин суханро ёдгор,
Аз ҷудоӣ сахтиҳои ин замон ояд ҳаме.

Ҷавонӣ эй бародар аз бароят ҳам амонат аст.
Равӣ як лаҳзае аз худ сароят ҳам амонат аст.
Ба тахти ҷам нишинӣ гар камоли ту аз ин бошад
Занӣ гар наърае аз шавқ садоят ҳам амонат аст.
Даҳонат гар ду се рӯзе шавад хандон вале ин ҳам,
Раёсат гар кунад амре давоят ҳам амонат аст.
Бақои гул барин ҷони азиз аст аз барои мо,
Фитад гар дона аз дастат ҳимоят ҳам амонат аст.
Ба ҳам чун мезанӣ миҷгон гузар дорад ҳамин дунё,
Лаҳад ҳам мебарандат гар қабоят ҳам амонат аст.
Намозу рӯзаат монад дигарҳояш ғами дунё,
Ки гаштан дар ҳамин бустонсароят ҳам амонат аст.
Ба худ ту маргро Сарҳол хуш дони агар рӯзе,
Ки рафтан дар раҳи Эзид ба поят ҳам амонат аст.

Дар ғамат дил додаму дарди дилам ҳеҷ гоҳ нарафт,
Дар фироқат сӯхтам савдо зи ман то моҳ нарафт.
Ман асири рағбатат гардидаам эй ҷони ман,
Гарчи донам ҳоли ту ин арзи ман то шоҳ нарафт.
Шаб ба танҳоӣ манам овораи руят агар,
Дар тариқи ишқи ту додам ба он даргоҳ нарафт.
Ҳар ки меорад ба дил он рангу рухсори туро,
Печу тоби зулфи ту аз ин дари боргоҳ нарафт.
Сарви ман бишкаста шуд аз манҷаниқи ошиқон,
Юсуфи маҳру ба майли худ ба зери чоҳ нарафт.
Сокини бутхона шав Сарҳол то рӯзи будан,
Ошиқӣ бар ту нашуд, азбаски бо ин роҳ нарафт.

Нолаи манро ба сӯи кӯи ҷононам баред,
Ин сари савдоиро бар сӯи Раҳмонам баред.
Булбулам аммо намегӯям сари савдои худ,
Мадҳушам аз беҳушӣ бар сӯи дӯстонам баред.
Тангӣ дорам дар дилам, аммо чӣ суд аз гуфтанам,
Бар дилам оҳанги ҳасратсози дармонам баред.
Моҳ метобад ба чарху ин дили ман шуд кабоб,
Медурахшам чун ситора то ба кайҳонам баред.
Мебарад пайванди ҷонам лаҳза бар кӯҳи мурод,
Аз муродам дилхушам бар сӯи Сомонам баред.
Худситоӣ мекунам ҳар лаҳзае Сарҳоли ҷон,
Аз Шумо дорам умед бар саҳни бӯстонам баред.

Ҷуз дил надидам дар ҷаҳон ман улфати пайвастаро,
Дар ҳар куҷо сад мушти зар бошад даҳони бастаро.
Касро набошад заррае аз мардуми деҳ сӯқи чашм,
Кай ёфтам аз ин хабар ман маънии барҷастаро.
Он ёри мо гар мерасад бар чашми ҳар мақсуди худ,
Дар тоби мӯйҳо шона кун дандонаи бишкастаро.
Савдои олам мешавад ҳар дам фузун дар зиндагӣ,
Санги қаноат мекунад доро фақири хастаро.
Сарҳол агар монанди оҳу мезанад раҳгуми худ,
Кай амри Султон мешавад ё бад раҳи гумгаштаро.

Биё эй ҷони ширинам ба рӯям як нигоҳе кун,
Биё кори дили овораи моро салоҳе кун.
Ки аз ман бехудиҳои ҷавонӣ ҷилвае дорад,
Маро гар улфатам бошӣ ба тавба садди роҳе кун.
Чу уде сӯзаму дигар надорам чора аз айём,
Биё сангиндилӣ то кай, ту хандон гоҳ-гоҳам кун.
Ба ҷонам ҳамдамам шав шоҳроҳи шодиям бикшо,
Шароби комроиям бидеҳ бар сар кулоҳе кун.
Амонатошиёнам ман даруни чоҳи ин дунё,
Биё баҳри Худо рӯзе бурун аз зери чоҳам кун.
Кунам оҳанги саҳроӣ шавад Сарҳол яғмогар,
Зи саҳро гардии бечо биёву дар паноҳам кун.

Мерасад ҳар дам маро овозаи нури даво,
Мактабамро орифе меояд он бас ҷонфидо.
Гарчи аз дасти замон ҳар мактабе бар ҳоли худ,
Ҳар мураббӣ то кунун аз мактабаш бошад ҷудо.
Мактабам оянда дорад гарчӣ таҳдид аз хатар,
Мактабам гулгулшукуфи мерасад рӯзе фаро.
Муътабар гардидааст ин давлати мо дар назар,
Ҳар мураббӣ аз ту эй мактаб ҳамегардад ризо.
Ҳар либоси нав пӯшидан бар тани бечон чи суд,
Ҳосили маънӣ, ки мебояд муаллим бо вафо.
Мезанад Сарҳоли мо бо изтироб аз худ садо,
Дур созед ҳар хато аз кори мактаб чун вабо.

Ҳар куҷо бошад насим аз дидаю ҷонам салом,
Мерасонам ин хабар ба ёру дӯстонам салом.
Ҳар куҷо нон хурдаам бар соҳибаш сад офарин,
Офарин бар хонашу ҳам додари ҷонам салом.
Гар бипӯшам як либос аз чеварони нозанин,
Офарин бар санъати дастони ёронам салом.
Хоксорам дар раҳи худ кардаам чандин хато,
Эй Худоё аз мани раҳгум ба мизбонам салом.
Ҳар куҷо Сарҳол бошад як мариз ё як ғариб,
Офарин гӯям варо чун аҳли имонам салом.

Барқи чашмам рафт агар ин бар нигори ман чи шуд,
Зери байрақ мондаю ин бар виқори ман чи шуд.
Рӯдакиро нил кашиданду чи буд аз нилкашӣ,
Аз дили бемори вай чашми хумори ман чи шуд.
Ҳазрати Яъқуб аз ғамҳои Юсуф гашт кӯр,
Мужда омад бар ваю аҳли диёри ман чи шуд.
Бедилам аз зиндагиҳо мекашад бори гарон,
Меҳнаташ олуфтаю ин чашми чори ман чи шуд.
Бар Навоӣ ҳазрати Ҷомӣ ҳазорон панд дод,
Вай мударрис буду дигар аз шумори ман чи шуд.
Чун сабо то кай равам арзе барам аз дигарон,
Лаълу гавҳар рафту инак ҳоли ёри ман чи шуд.
Эй биё Сарҳол роҳи ёри нав бо мо бигӯ,
Айби пирӣ ин ҳама гар ҳоли зори ман чи шуд.

Сел аҷаб чашмам барад бинам агар вайронаро,
Оҳу вовайло, ки созад мубтало бехонаро.
Дар бало месӯзаду аммо чи сӯд аз сухтанаш,
Занҷире ҷунбон, ки вай марҳам шавад ҷононаро.
Гар зиён диданд мардум сад ҳазорон ганҷи худ,
Лутф созӣ, ки куни обод як кошонаро.
Мезанӣ лофи ъибодат сӯхтаро поши намак,
Ту магӯ ҳарф аз фалак, бас кун дигар афсонаро.
Бар сарат бошад агар ҳукме бувад он аз қалам,
Тавбаю саҷодаат хам мекунад бегонаро.
Аз ғаниматҳои олам кун захира бешумор,
Оби раҳмат мешавад ҳар шустанат як донаро.
Ҳар саҳар серӣ надорад шустанаш Сарҳолро,
Нолааш то арши аъло мерасад ҷононаро.

Надорам дар ҷаҳон хуштар ман аз боғи ватан боғе,
Ки файзаш карда мастам ман надорам дар дилам доғе.
Ба тоат кардааст ӯ Ҳаҷ, ки доим мекунад шукраш,
Ба сад бистар набахшам ман яке ришта зи чароғе.
Ҳамеша коми дил орам ба бор аз ёди мағрубаш,
Чу Фарҳодам вале бе вай надорам кучаю боғе.
Ба сӯзи дил бигуям эй ту халқ овози ман бишнав,
Набигзорам зи дӯшам навдаю сангаш ба сад роғе.
Барои хоки покаш медиҳад Сарҳол доим ҷон,
Набахшам бар рақибон хоки роҳаш як пари зоғе.

Аё руди Зарафшонам шитобон рафтанат зебо,
Ба дашти ташналаб эй ҷон хиромон рафтанат зебо.
Ту ҳасти ҳам нигори мо, нишоне аз баҳори мо,
Ба сомон рафтанат зебо, фаровон рафтанат зебо.
Ватан аз оби ту нӯшад чаман аз оби ту гулшан,
Хиёбон рафтанат зебо, фаровон рафтанат зебо.
Шабонгоҳон чу маҳтобӣ, ба ҷилва ҳамчу симобӣ,
Ба ёрон рафтанат зебо, Зарафшон рафтанат зебо.
Барои мо вафодорӣ, шаборӯзӣ ту бедорӣ,
Хиромон рафтанат зебо, парешон рафтанат зебо.
Чу шоҳин тезрафторӣ, чу тилло хуш харидорӣ,
Ба Сарҳол рафтанат зебо, дурахшон рафтанат зебо.

Дафтари ин умри мо бисёр нест,
Сурати ҳар ҳусни мо асрор нест.
Рафта бӯ аз домани меҳри гиёҳ,
Моҳу шоҳу ҳар гадо Аттор нест.
Лоҷарам девонагӣ аз баҳри чист,
Ҳар кучо моро ғазаб дилдор нест.
Ҳар кучо донед аслаш нозанин,
Бин ки вай нопухтаву ғамхор нест.
Сарв агар боло равад аз вай чи бок,
Меҳри рӯяш бар касе инкор нест.
Ҳар замон мегуяму аз ки шунид,
Ин муродам бар касе ошкор нест.
Аз фалак Сарҳоли мо ин нури шамъ,
Соғараш пур кун зи май, ҷуйбор нест.

Бори ғамро бар сарам ҳар лаҳза меорад занак,
Тухми ғамро бар дилам ҳар лаҳза мекорад занак.
Диданаш ширинтару ҳам нозукиаш баҳри ман,
Ҳамчу дору шифою талхие дорад занак.
Бурдаам ҳасрат ба дил садҳо ситам андар танам,
Бар сарам гаҳ хандаю гаҳ ашки ғам борад занак.
Хунфишорӣ мекунад дар дасту по ҷонаш намонд,
Аз гиребон мегирад рӯ бар табиб дорад занак.
Бар забонаш шукри Ҳақ дар дил дуои зар кунад,
То гулӯ дар ғам фуруям боз мефорад занак.
Номи занро гуфтаму тарсе ба дил ҷо мешавад,
Шаб дар оғӯшу вале рӯзат биозорад занак.
Пас туро Сарҳоли нодон чора чист аз бори ғам?
Чораи кори туро ҳам боз меорад занак.

Бори дигар бар Русӣ аз баҳри як нон омадем,
Мо ғарибонро нигар аз дасти шайтон омадем.
Бо сад ҳазорон тоҷикон ки ҷон ба сахтӣ мебаранд,
Бе муттако, бе дорую бе дарду дармон омадем.
Бори дигар ин зиндагӣ эҳёи нав олӯда кард,
Аз сарзаниши бори ғам бо пешкорон омадем.
Гуфт офарин ба халқи рус, сад офарин бар халқи рус,
Мо сӯи ҷонон омадем зар пур ба ҳамён омадем.
Сарҳол дорад гила худ аз золимони бехабар,
Бо дасти пур мо тоҷикон бар хона хандон омадем.

Мебарем умре ба сар аз мо нишон хоҳад ки монд,
Карда тай умри дарозу ҷовидон хоҳад ки монд.
Медурахшад ҳар замон хуршеди олам баҳри мо,
Меравем аз ин ҷаҳон хуршед кай хоҳад ки монд.
Дар муҳити зиндагӣ гум карда соҳил раҳ наёфт,
Пеши чашми аҳли олам нотавон хоҳад ки монд.
Эй фалак гушат ба мо ки ташналаб гардидаем,
Эй Худо бахтам бидеҳ аз мо амон хоҳад ки монд.
Худнамоӣ мекунад ҳар кас ки бошад дар ҷаҳон,
Дар замоне нозҳояш бенишон хоҳад ки монд.
Шукри ин хандиданиҳо дар ҷаҳони пурфасод,
Шеъри Сарҳол аз ту доим дар замон хоҳад ки монд.

Бе мураббӣ зери олам тинҷ гаштан мушкил аст,
Бе алав ҳар оҳанеро сахт кӯфтан мушкил аст.
Ҳар танеро ишқи ӯ монанди Маҷнун мекунад,
Гар касе созад ҷафоро майли сӯхтан мушкил аст.
Мешавад ҳар дардро бо сози дармон чорае,
Гар наояд созгорӣ дил кашидан мушкил аст.
Ҳам аҷоиб соз дорад ҳам навои сохтор,
Турфа оҳангест онро, ки шикастан мушкил аст.
Шуҳрате бошад ба нахле, ки бар он ҳосил бувад,
Рашк мебояд ба вай бурдан, ки гуфтан мушкил аст.
Эё биё, Сарҳоли ҷон ин кори ширинро магӯ,
Лаҳзае ҳар бевафоро хор дидан мушкил аст.

Ба ҳаққи ҳурмати он зоти борӣ,
Сар аз лаҳад магар берӯн наорӣ,
Худо гуфто ба Қуръони каримаш,
Зи авсофи биҳишту аз наимаш.
Рибохорӣ макун ҷоно ту одат,
Ба уқбо гар ту мехоҳӣ саъодат.
Рибохорони мардум дар қиёмат,
Бихезанд аз макон ғарқи надомат.
Ҷаҳон Сарҳол гар дорад рибохур,
Ҷаҳаннам ҷо шавад бас кун тафохур.

Нури чашму дидагонт мост ин Қуръону бас,
Раҳнамоиҳои Ёри меҳрубон Қуръону бас.
Баъд аз ин умри абад наздат Худоё меравем,
Муҳлат маро шуд то ба ин маъдан зи кон Қуръону бас.
Омад маро дар фасли нав дар арсаи офоқи дун,
Киштам замину ҳам замон ҳам дар ҷаҳон Қуръону бас.
Гар мекуни пайванди боғ аз меваи ихлос кун,
Хуш мекунад ҳар дам касе хушдорашон Қуръону бас.
Сарсабз боғаш мекунад гар ҳар фақире дар диёр,
Бошӣ агар дар кори вай ту меҳрубон Қуръону бас.
Корат набошад бар касе Сарҳол андар ин замон,
Бошад садоқат ҳар киро ҳам ёри он Қуръону бас.

Ҳамон рӯзе, ки аз олам ба уқбо ман сафар созам,
Тамоми аҳлу байтамро якояк ман назар созам.
Ба бисмиллоҳ сухан созам даме ҳамдам надорам ман,
Ба сӯи Қибла орам рӯ забонам шав шаҳодатгӯ.
Шаҳодат медиҳам ҳар дам кушоӣ гар забонамро,
Ба оби раҳматат шӯӣ Худовандо даҳонамро.
Биояд раҳзани имон, ба паҳлу мезанад дандон,
Дар ин маҳфил супорам ҷон нигаҳ дор аз шари шайтон.
Худовандо нигаҳдорӣ зи шайтон ин табаҳқорӣ,
Кунад Сарҳол ин зорӣ, ки имонам нигаҳдорӣ.

Боди шӯхӣ бар касе, ки комронӣ мекунад,
Дарси улфатҳои вайро посбонӣ мекунад.
Сарву гул андар чаманзоре агар бинад варо,
Ханҷари донишварашро ҳамзабонӣ мекунад.
Ҳар куҷо қад мекашад Шамшод аз нокомияш,
Ал-ҳазар аз буттаву ҷорубхазонӣ мекунад.
Ҳар куҷо андар бараш лаънат сиёҳӣ ҷома кард,
Рангу рухсораш ба вай ҳам ҷилвaронӣ мекунад.
Гар низоми қоматаш дарси наку ғам оварад,
Шафқати меҳраш ба мо номеҳрубонӣ мекунад.
Ин каломи ман ба ту Сарҳоли Зимтӯдӣ азиз,
Шарбаташ бар ту расад чун дӯсти ҷонӣ мекунад.

Аз дили мо нағмаҳое ҳамчу булбул мекашад,
Бо камони абрувонаш тири уқтул мекашад.
Мебарад дар ҳар замон, мурғи диламро Ҷӯрабек,
Нағмаи тораш кунун аз сози булбул мекашад.
Дарсҳое Мирсалимро аз китоби Ҷӯрабек,
Ҳар замон аз нусхаи рангинкамон гул мекашад.
Лолагун дар саҳнаи тоҷик бошад марзи мо,
Машъали Мастона, ӯро сӯи Кобул мекашад.
Печутоби Афзали Шодӣ нишонам додааст,
Нағмаҳои форам ӯро сӯи Бобул мекашад.
Гар насиби ишқи ман гардид он Лола Азиз,
Гӯё ҳар лаҳни вай аз шишаҳо мул мекашад.
Бар шумо бастааст дил Сарҳоли Зимтӯдии мо,
Ҳар замон аз торатон ин хуша сунбул мекашад.

Биё Сарҳол ман худро ба мулки дигар андозам,
Ба ғаммозони дунё то ба кай ман ҳам назар созам?
Мани дилхастаро оҳам забона мезанад рӯзе,
Ба лаб омад маро ҷонам ба ки гӯям ман ин розам.
Ба дидори ту мафтунам биё марғулаякмӯям,
Куҷое суратат бинам ба сӯяш зуд метозам.
Чу Маҷнун то ба кай худро ба саҳро мезанам ҳар дам,
Зи ҳайронии дил доим ба рӯи хок мебозам.
Дилам савдоӣ шуд, хунаш намерезад магар бо ғам,
Ҳаменолам вале кас нашнавад аз хона овозам.
Ба ман аз гулшани нобаш бирез акнун ту эй соқӣ,
Мани дилсӯхта то аз мавҷи он паймонааш нозам.
Магар Сарҳоли Зимтӯдӣ туӣ девонаи олам,
Ки мегӯи ҳамеша қиссаи Маҳмуду Айёзам.

Дар ҷаҳони бевафо бо дӯстон амонатем,
Эй Худоё лутф фармо дар замон амонатем,
Чанд чун шамшод дорад анбарин он ҷилваҳо?
Ҳосили ин ҷилваҳо бин як фиғон амонатем.
Ҳар ки менолад ба субҳу шом назди ёри мо,
Оламеро кун ато гӯяд дар он амонатем.
Ҳар саҳар меорадам ёд аз Худо овози мурғ,
Бе хабар мо аз ҷудоӣ руҳу ҷон амонатем.
Бода ишрат мекунад аз ҷазбу шавқи ин замон,
Соғар андар дасти мо, мо баҳри он амонатем.
Тира шуд чашмони Сарҳол аз ҳисоби ғафлаташ,
Эй Худо бо ҷумла ёрон дар ҷаҳон амонатем.

Бухоро ифтихори Осиё андар замин аст,
Бухороро ҳазорон душмане андар камин аст.
Бухоро аз муқаддаспарварони аҳли дин аст,
Бухоро равзане аз ҷаннату ҳулди барин аст.
Бухоро сарзамини тахту бахти тоҷикон аст,
Бухоро сайқали ёрону шоҳони ҷаҳон аст.
Бухоро дар чаманзори ватан як нури рахшон аст,
Бухоро соябону дилнавози дилбарон аст.
Бухоро маркази илму адаб андар ҷаҳон аст,
Бухоро гоҳвори Буалӣ дар аҳди Сосон аст.
Бухоро зодгоҳи шоҳ Исмоили Сомон аст,
Бухоро ҳамчу пайванде ба ҷон Сарҳоли моён аст.

Ин чашмаро гар мекушоям, баҳри ман афсона нест,
Зулфаш парешон мешавад, дар дасти ман як шона нест.
Асрори дил гуфтан ба кас, баъд аз вафо аз баҳри чист?
Қарқас задан аз роҳи дур дӯстӣ магар хирсона нест?
Ҳарчанд ҷоми май ба кас, гоҳе шавад занҷири по,
Сархушӣ аз ин дилхушӣ ҷуз дар дари майхона нест.
Аз баҳри ҳар мушкил агар ту интизори мекашӣ,
Ин ҷустуҷу дар зиндагӣ баҳри каси бегона нест.
Ҳар оташе дар зиндагӣ моро қаландар карда аст,
Сарсону саргардон шудам, гуфтам, ки бар ман хона нест.
Бошад дили Сарҳол хун аз ғуссаҳои нестӣ,
Ҷуз шукри ҳақ дар ин замон мурғи диламро дона нест.

Ба дунё шарики нафас омадем,
Ба ҷону ба танҳо ҳавас омадем.
Табиат, ки дода саховат ба мо,
Ба фармони он додрас омадем.
Ба саҳрои озод кабки ҳилол,
Барояш ба дому қафас омадем.
Набини ту Сарҳол қонуни Ҳақ,
Ки вақташ ки шуд боз пас омадем.

Одамӣ чун одам асту зарнигор,
Анбарину некӯхую бахтиёр.
Сарви дар бустонсаро қоматбаланд,
Бошад ӯ худ дилбарам боихтиёр.
Чун надорад хастагӣ маҳбуби ман,
Шуд ба шамшери забонаш корзор.
Дафтари гуфтори ӯ пур аз гуҳар,
Инчунин кас чун набошад пойдор.
Бингару бин гар ту дорӣ ақлу дин,
Кас надид аз мо чунин зебо нигор.
Зиндагии мо ҳама аз одамаст,
Лаззати ҳар кори мо шуд хушгувор.
Гар нахобад ҳар замон Сарҳол дил,
Кас надонад одамӣ ё нақши девор.

Эй ошиқи ҷонпарварам, бо дорую дармон биё,
Ман ошиқи руйи туям бо гую бо чавгон биё.
Хуршеди олам мулки ту, шиновари дар коинот,
Чун моҳи тобон хулқи ту, нуре ба мо афшон биё.
Моро фалак додаст тоб озурдаю майхора хоб,
Бар ин шукӯҳат бо шитоб ошкораву пинҳон биё.
Гардидаам чун Яъқубе андар висоли Юсуфам,
Байтулхазан шуд ҷойи ман, аз Миср бар Канъон биё.
Девонаву ошиқ манам, пешам биё бо ман бимон,
Болотарин манзил туро бар ҳуҷраи чашмон биё.
Ман тутии хушхони ту пайваста дар айвони ту,
Маҷнун сифат Сарҳоли тӯу, хуш омади меҳмон биё.

Кучо бозор буд, омода гардид,
Даруни шаҳри мо озода гардид.
Миёнрав худ ба худ ҳайрони кор аст,
Далолро ҷустани арзони бор аст.
Шудан аз махмалин болои курсӣ,
Расид онҳо ба мақсад ту чи пурсӣ?
Кунун ин артиши мо қалъа дорад,
Кадомин гӯшае як раҳна дорад.
Ҳазорон таъна тоҷикро ба ном аст,
Ки истеъмоли героин ҳаром аст.
Набояд мардуме аз тоҷдорон,
Ки орад героин аз мулки афғон.
Касе ки мекунад истеъмолаш,
Барад аз дину дунё бе малолаш.

Хиромон мерави эй ҷон, дар ин боғ,
Амири ё Асири ё ки ҳарду.
Бипурсам шаммае аз ҳоли зорат,
Фақирӣ ё ҳакирӣ ё ки ҳарду.
Бигу дарди дилат то ман бидонам,
Замирӣ ё Сабирӣ ё, ки ҳарду.
Куҷо донам, зи рӯят, эй сияҳмӯ,
Хамирӣ ё фатирӣ, ё ки ҳарду.
Биҷустам дилу, аммо дил надоди,
Кабирӣ ё сағирӣ ё, ки ҳарду.
Аё Сарҳол мечуи аз ин меҳр,
Асирӣ ё басирӣ ё ки ҳарду.

Дар замон гар хонаи ҳар ҳокиме мунаққаш аст,
Пули хишташ музди кори мардуми меҳнаткаш аст.
Бистараш созад агар аз халтаи зар ҳамзамон,
Хотираш доим ба зар аз буданаш мушавваш аст.
То ба кай хони мударрис нони сериро надид?
Ҳайф меояд маро бинам мударрис пурғаш аст.
Шаҳнаву шоҳ аз Худо бар мо мададгори кунанд,
Оташе дорам ба дил ки сина аз вай дудкаш аст.
Шоди бодо бар дили ошуфтаи ҳар ранҷбар,
Тафтаи оҳак хамир шуд, хотироташ беғаша аст.
Ғусса бар худ мехурад Сарҳол доим аз амал,
Пеша гир ту сабрро, дар пеш як кашмокаш аст.

Шуд савобаш беҳисоб он кас ки беозор шуд,
Вақти авҷи кори мо ҳам дохили бозор шуд.
Меҳнатат гардидааст ин дам ғуломи ҳиматат,
Китфу бозуят бароят халтаи хирвор шуд.
Медиҳад меҳнат туро ҳар маъдани тиллову зар,
Гул ба дасти марди кордону писар бе хор шуд.
Ин замин густурда баҳри одами ин олам аст,
Дашту саҳроҳо зи дасти мардумон ҳамвор шуд.
Ҳар яке дар пахтакорӣ чобуку хушкор шуд,
Мамлакат аз дасти мардум махзани пурбор шуд.
Чун қалам аз дасти котиб рафт, ҳама доно шуданд,
Ҳар куҷо ҳайрону бе пул муздури бозор шуд.
Мактабу дорулфунун аз нокасон безор шуд.
Шуд шарики умри ту Сарҳол ин дам кору бор,
Ин каманди дар барат аз баҳри ту ғамхор шуд.

Чун ҷавонӣ меравад мисли нигине будааст,
Аз барои пиру барно ҳам ширине будааст.
Худситоӣ мекунад, аммо намедонад зи пеш,
Пеши худ ин маърифат бар вай камине будааст.
Ошноӣ кай кунад он чашм шаҳло баҳри пир?
Пеши зар мис ҳамчу санги оҳанине будааст.
Ҳар ҳабиберо ки ёбам авф созад ин чи гил,
Ҳар куҷо бошад ҳабиб он бехтарине будааст.
Зинда бошад он қади сарв аз нишонаш ҳам бале,
Мудаташ кутоҳиву зери замине будааст.
Чун гунаҳкорам мани Сарҳол аммо панди пир,
Баҳри ман ин панди пирон дилнишине будааст.

Боди шухӣ бар касе , ки комронӣ мекунад,
Дарси улфатҳои вайро посбонӣ мекунад.
Сарву гул андар чаманзоре агар бинад варо,
Ханҷари донишварашро ҳамзабонӣ мекунад.
Мешавад оби анораш анбаре бар пойбус,
Дар дилаш ҳардам варо оҳангронӣ мекунад.
Ҳар куҷо қад мекашад Шамшод аз нокомиаш,
Алҳазар аз бутаву ҷорубхазонӣ мекунад.
Ҳар куҷо андар бараш лаънат сиёҳи ҷома кард,
Ранги рухсораш ба вай ҳам ҷилваронӣ мекунад.
Гар низоми қоматаш дар синаҳо ғам оварад,
Шафқати меҳраш ба мо номеҳрубонӣ мекунад.
Ин каломи ман ба ту Сарҳоли Зимтудӣ азиз,
Шарбаташ бар ту расад, чун дӯсти ҷонӣ мекунад.

Бе чароғон киштӣ дорам, мавҷ берун мекашад,
Лаҳзаҳо туғёни тӯфон аз рагам хун мекашад.
Мебарад савдои умрам то ба кунҷи дар маро,
Офарин гӯям ба сарбоне, ки мавзун мекашад.
Кас намедонад, ки кори кист, аз мо ё дигар,
Гаҳ хуморӣ ин дилам аз лаъли майгун мекашад.
Он қадар дар дашти ғамҳо мондаам танҳову зор,
Риштаи ишқи ваям монанди Маҷнун мекашад.
Хуни дил Сарҳол шуд аз заврақи нолоиқаш,
Лангари ишқи ваям монанди Маҷнун мекашад.

Рӯзии волои мардум аз саҳар пайдо шавад,
Неку бад дар ҳар куҷо хобад агар расво шавад,
Душманат чун пашшаю домат ниҳад дар рӯи раҳ,
По ба домаш гар ниҳӣ, занҷири он кай во шавад,
Соқии базму тараб аз сархушӣ андеша дор.
Ҳар куҷо бошад хато, аз сархуши пайдо шавад,
Соҳиби фазлу бақо бо мо муросоҳо кунад.
Ҳар ки аз қонун барояд, худ ба худ расво шавад.
Ҷумлагӣ гумроҳиҳо аз касрати нодонӣ аст,
Неку бад дар доми ишқ афтад агар, шайдо шавад.
Офарин бар мисрае, ки гуфт он Сарҳоли мо,
Ин суханро бишнавад гар гӯши кар кай во шавад.

Офарин ба пахтачин, бо ғалакорон ёр шуд,
Ин ватан аз дасти олиҳимматон гулзор шуд.
Маърифатпарвар зи деҳқон аз ҳама бисёр,
Офарин бар қаҳрамони далери номдор.
Ҳар куҷо бо илму фарҳанг аз паи номусу нанг,
Баҳри мактаб аҳли илму олимон ғамхор шуд.

Ҷои зебо Шурча, бошад баҳри мардум дилнишин,
Сел гӯё кардааст он ҷо ду шаҳре, рав ту бин.
Дар баланди гумбазаш монанди як бурҷи зарин,
Шаъшаафшонӣ кунад то осмон ӯ аз замин.

Аз ватан берун шавем, ҳар ҷо ки бошем мо ғариб,
Баҳри ҳар як лолаю гул аз чаман бе ҷо, ғариб.
Гуфт он Пири Хуҷанд аз ранҷи ғурбат баҳри мо,
«Дар ҷаҳон то чанд гарди бе сару бе по ғариб».
Кай бипурсад ҳоли моро мардумони ғайридин,
Ҳар даре додам садо, эй раҳм кун ки мо ғариб.
Гар надорам муттако, аммо ки ҳаст он ҷо Худо,
Оҳу вовайло, ки гаштам яккаву танҳо ғариб.
Доваре бар мо набошад муҳри хомуши ба лаб,
Осиё санге ба сар шуд, гар бигуям мо ғариб.
Бин ту эй Сарҳоли ҷонам ин хазони дасту рӯ,
Муҳрааш бишкаста ин даврони мо онҷо ғариб.

Ҳамчу куҳи сарбаланд аз зери гулҳои чаман,
Дар мисоли зиндагӣ бе интиҳо дорем сухан.
Мемирад дар ҷои дигар шахси бадхоҳи Ватан,
Мешавад бешоху баргу бе либосу бе кафан.
Гар бигирам ними дунёро ба зурӣ бо камон,
Чун Сикандар дасти холӣ меравам аз ин чаҳон.
То ба кай дорад нигаҳ он ҷомаро рӯбаҳ ба тан,
Аз Худованд ту нахоҳӣ ёфт мададгоре чу ман.
Туйи оташбозии мо кай биғунҷад дар вуҷуд?
Гар нишастӣ дар тӯи мо мекунӣ афсуси худ.
Мешавад аз боғи васлат дар замон гулҳо хазон,
Мешавад гулҳо хазону лек бустон ҷовидон.
Ман ки худро дар сухан Сарҳол кай номидаам,
Доимо дар кӯрдуди баҳсаш орамидаам.

Зиндагӣ дар боғу бӯстон як хатоӣ карду рафт,
Ҳам бародар, ҳам рақиб, аз ҳам ҷудоӣ карду рафт.
Ин ҳама олудагӣ аз худписандии додарон,
Ҳам ғарибу ҳам ятим умре гадоӣ карду рафт,
Зиндагӣ ошуфтатар гардиду ёрон ҳам ҷудо,
З-ин сабаб ошиқ ба ёраш бевафоӣ карду рафт,
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ додаанд гулписарон,
Ҷумла бо мо хайру хуш аз ошноӣ карду рафт ,
Мисрае Сарҳоли ҷон аз ёди ёронаш навишт,
Ёди ёронаш ба дил, сире баҷоӣ карду рафт.

Он Худованд одамӣ аз обу аз гил офарид,
Пуркору пуразобу ҳам қавидил офарид,
Одамиро бо накуин сурате бо ақлу ҳуш
Дар миёни мавҷудот инсон оқил офарид.
Сад ҳазорон чашмаҳо ҷорӣ зи кӯҳҳо баҳри мо
Обҳои босафо дар Даҷлаву Нил офарид,
Шуд муқаррам дар миён ҳаждаҳҳазор аз махлуқот,
Одамиро бо саводу илми комил офарид,
Гар надорад орзу Сарҳол чун ҳар булҳавас,
Ҳамчу шоир нуқтадону марди фозил офарид.

Олуда шуд дар зиндагӣ пайванди ҷонам сӯхту рафт,
Аз дасти ин бехудиҳо ороми ҷонам сӯхту рафт,
Дар зиндагӣ аз роҳи тайнокардааш дар ҳалқае,
Меорамаш дар пеши худ, чашм аз ду олам сӯхту рафт.

Бехобӣ дорам рӯзу шаб, савдо зада дар кӯҳу дашт.
Ҳамвора шуд боз ин боло, дар ком нонам сӯхту рафт,
Ҳар он чи хоҳад мешавад, аммо нахоҳад кай шавад.
Дор ин қазоро, ту нигоҳ кун, дилситонам сӯхту рафт,
Гум кардаам роҳе ба худ, девонаи саҳро шудам,
Ёре кунун бояд маро к-он маҳчабинам сӯхту рафт.
Ях баста дил, ку марҳаме, бо худ надорам ин замон,
Ғам мозиҳои дил ҳамин ҷон устуғонам сӯхту рафт,
Он қозии рӯзи азал, дорад хабар аз ин амал.
Донад чунин Сарҳоли вай даври ҷавонам сӯхту рафт.

Меравад рӯҳам зи тан онро намеёбам дигар,
Бусаҳо аз модару ҳам гарми оғӯши падар,
Аллаҳои дилфиреб андар бари гаҳвораам
Баҳри мо омода месозад таоме аз шакар
Шустушую пухтупаз доим ба мо у менамуд
Ҳочате бошад варо бо мову бо ҳамсоя гар,
Он қадар дар мушкилиҳо сахт будаст ҷони вай,
Лаҳзае меомад аз кораш паси кори дигар,
Ҳар саҳар мехезаму ман ёди модар мекунам,
Мебарад аспи хаёлам то ба майдони дигар,
Эй биё Сарҳол гулҳо бар сари гураш барем
Оятеро ҳам бихонем дар сари гӯри падар.

Чи хуш ин корвони умр, агар дорад латофатҳо,
Нишинед даври як хону ҳазар созед зи офатҳо,
Шавад барбод аз наҳси адоват орзӯи мо,
Нашуд мақсуди кас ҳосил аз ин ҷангу хилофатҳо,
Ба пирӣ гар расӣ орад, туро чандин пушаймонӣ,
Ҷавонӣ бори вазнин аст, агар хоҳӣ назофатҳо
Тавонӣ гар ту муштеро мазан баҳри рафиқонат
Бихонӣ номаатро ту ба некӣ аз зарофатҳо,
Бародар ҳарчи дори меваҳо дар боғу бустонат,
Фиристон суӣ Яздону раҳо ёб аз касофатҳо,
Шуморо панди беҳад хурдаке Сарҳол зебо гуфт,
Гар омӯзӣ ягон илме, туро бошад шарофатҳо.

Зи лутфи хеш ё Раб ҷои мо дар ҷаннатат андоз,
Зи Кавсар бар сари ҳар мӯъмин оби раҳматат андоз.
Чу кӯҳи Қоф бошад гар, гуноҳи ҳар яке аз мо,
Бибахшо ҳар яки моро ба хони неъматат андоз.
Ҷаҳони бебақо касро надод оромие дар худ,
Макону манзили моро, ба кони раҳматат андоз.
Биё Сарҳол доим тавбаатро ту Насуҳӣ кун,
Ки ё Раб пургуноҳам ман, ба роҳи тоатат андоз.

Миёни кӯҳи сангему, чи ҳолему чи ҳолем,
Миёни роҳи тангему муҳолему уболем.
Ба дасти мо на ҳалли мушкилотест, асирем,
Миёни кӯҳи барфему ба сармову шамолем
Чигил афтода андар мушкилотем
Сабаб ин шуд, харобему азобем.

Сухан сар мекунам з-эшони Туғрал,
Ки чанде гаштаам пазмони Турғал.
Маро шаккар чи кор ояд, ки дорам,
Ширин байту ширин достони Турғал.
Зи шеъре то ба шеъре рӯз то рӯз,
Шавам маҳву шавам ҳайрони Турғал.
Чи додам бар касеву чӣ гирифтам,
Шавад ҳамсанг бо эҳсони Турғал?
Дилам бигрифта аз шӯри замона,
Ба дастам доимо девони Турғал.
Маро бурд оқибат аз пайраҳи хеш,
Кунун дасти ману домони Турғал.
Сарам бар осмон, Сарҳол, соям,
Гирам ҷо гӯшаи майдони Турғал.

Шиква аз ман мекунад, ӯро нигаҳ дорад Худо,
Тор даврам метанад,ӯро нигаҳ дорад Худо.

Меравад аз мову бо ағёри мо дастобадаст,
Ру ба гулшан мекунад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Ӯст, андар рӯзгор кутаҳам рӯзи Худо,
Чоҳ пешам меканад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Ҷои меҳру дӯсти, пурсанг медорад бағал,
Як ду сӯям мезанад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Рӯзгоре ояд ба сар, Сарҳол, рӯзе оқибат,
Ҳар ки гӯрам мекунад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Дунё накунад кирои тирандозӣ,
Ояд ба сарат тире ки меандозӣ.
Бигзор камону рав сари коре гир,
Кор аст василаи хуби худсозӣ.
Мағрури камону бозуи худ ҳастӣ,
Ҳуш дор, ба ҷони халқ нашояд бозӣ.
Зӯр ояд ҷонат камонат гирад,
Пеш з-он ки камони худ зи даст андозӣ.
Аз боми баланд кори паст афтонад,
Коре бинамо ки сар зи он афрозӣ.
Сарҳол насиҳати ту гӯяд ҳар дам:
Бо мардуми бечора бикун дамсозӣ.

Аҷал чун панҷа зад бар ҷони модар,
Сараввал хира шуд чашмони модар.
Ба пеши қудрataш оҷиз мондам,
Намеёбам дигар дармони модар.
Дару девор гирён шуд чун дид,
Зи ғам нолон сияҳпӯшони модар.
Ҷаҳон шуд тираву, Сарҳол, мондам,
Тани танҳо таги айвони модар.
Аё фарзандҳо, ҳар рӯз созед,
Вуҷуди хешро қурбони модар.

Умед аз васли ту дорам, муҳаббат мекунӣ ё не?!
Гуноҳ аст тӯшаи умрам, шафоат мекунӣ ё не?!
Маро дастони устоди азал кардаст раҳпаймо,
Нигоҳе раҳравонро аз мурувват мекунӣ ё не?
Дар ин раҳ борҳо афтодаму бархостам аз ҷо,
Ба роҳи рост гумроҳро ишорат мекунӣ ё не?
Баҳои айши як дам шуд ғами олам насиби ман,
Дар он дунё насиби ман масаррат мекунӣ ё не?
Саробе буд он дарё, ки Сарҳол аз он об нӯшид,
Варо сармаст аз ҷоми шаҳодат мекуни ё не?!

Одамиро санъаташ аз хоку анвор офарид,
Дар замин баҳри хиромаш боғу гулзор офарид.
Ахтарони осмонҳоянд мисли чилчароғ,
Дар миёни чилчароғон моҳи нурбор офарид.
Мехиромад дар само ҳар рӯз Рахши офтоб,
Гаҳ-гаҳе борони раҳмат баҳри шудгор офарид.
Издивоҷи Одаму Ҳавво набудӣ иштибоҳ,
Он чиро мехост аз аввал ӯ, дар он бор офарид.
Ҳам Муҳаммад–хотимаи пайғамбарони оламин,
Ҳам Алӣ шери Худо–ӯро мададгор офарид.
Ҷаннату дӯзах муқаррар шуд мукофоти амал,
Некрою зишткор аз модари зор офарид.
Садякеро гуфт Сарҳол з–офариданҳои ӯ
Кас намедонад дар олам, ӯ чи миқдор офарид.

Зери бори зиндагонӣ мондаам, тадбир чист?
Эй фалак, боре бигӯям? Ин ҳама тасвир чист?
Мушкиле накшода, моро мушкиле зам мекунӣ,
Ҳеҷ пурсӣ, манбаи ин нолаи шабгир чист?
Ҷомаи бомаслиҳат кӯтаҳ наояд ҳеҷ гаҳ,
Кӯтаҳандеш туӣ ё ман, гуй кист, охир кист?
Бар гунаҳкорон дари зиндон агар бикшодаӣ,
Дӯзд рӯи минбару бе ҷурм дар занҷир чист?
Ҷонро ҷонофарин додасту ӯро ихтиёр,
Пас барои куштани халқ ин камону тир чист?

Дӯст медорам тӯро эй ҳамдами ҷонам китоб,
Мешад комам ширин –арвоқи гардонам китоб.
Миллати ман бо китоб омад ба дунё з-ин сабаб,
Мегузорам рӯи тоқам ҳамраҳи нонам китоб.
Гоҳ-гоҳе зиндагӣ гар дарду ранҷам медиҳад,
Мебарам рӯи ниёз бар сӯи дармонам китоб.
Ман чӣ сон онро ба тоқдони фаромӯшӣ ниҳам,
Маншаи мисраву байту шеъру девонам китоб.
Бо ҳама дороии дунё, хаёлам муфлисам,
Беҳтарин мерос, Сарҳол аз ниёгонам китоб.

Дар рӯи замин чанде фарзанди замон будем,
Гаҳ пайрави ҷомеа, гаҳ ину гаҳ он будем.
Гаҳ банди гунаҳ будем, афтода ба чаҳ будем,
Аз чоҳ ба Маҳ рафтем, ибрат ба ҷаҳон будем.
Гаҳ хобу гаҳе бедор, гаҳ маст гаҳе ҳушёр,
Бар ҳарчи гароидем, маҳкам ба имон будем.
Дирӯз агар ҷанг буд, майдони амал танг буд,
Бар сулҳу салоҳ аммо бе шаку гумон будем.
Сулҳ омаду халқ хушҳол, болида бигуфт Сарҳол:
Бар пеш равонем, ҳол он сон ки равон будем.

КУШОИШ

Бидеҳ эй холиқи ҳарду ҷаҳон сайқал забонамро,
Бихонам ҳамду афрӯзам чароғи достонамро.

Ба номи поки ваҳшурат,ба роҳи ҳақ силоҳшӯрат,
Дар ин дафтар намудаам ҷилвагар арзу баёнамро.

Нисорат кардаам меҳрам ба ту, хонандаи шеърам,
Бихон беибо баргу ҷунинамро, чунонамро.

Агар пайванди Сарҳоли, бигир пандам ба хушҳолӣ,
Фурӯзон дор, эй фарзанд, шамъи хонадонамро.

Бандаи хокиям, имон ба Яздон дорам,
Қатраи обаму сарчашма зи борон дорам.

Ошиқи буттаву ҳар бурси кӯҳистон ҳастам,
Санг болину алаф кӯрпа,биё,ҳон,дорам.

Чашми бад нест чу моро тарафи халқи Худо,
Чашми бад дур,ба дил меҳри фаровон дорам.

Ту агар хӯрда ба фақри ману бар ман гирӣ,
Хотири ҷамъу дили беғам хандон дорам.

Сару ҷон бар қадами дӯст фишонам Сарҳол.
Дари дил боз ба рӯи ҳама ёрон дорам.

Нест афсуну фасона ,ки бигуфтам бо ту,
Ҳарчи мегӯям агар,такя ба Қуръон дорам.

Маро ҷуз куӣ ӯ маъво набошад,
Ба ғайр аз диданаш парво набошад.

Шудам бозорӣ аз савдоӣ ишқаш,
Маро савдо ҳамин,савдо набошад.

Ғилофи донаи афтода бар хок,
Надонад гар касе,аз мо набошад.

Агар дасти забардасте набудӣ,
Замин ларзандаву барпо набошад.

Чӣ сарҳое фурӯ рафтанд бар хок,
Варо розест, ҳеҷ ифшо набошад.

Агар, Сарҳоли,нашнохти имрӯз,
Тамаъ баркан,туро фардо набошад.

Бе нури хуршед оласм набошад,
Бе ишқу умед одам набошад.

Аз хок гарчӣ одам сириштанд,
Ин хокзода беғам набошад.

Як шаҳр бозор,аммо бараҳна,
Як хона одам, ҳамдам набошад.

Шамшери истам бар ҷон расида,
Шамшердоронро рам набошад.

Аз баҳри афюн дарё шудаст хун,
Ун девсират одам набошад.

Бар ин касолат Сарҳол гӯяд:
Ҷуз касби дониш марҳам набошад.

Зӣ нураш шамъи дил рӯшан намудан орзу дорам,
Шарори хешро гулхан намудан орзу дорам.

Зи пирон бар ҷавонон як дуои нек мехоҳам,
Ҷавононро зи бад бегона будан орзу дорам.

Ба ҳар як пири душаш зери бори зиндагони хам,
Ба маҳбубон ҳақ ҳамхона будан орзу дорам.

Фалак он қадр бар ҷонам ҷафоҳоро раво дида,
Кӣ боре гӯй аз майдон ш рабудан орзу дорам.

Агарчи дасти кутаҳ дораму ҷайбу тиҳӣ ,Сарҳол,
Ғуборе аз дили мискин зудудан орзу дорам.

Нома бинавиштам барои ёр, аммо ёр нест,
Ҳеҷ касро, мурда ё зинда, бар кас кор нест.

Буни деворе дар ин шаҳр бар мусофир ҷой ку,
Сояро ҳам мефурӯшанд! Шубҳа дар ин кор нест.

Ҳар касе ин ҷо чизе ёбад агар, аз худ кунад,
Чун Марозову Савелеви рус туҷҷор нест.

Кӯдаконро туъмаи бангу гиройн кардаанд,
Ҳеҷ кас бар рӯи фарзанд ҳамчун модар зор нест.

Хуни дил, Сарҳол рӯй саҳфа овардам як умр,
Хостгоре бар матоъам ҳеҷ дар бозор нест.

Бар сари мо дам ба дам васвасае нав ба нав,
Мекунию меравӣ, монда ба дилҳо алав.

Ҳосили фарёд ку? Маҳкамаву дод ку?
Арзиши фарёди мо гашт баробар ба ҷав.

Ҷои маош ин замон,ваъда диҳанд роҳбарон,
Сар куву сардор ку?Ҷома ба сар каш,бирав.

Беқаламу бекитоб ҳамнишинам бо азоб,
Мактаби дарбаста бин,рафта ҳам москав.

Банди саволу хитоб умр ба охир расид,
Ништаи Сарҳол сӯхт норасида ба дарав.

Замонро бин, ки бо мардум чиҳо кард,
Ба ҳар сӯ лашкари ғамро раҳо кард.

Бародар бо бародар ҷанг андохт,
Писар аз домани модар ҷудо кард.

Намуди болонишин шайтонзода,
Баробар зар бо хоки сиё кард.

Хаёли маъшуқ аз ошиқ бирабурд,
За раҳ берун кашид,банди бало кард.

Бубин,Сарҳол,дар ин ошуфтабозор,
Кӣ мол оварду ки кайфу сафо кард.

Ҳар саҳар, ки мехезам ёди ӯ ба сар дорам,
Ёди ӯ бувад ширин, нони пуршакар дорам.

Он қадар хумориям, к-аз хумори сӯи ӯ,
Пар кушуданӣ мешам,лек на пар дорам.

Муттако дар ин олам нест бар бани одам,
Ҷустуҷуй кунам ҳар дам, ҳар тараф сафар дорам.

Зиндаам ба ёди ӯ то бувад рамақ бар тан,
Зикри номи ӯ ҳар шаб то дами саҳар дорам.

Рӯй бар ғуруб, Сарҳол, офтоби умр овард,
Дона киштаам ҳар сӯй, чашм бар самар дорам.

Эй маҳбуби дилҳои мо, бо ман бимон,бо ман бимон.
Эй лутфи ту беинтиҳо, бо ман бимон, бо ман бимон.

Ганҷинаи ҳикмат туӣ, шоистаи ҳурмат туӣ,
Борандаи раҳмат туй, бо ман бимон,бо ман бимон.

Эй ҳотами пайғамбарон, эй раҳнамои роҳбарон,
Зери самои бекарон бо ман бимон, бо ман бимон.

Не зиндагӣ, не бандагӣ, шармандагӣ, шармандагӣ,
Не субҳ медонам, на шом, бо ман бимон, бо ман бимон.

Сарҳол гашта мубтало бар ҷумлаи ранҷу бало,
Ёри ман рӯзи ҷазо, бо ман бимон, бо ман бимон.

Дар ҷаҳони бевафо мақсад маро ҳосил нашуд,
Он қадар шогирд парвардам, яке оқил нашуд.

Боз меояд садои тиру мемирад касе,
Ҳосили кушторҳо мафҳуми ҳеҷ оқил нашуд.

Рӯзгори Мусиву Фиръавн ибратбахш буд,
Ҳайф, аммо аз барои мо ҳал мушкил нашуд

Он қадар сангин аст дилҳои баъзе одамон,
Сангро дидем, аммо ҳеҷ гоҳе дил нашуд.

Ҳаргиз маломати касон,ҷони падар,макун,
Гар таън кардани шави ҳам, бар ҳадар макун.

Пайванди ногусатиони дорад забон ба ҷон,
Алфози тунд бар забон, ширинписар макун.

Ҳамбастаанд дар замин бо ҳам ҷаҳониён,
Ҳаргиз ҷудо зи ҳамдигар аҳли башар макун.

Ду мусапед интизории фарзанд мекашанд,
Чашмони пур умедашон бар сӯй дар макун.

Аз худпарасти бигзару рӯ бар худо биёр,
Дар сар ҳавои молу мулк, аз худ гузар макун.

Ҳар ҷо ки мерави, бидон, Сарҳол гуфта буд:
Аз зодбуми хештан қатъи назар макун.

Шиква аз ман мекунад, ӯро нигаҳ дорад Худо,
Тор даврам метанад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Меравад аз мову бо ағёри мо дастобадаст,
Рӯ ба гулшан мекунад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Ӯст, андар рӯзгори кӯтаҳам рӯзи Худо,
Чоҳ пешам меканад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Ҷои меҳру дӯстӣ, пурсанг медорад бағал,
Як-ду сӯям мезанад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

Рӯзгор ояд ба сар, Сарҳол, рӯзе оқибат,
Ҳар ки гӯрам мекунад, ӯро нигаҳ дорад Худо.

ҚИТЪА

Бедодгариву харобкорӣ,
Мастигариву шаробхорӣ,
Олудаи сад гӯноҳ будан,
Рӯ тофтан аз савобкорӣ,
Бар одамизод раво набошад,
Гар мекунияш, даво набошад.

Ҳам ғорати дину ҷисму ҳам ҷон,
Ҳам зардии рӯи туст аз он,
Ҳам ака ба дарду доғ зистан,
Бефайзии кӯи туст аз он.

БАЙТҲО

Зиндагӣ дар тангноро рав зи оби шиша пурс,
Ҷабри неши аррароро бар кунда рав аз реша пурс.

Умрҳо мегузараду як дами ороме нест,
Ганҷи дунёст ба каф лек дилороме нест.

Рӯй ба қиблаи дил дуо боло кун,
То шарафёб шавӣ хидмати пирон чанд рӯз.

Лаҳза-лаҳза бетараҳҳум мебарад бар номи худ,
Аждаҳои зиндагонӣ ганҷи умрамро фурӯ.

Сер аз дидори олам кай бигирад чашми мо?
Дидаҳо пуроби ҳасрат хунчакон пӯшида шуд.

Гум накардастӣ калиди дари ҳиммат, Сарҳол,
То тавонӣ дари дил сӯи ғарибон бикшо.

Корвони умр рафту суде аз олам нашуд,
Ҳамдиле мехостам, аммо касе ҳамдам нашуд.

Тахтапуштам шуд ало аз пинаҳои чеварон
Пинадӯзи осмонро лек парвое набуд.

Эй боди даргузар, ба чор сӯ хабар:
Мо сӯлҳ кардем, в-аз ҷанг алҳазар!

Кор мекардем замоне, дур зи корам кардай,
Хам миёну зард руву хору зорам кардай.

Чу ҳастам дар барат имрӯз, кушо шав ки дарёбӣ,
Замоне аз тапиш монад дилам, дигар намеёбӣ.

Мебарад бо ҷилва дилҳорову пинҳон мешавад,
Қисмати мо аз азал, Сарҳол, сарсонӣ будаст.

Чи мепурсӣ зи кишту ҳосили мо,
Навои ҳарду олам дар дили мо.

Бидеҳ соқӣ, шароби арғувонӣ,
Дареғам ояд аз умри ҷавонӣ.

Нигаҳ дорад Худо мардуми зишт,
Ки дар як он диҳад барбод ҳар кишт.

Ҳасрати бисёр дорам ман аз ин дунёи фонӣ,
Дӯст пайдо мекуниву мекунад гум ногаҳонӣ.

Диёнат гар равад аз шаҳриёрон,
Ба вайрона расонад мулк, ёрон.

Лавҳи тавфиқ дар канорат бод,
Дар ду олам Худой ёрат бод.

Ками дунё бидидаву валекин кам нагардидӣ,
Зи чашми камбинон, эй дил, Худоят посбон бошад.

Бо имое нимашаб майли давидан аз ман,
Дидани рӯи туву боз рамидан аз ман.

Ба хотири ёри рафтаам дилам месӯзад,
Бар гуфтании нагуфтаам дилам месӯзад.

Дар ҷаҳони бевафо, расми вафодорӣ маҷӯ,
Лаҳзаи дидор кӯтоҳ аст, бархезу биё.

ҚИТЪА

Шоҳаншаҳу ҳам тахти заррини ӯй,
Гадову дурушт далқи пашмини ӯй.

Равона ҳама ҷониби нестист,
Абадзинда андар ҷаҳон кист, кист?

Шунав ҳарфи Сарҳоли омӯзгор:
Макун такя бар сим дар рӯзгор.

Некӣ кун ки аз симу зар беҳтар аст,
Ба вақти ҳисобу китоб ёвар аст.

МУБОРАКБОДИИ ҶАШНИ АРӮСӢ

Азизон, бахти некӯ бар шумоён ҳамсафар бошад,
Замине ки қадам монед, пур аз гулҳои тар бошад.

Арӯси мо ҳамеша ҳамчу модар-ш бод хӯштолеъ,
Шаҳи мо номбардори сазовори падар бошад.

Ҳама халқи диёр имрӯз табрики шумо гӯяд,
Дуову табрики инон ҳамеша коргар бошад.

Дар ин рӯз одамон хӯрсанд, замину осмон хӯрсанд,
Ҳамин хурсандӣ оғози ҳаёти чун шакар бошад.

Баро(й)тон, эй арӯси нозанину эй шаҳи даврон,
Раҳи дуру дарози умр эмин аз хатар бошад.

Қатори дигарон Сарҳол шарики шодмонитон,
Чунон маст аст то ҳадде ки аз худ бехабар бошад.

БА САРВАРИ ШИРКАТИ БА НОМИ ХУҶАМАРДОВ МАВЛОН МИРЗОЕВ

Эй дӯсти ҷонӣ, Мавлони Мирзо,
Эй дастгири ранҷуру танҳо.
Ҳаҷ (ҷ) аст гирифтан дасти ғарибон,
Эй ҳаҷ нарафта маҳбуби дилҳо.
Обод кардед бас хонаи дил,
Бар сад дароед, бошед барҷо.
Ҳар кас надомат гар менамояд,
Чун марди коред, чӣ ҷои парво.
Гар чашми ибрат дорад бубинад
Ибратпазир аст ҳар фарди доно.
Гар рост бидҳад, чап(п)ат надонад,
Аз ғайб гардад сӯят даре во.

ШЕЪРҲО
СОЛИ ДУҲАЗОР ОМАДАТ ХӮШ!

Соли дуҳазор омадат хуш!
Бар сабздиёр омадат хуш!

Ду дида ба омадани ту дорем,
Дилхастаи ҷангу корзорем.
Пайғоми салоҳ интизорем.
Соли дуҳазор омадат хуш!
Бар сабздиёр омадат хуш!

Эй бо ту тамом асри бистам
Чун омадӣ, гир ҳарду дастам.
Бар пеш бубар маро нистам
Соли дуҳазор омадат хуш!
Бар сабздиёр омадат хуш!

Бикшо дари бастаи макотиб,
Афзоӣ маош бар маротиб,
Биспор замин ба дасти соҳиб,
Соли дуҳазор омадат хуш!
Бар сабздиёр омадат хуш!

МАРСИЯ ДАР МАРГИ ШОГИРДИ ШАҲИДАМ ҶАМОЛИДДИН.

Ҳини дифоъ аз меҳанаш,
Тири адӯ зад бар танаш.
Чархиду дар рӯи замин,
Ғарқид андар хун танаш.
Дар дил ҳазорон орзӯ,
Кай буд фикри мӯрданаш?
Ёрон-ш сӯзанду пазанд,
Аз ногаҳонӣ рафтанаш.
Модар гиребон чок кард,
Пӯшид сияҳ пироҳанаш.
Ашки падар шориду рехт,
Аз дидагон бар доманаш.
Сарҳолро аз каф бирафт,
Дурре зи ганҷи махзанаш.

МАРСИЯ ДАР МАРГИ ҲОҶӢ ШАРИФ БОЗОРОВ

Нимашаб омад хабаре ногаҳон:
“Рахт баст ҳоҷӣ Шариф з-ин ҷаҳон!”
Ҷамъ шавем акнуну яксар барем,
Феъли хушу номи худаш бар забон.

Рафт зи мо ӯву аз ӯ кор монд,
Кардаву нокардаи бисёр монд.
Хонаву дар холӣ ба якбора шуд,
Гулсараву Сокинаро зор монд.
Номи накӯш маҳбуби халқи дара,
Хурду калон мегирадаш яксара.
Пои азизони дилаш то буванд
Канда нагардад зи раҳи мақбара.

БА ЁДИ ШОДРАВОН САРМАД

Шеъри ӯ ҳамчун тулуъи офтоб,
Ғофилонро занги бедорӣ зи хоб.
Оқилон девонаанд аз шеъри ӯ,
Ошиқон дар шуълаҳои он кабоб.
Сокини майхонаву майхора буд,
Буд дар майхона чун моҳӣ дар об.
Кӯрдилҳо кай тавонад дарк кард,
Бастани майхона коре носавоб.
Пармаҳои зиндагонӣ пайкараш,
Тобиду бишкофиду кардаш хароб.
Лаззати шеъри дарӣ хоҳӣ агар,
Баркушо девони Сармад бешитоб.
Қисаҳои гуфтаву ногуфтааш,
Нозири зимтудӣ кардас (т) як хитоб.
Аз ғамаш Сарҳол абёте бигуфт,
Ёди некон кардан аст айни савоб.

ВАСИЯТ

Баъди мурдан турбатам бар бӯстони ман баред,
Паҳлӯи модар – ягона меҳрубони ман баред.
Ман ки будам дар ғамободӣ дурӯза ғамкаше,
Ёсину Тоҳо бихонеду ғамони ман баред.
Бигзарад гар солҳову хок гардад устухон,
Гул агар з-он хок рӯяд, бар нишони ман баред.
Бар сари қабрам нишинеду кушоед дафтарам,
Ҳасратамро шаммае бар дӯстони ман баред.
Орзуманди висолаш буд Сарҳоли ҳазин,
Орзӯҳоям ҳамроҳам бо корвони ман баред.

** **

Лаҳзае исто бародар, як ба қабристон нигар,
Хуфтаанд аҳдоди мо, хешу табор, модар, падар.
Сар хам кун мурдагонро поси хотир ёд ор,
Нест касеро ғайри ин манзил ҷуз ҷои дигар.

БА АЪЛОҲАЗРАТ КАРИМ ОҒОХОНИ 4

Ман намедонам чи сон тавсиф созам номатом,
Ҳам намеғунҷад ба дафтар шукри ҳар инъоматон.
Чун Бадахшонро раҳонидем аз ҷанги бало,
Аз замин то осмон шуд шӯҳра шуд икроматон.
Осиёву Африқову Амрикоро ин замон,
Пур гардида фазо – таҳсину хосу оматон.
Он қадар нӯшидаем аз бодаи ишқи Шумо,
Кам намегардад валекин қатрае аз ҷоматон.
Бод меҳру ҳам сахотон то абад беинтиҳо,
Даст гирад гар Худо, бӯсем ҳар андоматон.
Аз дилу ҷон дар қатори дигарон Сарҳол ҳам,
То қабул афтад, фиристодем ин пайғоматон.

ҚИСМИ 3

ФАРЗАНДОН НОМБАРДОРИ ПАДАРАНД



Одинаева Бибилатифа санаи 4.01.1941 дар деҳаи Зимтӯд таваллуд шуда, даврони ҷавонии худро дар деҳаи Ғӯсар ноҳияи Панҷакент дар хонаи бузургакояшон Одинаев Абдусаттор (Сергей Дмитриевич Одинаев) гузаронидааст.

Соли 1960 ба амри тақдир бо писари амакашон Абдураҳим Ҷумъаев оиладор мешаванд.

Дар тӯли зиндагии 60 сола соҳиби 11 фарзанд мешаванд, ки ду фарзандашон вафот мекунанд.

Нӯҳ нафар фарзандро модари азизу ғамхор бо падари далеру шуҷоъ тарбият ва таҳсил омӯзонида ҳар кадомеро оиладор ва соҳиби хонаю ҷой мекунанд.

Солҳои вазнини зиндагониро ба фарзандон ҳикоят мекарданд.

Баҳору тобистон қариб ҳар сол бодянишинӣ мерафтанд. Дар айлоқҳои Карук, Ғарғанич. Аз нақлашон бинобар он, ки фарзандонашон ширу ба шир тавлид шудаанд, яъне ду соле пас тавлид кардаанд, як фарзанд дар гаҳвора ва дигареро дар тахтапушти худ бо камзулитан баста, гов, буз, гӯсфанд меҷӯшидаанд ва барои рӯзгор ширу қаймоқ, чакаву ҷурғот ва равғани зарду қуруд ҷамъоварӣ мекардаанд. Боре аз нақлашон ду кудак яъне фазандони ширмак бо худ ба ҳезумҷамъоварӣ рафта то шомшавии рӯз 7-8 харвора ҳезумро ҷамъ кардаанд.

Зани оқилу доно, кордон, отифа, бомулоҳиза, хушгуфтор ва қаҳрамонмодар буданд. Дар тарбияи фарзандон асосан саҳми калони арзанда доштанд.

Ба мушкилии рӯзгор тоқат менамуданд ва аз ҳар коре, ки мушкил буд намеҳаросиданд. Ёдам ҳаст агар колхоз ба чени коргарони оила нигоҳ карда замини тамоку ҷудо мекард

баръало муроҷиат менамуданд, ки барои ман ин миқдор кам аст ба ман зиёд замин ҷудо намоед. Боре бригадири колхоз Боймурод Саидов (Худо раҳмат кунад) як гектар замини тамоку ҷудо кардаанд ва гуфтанд, ки қувваи кории оилаатон ба ҳамин як гектор замин намерасад, модар ҷасурона баромад карда, якуним гектор замини тамокуро гирифта киштукор карданд. Модари ҷасуру далеру чолок буданд, кадбону ва меҳмоннавози хуб буданд.

Шояд яке аз сабабҳои пешқадамии Абдураҳим Ҷумъаев ин доштани ҳамсари ҷасуру чолок буд, ки нӯҳ фарзандро бо нони ҳалоли омӯзгорӣ тарбият намуда, хононда ба воя расонидаанд. Соли 2019 нияти зиёрати хонаи Худоро карданд. Маблағҳое, ки пасандоз карда буданд, хостанд ба Ҳаҷ раванд. Вале дар ин асно нахустфарзандашон Каримҷон ба бемории саратон гирифтор шуд.

Соли 2019 фарзанди калони худро бинобар бемории саратони сутунмуҳра аз даст дод. Доғи нахустфарзанд дигар модари азизро руҳафтодаву аз пой афтонд. Хело ғам хурд, оҳ мекашид дарун, дарун, месухту аммо сузиши дилашро намегуфт.

Маблағҳои ба хонаи Худо мерафтаашонро васият карданд, ки дар як ҷои муқаддас, аниқаш дар сохтмони кӯпрук ва роҳ сарф намоянд, ҳамин тавр ҳам шуд, дар маҳаллаи Пули Мӯриф купруки зебову замонавӣ ба номашон сохта ба истифода дода шуд.

Доғи фарзандро дигар бардошт карда натавониста пас аз 3 моҳ, яъне 24.12.2019 моро хайру хуш карда, ба назди шавҳари азиз ва бузургфарзандаш сафар карданд. Дар паҳлӯи фарзанди худ хонаи абадии худро сохтанд.

Ёду номашон ҷовидона гиромӣ ва абадӣ бод модари ширину ғамхоро.

Худо биёмурзад.

Модари биҳиштӣ буданд.



Ҷумъаев Абдукарим Раҳимович 10.08.1961 сол дар деҳаи Зимтуд, ҷамоати деҳоти Ворӯ, шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Нахустфарзанди Абдураҳим Ҷумъаев буда, пас аз хатми мактаби миёнаи № 21-и деҳа дар Донишгоҳи политехникӣ таҳсил кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар заводи хиштбарории ш.Панҷакент, сипас дар ПМК-279 ва 280, охирон дар заводи коркарди тиллои шаҳри Панҷакент, воқеъ дар шаҳраки Суғдиён дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият намудааст. Корҳои ободонию созандагиро аз падар омӯхта дар ободонии деҳа ва дар бунёди биноҳои баландошёнаи шаҳраки Суғдиён саҳми калон дорад. Оиладор соҳиби 4 фарзанд буда, бинобар бемории саратон 06.09.2019 вафот намудааст.

Ёду номаш ҷовидона ва гиромӣ бод.

Фарзандонаш Комронҷон, Сорбонҷон, Тахминахон ва Фарзонахон пайгир ва нишона аз ӯ мебошанд.


Дусти азизу меҳрубонаш (Фарёди Пағнагӣ) Эсоев Абдураҳим пас аз вафоташ ба ёди ӯ шеъреро навистааст:

Баъди маргам дӯстонам бо дуъо ёдам кунед,
Бар сари гӯрам равед бо фотиҳа шодам кунед.
Чун нанолам дӯстон Абдукарим аз даст рафт,
Аз ҷаҳони бебаҳо марди ҳалим аз даст рафт.
Ҷои хурсандию шодӣ дар лабони дӯстон,
Талхии рӯзгор монду ногаҳон аз даст рафт.
Шоҳине буд, ҳасрато дар авҷи парвози баланд,
Шуд раҳо аз дасту сӯи ломакон аз даст рафт.
Навбаҳораш рафту омад бармаҳал фасли хазон,
Боғи умр зард гашту бо боди хазон аз даст рафт.

Чор тифли хурдро бо завқаи дилсӯхтааш,
Бесаробон монда, аз сар соябон аз даст рафт.
Пеши чашми ёру дӯстон, ҷумла пайвандони худ,
Сад дареғ хуршеду моҳи осмон аз даст рафт.
Файзи боғу файзи дастархону файзи зиндагӣ,
Эй азизон, шоҳсутуни хонадон аз даст рафт.
Нӯш карда ҷон шаҳди зиндагонӣ заҳри он,
Бо дили абгорд бо оҳу фиғон аз даст рафт.
Офтоби бахти ӯ дар осмони зиндагӣ,
Ноаён гашту зи чашми мардумон аз даст рафт.
Аз ҷаҳони орзуҳо бо дили пурорзу,
Марди зебою закию хушзабон аз даст рафт.
Ҷойгоҳаш соз дар ҷаннат Худои меҳрубон,
Лутф фармо сӯи мулки ҷовидон аз даст рафт.
Зор менолид ба ёди дӯст Фарёди ҳазин,
Марди хоксору азизу меҳрубон аз даст рафт.



Ҷумъаев Абдуҳалим Раҳимович 17.08.1965 дар деҳаи Зимтуд, чамоати деҳоти Вору шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Дуюмин фарзанди шоир Абдураҳим Ҷумъаев буда, мактаби миёнаи №21-и деҳаро хатм карда, пас ба Донишгоҳи политехникии шаҳри Фрунзеи Ҷумҳурии Қирғизистон дохил мешавад. Онро сарбаландона ба итмом расонидааст. Якчанд муддат дар Комбинати коркарди маҳсулоти ширу гушти ш.Панҷакент, кору фаъолият намуда, бо амри тақдир ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсия Руссия рафтааст. Айни ҳол дар шаҳри Москваи Федератсияи Руссия кору фаъолият менамояд. Оиладор соҳиби 4 фарзанд аст.



Ҷумъаева Шоистабону Раҳимовна духтари калонии Абдураҳим Ҷумъаев буда, 02.01.1968 дар деҳаи Зимтуди ш.Панҷакент таваллуд шудааст. Оиладор, соҳиби 4 фарзанд аст. Хонашин, зани матиниродаву кадбону ва оддию хоксор аст.

Рӯзгорашро ба тарбияи фарзандон бахшида, онҳоро дар роҳи худшиносию худогоҳӣ ба камол расонидааст.



Ҷумъаев Абдунаим Раҳимович 15.10.1969 дар деҳаи Зимтуд, ҷамоати деҳоти Вору, шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, мактаби деҳаро бо баҳои хубу аъло хондааст. Пас аз хатм дар Донишгоҳи техникии роҳсозӣ дар ш.Душанбе таҳсил намуда, якчанд муддат дар Муассисаи нигоҳдории роҳҳои шаҳри Панҷакент кор кардааст. Ду сол дар вилояти Хабаровски Федератсияи Руссия ба сафи Қуввахои Мусаллаҳи СССР рафта, сарбаландона хизмати ҳарбиро адо намудааст. Оиладор соҳиби 2 фарзанд аст. Айни замон дар Федератсияи Руссия кору фаъолият дорад. Мутахассиси хуби соҳаи худ аст.



Ҷумъаев Абдунасим Раҳимович 16-уми декабри соли 1972 дар деҳаи Зимтӯди ҷамоати деҳоти Ворӯи шаҳри Панҷакент дар оилаи омӯзгор дида ба дунё кушодааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш соли 1990 шомили факултаи “таърих ва ҳуқуқ”-и Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон гардида онро соли 1995 бо муваффақият хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 1995 то соли 1997 дар Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон ба донишҷӯён аз фанни “Назарияи давлат ва ҳуқуқ” ва “Таърихи халқи Тоҷик” дарс гуфтааст. Муддате дар хадамоти амниятии кишвар фаъолият карда пасон ба зодгоҳаш деҳаи Зимтӯди Панҷакент бар мегардад ва аз соли 1999 то соли 2015 машғули омузгорӣ мешавад. Аз моҳи марти соли 2015 то ҳол дар мансаби раиси ҷамоати деҳоти Ворӯи шаҳри Панҷакент кору фаъолият дорад.

Ба курсҳои таҳлили ихтисоси хизмати давлатӣ ба “Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” даъват шуда соҳиби ду “Гувоҳнома”-и Академияи номбурда гардидааст.

Чандин маротиба бо “даъватнома” дар мулоқоту вохӯриҳо бо Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои муаззами миллат, ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомали Раҳмон ширкати фаъолона кардааст. Барои корҳои ободониву созандагӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро дар ҷамоати деҳоти Ворӯ ба анҷом расонидааст.

Бо чандин Сипосномаю Ифтихорномаҳо ва тӯҳфаҳои молию пулӣ қадрдонӣ гардидааст. Аъзои фаъоли ҲХДТ аст.

Оиладор ва соҳиби ҷор фарзанд мебошад.



Ҷумъаев Нақибҷон Раҳимович 16-уми феврали соли 1974 дар деҳаи Замтӯди ҷамоати деҳоти Ворӯи шаҳри Панҷакент дар оилаи омӯзгор Абдураҳим Ҷумъаев ба дунё омадааст. Мактаби миёнаи деҳаро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, бо хоҳиши дил ба сафи Қуввахои Мусаллаҳ рафтааст ва барои ҳифзи марзу буми Ватани хеш содиқона хизмат кардааст. Иштирокчии ҳифзи сохти Конститутсионӣ мебошад. Аз хурдӣ ба шеър шавқу рағбати беандоза дорад. Навиштан ва эҷоди шеърро аз падар омӯхтааст.

Оиладор соҳиби ду фарзанд мебошад.

ПАДАРҶОН

Эй падарҷон хотиротат ёд бод,
Пойгоҳу манзилат обод бод.
Шод будем бо ту дар дунёи дун,
То абад руҳи равонат шод бод.

МОДАР

Модаро, зери фалак, будаӣ ту тоҷи сарам,
Эй ту сармояи бахту дилу ҷону ҷигарам.

Эй ту сарчашмаи хурӯшони ҳаёт,
Эй ту ҳам мунису ҳам шавкати даргоҳу дарам.

Булбуле сӯхт агар дар ғами гул шому саҳар,
Сӯхтам дар ғами ту, эй гули шому саҳарам.

То ту будӣ ба сарам, сар ба фалак соидам,
Бе ту бо ранҷу аламҳои ҷаҳон сар ба сарам.
То ту будӣ ба сарам, рақскунон болидам,
Марав аз ман, ки мани ғамзада бе болу парам.

Гузаре бар сари гӯи ту кунам бо ҳасрат,
Нур набвад дигар андар ҳама кӯю гузарам

Чӣ кунам нолаю афғон, ки бирафтӣ аз сар
Чӣ суд аз навҳа, ки бишкасти миёну камарам.

Ин қадар расми қазо кард ҷигарреш маро,
Ки рабуд модари ман расми қазову қадарам.

Доим обод бувад манзилат, эй модари ҷон,
Талабам аз ту ҳамин аст, Худои башарам.

Хотират шод шавад, модари ҷон, зодаи ту,
Ба қалам дода ба ёди ту ҳамин шеъри тарам.

ФАСЛИ НАВРӮЗ ГУЗАШТ

Эй соҳиби даҳр, фасли Наврӯз гузашт,
Ин тозабаҳори оламафрӯз гузашт.
Шодон ҳама аз омадани фасли баҳор,
Дардо, ки баҳори ман ба сад сӯз гузашт.

МОДАРО

Модаро, з-ин ҳавлии деворбаста рафтай,
Дар дилу дар дидаву дар хотири ман зиндай.
Гарчи н-ой пеши рӯям бори дигар то абад,
Лек дар даргоҳи ҷони шокири ман зиндай.

МАҲФИЛОРО

Чу ӯ як боби маъное надидам,
Чу рӯяш рӯи зебое надидам.
Фузунанд маҳфилороёни дунё
Чу модар маҳфилорое надидам.

КУҶОЙ

Аё, эй маҳфилороям, куҷоӣ?
Анису рафъи ғамҳоям, куҷоӣ?
Кунун мо ҷамъу ту танҳоӣ дар гӯр,
Ту модарҷони танҳоям, куҷоӣ?

САРУ САВДО

Эй дареғи зиндагонӣ, пурсару савдо гузашт,
Ҳайфи умрам дар хаёли бозии дунё гузашт.
Осмони орзуям тира аз абри сиёст,
Офтоби бахт чун анқо зи сар боло гузашт.

МЕРОС

Мероси азизи рафтагони Ватанам,
Бо нури хирад ҳарфи баёни Ватанам.
Андар Ватан тоҷи каёни дорам,
Ман маҳви руху оби равони Ватанам.

ПАРТАВФИШОН

Дилам бар пешрафти ту гувоҳ аст,
Ватан бадхоҳи шумат рӯсиёҳ аст.
Зи Роғун мешави партавфишонтар,
Агар партавфишон хуршеду моҳ аст.

ЭЙ ШЕЪР

Эй шеър, биёву ҳамканори ман шав,
Ҳамдарди дили умедвори ман шав.
То ин ки ба умқи олу аҷдод расам,
Боз ою давоми рӯзгори ман шав.

ҲУШДОР

Эй он ки туро ғурури олам ба сар аст,
Андеша намо, ки умри мо дар гузар аст.
Ҳар шому сабо тавба намо пеши Худо,
К-ин қофилаи умр чу шому саҳар аст.

ЁДБУД

Суруди ман, дуруди ман, ту бошӣ,
Паёми ман, сууди ман, ту бошӣ.
Чу як зангӯлаи уммеди охир,
Ба рӯзи ёдбуди мн ту бошӣ.

МЕБИНАМ

Ба ҷои гармии дил дарду оҳи сард мебинам,
Хирадмандони оламро асири дард мебинам.
Футуватпешагон дуранд зи оини ҷавонмардӣ,
Саропои ҷаҳон ҷавлонгаҳи номард мебинам.

ЧАШМИ ГИРЁН

Раъду барқи осмон аз оҳу афғони ман аст,
Резиши борон зи оби чашми гирёни ман аст.
Бо дили маҳзун назар кун бар хати ожанги ман,
Мисрае аз рӯзгори нобасомони манаст.

ҒАМ

Агар гуфторам аз шеъру тарона-ст,
Дилам дар сина чун баҳри дамон аст
Ба зоҳир гарчи марди комронам,
Ба сӯи доманам ашкам равон аст.

ДИЛ

Зи сӯз оростанд чун манзили ман,
Ба ғам пайвастаанд обу гили ман.
Зи теғи рӯзгорон ғарқи хун аст,
Дили ман ин дили беҳосили ман.

ЁРИ МАН ТУ БОШӢ

Ало, эй шеър, ёри ман ту бошӣ.
Дар олам баргу бори ман ту бошӣ.
Зи қабри зиндагонӣ гар бимирам,
Давоми рӯзгори ман ту бошӣ.

ҲАСРАТ

Як рӯз аз ин қаҳони нопок равем,
Гумном шавему бар дили хок равем.
Як лаҳзаи шодие надида аз умр,
З-оғӯши қаҳон бо дили ғамнок равем.

НИШОНА

Аз номи Шаҳноза ва Зебунисо

Раҳо кардӣ ту моро аз нигоҳат,
Надида рӯзгору навқавонем.
Бихоб осуда модар дар дили хок,
Ки мо аз ту дар ин олам нишонем.

КУҶОЙ

Дар ёди устоди фақид Лоиқ Шералӣ

Эй булбули хушлаҳҷаи гулзор куҷоӣ?
Дар хоб манам, дидаи бедор куҷоӣ?

Бурдӣ ҳама армони дили хеш таҳи хок,
Дар доми аҷал мурғи гирифтор куҷоӣ?

Дар ёди Самарқанду Бухоро дили ту сӯхт,
Фарёд кашам, нодирагуфтор куҷоӣ?

Шабҳо ҳама шаб сӯхтаву оҳ нагуфтӣ,
Ҳасраткаши ғамдидаи бемор куҷоӣ?


Бе ёди Ватан як нафаси умри ту нагзашт,
Хун хӯрди ҳама умр, Ватандор куҷоӣ?

Дар мастии худ пастии олам бинавиштӣ
Бо мастии худ олими ҳушёр куҷоӣ?

Баъд аз сари ту ҷумла ятимем дар ин даҳр,
Эй во, падари мӯнису ғамхор куҷоӣ?

Аз марги ту, эй Лоиқи бемисл, дар олам,
Кардем ҳама нолаи бисёр, куҷоӣ?

Мо бехабарем аз туву аз ҳоли ту дар гӯр,
Аз сӯзи дили халқ хабардор куҷоӣ?...



Ҷумъазода Ҳабибҷон Раҳим 22-юми феврали соли 1976 дар деҳаи Зимтӯди ноҳияи Панҷакент дар оилаи шахси зиёӣ — омӯзгор ва шоир Абдураҳим Ҷумъаев ба дунё омадааст Ҳабибҷон мактаби миёнаи №21-ро, ки дар зодгоҳаш воқеъ аст, бо баҳои хубу аъло хонда, онро соли 1993 хатм кардааст.

Баъди хатми мактаби миёна дар хоҷагии давлатии «Зарафшон» ҳамчун коргари оддӣ то соли 1996 фаъолият намудааст.

Ҳабибҷон, ки ҳануз аз айёми наврасӣ ва ҷавонияш орзуи хизмат ба халқу Ватан ва нигоҳдорию ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро дошт, соли 1996 ҳуҷҷатҳояшро ба Мактаби Олии милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе супурда, сарбаландона дар ин даргоҳи олии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ донишҷӯ шуд. Ӯ мактаби олии милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанберо соли 2000-ум бо ихтисоси ҳуқуқшинос бо муваффақият хатм намуда, ҳамон сол фаъолияти меҳнатияшро аз ноҳияи Зафаробод дар вазифаи ваколатдори оперативии шуъбачаи кофтукови ҷиноятии шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Зафаробод бо рутбаи лейтинанти милитсия оғоз намуд.

Соли 2002 сармуфаттиши ШВКД дар ноҳияи Айнӣ таъин гардида, то соли 2005 дар ин вазифа фаъолияти пурсамар намудааст. Аз соли 2006 то соли 2011 дар вазифаи сармуфаттиши шуъбаи тафтишотии ШВКД дар ноҳияи Бобоҷон Ғаффуров фаъолият намуда, дар кушодани даҳҳо ҷиноятҳо ва пешгирии бетартибию қонуншиканиҳо саҳми сазовору назаррас гузоштааст.

Фаъолияти хуби корӣ, масъулиятшиносӣ ва зиракию

кордонияшро ба инобат гирифта, соли 2011 Ҷумъазода Ҳабибҷонро ба вазифаи муовини сардори ШВКД дар ноҳияи Бобоҷон Ғаффуров таъин намуданд. Расми ӯ дар лавҳаи фахрии ҳукумати ноҳия ҳамчун корманди фаъол зада шуда буд. Дар ин вазифа то соли 2014 фаъолият намуда, сипас муовини сардори ШВКД дар шаҳри Панҷакент таъин гардид.

Бо назардошти фаъолияти хуби мехнатӣ, кордонӣ дар амалиётҳои фаврӣ ва садоқатмандию масъулиятшиносияш соли 2018 Ҷумъазода Ҳабибҷон сардори шуъбаи мубориза зидди ҷиноятҳои муташаккил дар водии Зарафшон таъин гардида, то охирҳои соли 2019 фаъолияти пурсамар намуд. Аз охирҳои соли 2019 сардори ШВКД дар ноҳияи Балҷувон таъин гардид ва дар ин вазифаи пурмасъул то ҳол адои вазифа намуда истодааст.

Ҷумъазода Ҳабибҷон Раҳим дар байни мардумони ҳама шаҳру ноҳияҳое, ки фаъолияти меҳнатӣ намудааст обрую эътибори хоса дорад. Зеро ӯ пайваста барои аз байн бурдани ҷинояту ҷиноятқорӣ мубориза бурда, дар нигоҳ доштани осудагии ҷомеа ва зиндагии ороми мардум талош меварзад. Аз ин хотир дар ҳама минтақаҳое, ки ӯ фаъолият намудааст, мардум нисбаташ эҳтироми хоса доранд.

Ҷумъазода Ҳабибҷон Раҳим дар баробари адои вазифаҳои соҳавии бар души худ дошта, дар корҳои ободонию созандагӣ низ саҳми босазою назаррас гузоштааст. Аз чумла, маҳз бо ташаббус ва роҳбарии ӯ дар шаҳри Панҷакент бинои сеошёнаи шуъбаи мубориза зидди ҷиноятҳои муташаккил дар водии Зарафшон сохта шуд. Ҳамчунин дар назди бинои ШВКД дар ноҳияи Балҷувон маҳз бо роҳбарӣ ва ташаббуси у биноҳои хобгоҳ ва ошхонаи замонавӣ барои ҳайати шахсии шуъбаи номбурда сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳамчун фарзанди бонангу номус дар зодгоҳаш — деҳаи Зимтӯди шаҳри Панҷакент якчанд корҳои хайру савобро ба сомон расондааст, ки мардум ба некию дуои хайр аз ӯ ёд

мекунанд.


Барои гиромидошти падари хизматнишондодаву номдораш Абдураҳим Ҷумъаев, ки ҳавасу орзу ва васияташ ба фарзанд буд, ин китоб бо ташаббус ва ҷаҳду талоши фарзанди номбардори ӯ Ҳабибҷон аз чоп баромад. Ҷойи ёдоварист, ки Абдураҳим Ҷумъаев бо рафтору гуфтор ва амалҳои неку шоистааш дар дилу дидаи мардум ҷо гирифта буд.

Ҷумъазода Ҳабибҷон Раҳим имрӯз дар ҳар гушаи Ватан, ки бошад, ҷаҳду кӯшиш менамояд, ки дар ободонию пешравӣ, суботи ҷомеа ва тинҷию осудагии рӯзгори мардум саҳми арзандаи худро гузошта бошад.

Хизматҳои садоқатмандонааш дар соҳаи мақомоти дохила бо унвони «полковники милитсия», нишони «Аълочии милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2011), медалҳои «Барои хизматҳои шоён», дараҷаи 1 (2005), «Барои хизматҳои шоён», дараҷаи 2 (2012), «Барои хизматҳои шоён», дараҷаи 3 (2019), медалҳои чашнӣ ва зиёда аз панҷоҳ Ифтихорномаву Сипосномаҳо кадрдонӣ гардидааст, ки Ҳабибҷон Ҷумъазода ба ҳамаи инҳо арзандаву шоиста мебошад. Соли 2021 бо нишони сарисинагии 30-солагии истиқлолияти ҶТ сарфарозонида шуд.



Ҷумъаева Шоирабону Раҳимовна Духтари дуюми Абдураҳим Ҷумъаев буда, 02.11.1978 дар деҳаи Зимтуди ш.Панҷакент таваллуд шудааст. Оиладор, соҳиби 4 фарзанд аст. Хонашин, зани матинородаву кадбону ва оддию хоксор аст.



Ҷумъаева Шодиябону Раҳимовна Духтари хурдии Абдураҳим Ҷумъаев буда, 26.01.1980 дар деҳаи Зимтуд ш.Панҷакент ба дунё омадааст . Оиладор, соҳиби 3 фарзанд аст. Хонашин, зани матинородаву кадбону ва оддию хоксор аст.

ҚИСМИ 4

НАҚШАИ-ШАҶАРАНОМАИ АТРОФИЁНИ АВЛОДИ «МУЛЛОҲАВО ё МУЛЛОЗОКИРӢ»

ШАҶАРАНОМА

Бо мақсади аз байн нарафтани ному насаби гузаштагон, алалхусус хешу табор ва авлод, шоир, таърихшинос, Абдураҳим Ҷумъаев (Сарҳол), дар даврони дар ҳаёт буданаш, ёддоштҳоеро ҳамчун шаҷараномаи авлод дастнавис карда гузаштагони худро сапт намудааст.

Чунончи шоир, таърихшинос, Абдураҳим Ҷумъаев авлоди худро аз бобокалонашон, ки Муллоҳаво ном доштааст, саркарда нақшаи атрофи авлодиро тартиб додааст. Аслан авлоди шоирро авлоди Муллоҳаво баъзан авлоди Муллозокириҳо, меномидаанд, ки дар рустои Зимтуд, гуё яке аз аввалин оилаҳо буда деҳадор будаанд. Аз нигоштаи у бар меояд, ки Муллозокир набераи Муллоҳаво буда фарзанди Абулҳайи Муллоҳаво мебошад. Бобои Муллозокир домуллои донандаи илми пурраи Қуръон мебошад ва ҳашт хоҳар доштаанд, ки он хоҳарон Олиямоҳ, Оқиламоҳ, Хайриниссо, Зебуниссо, Гавҳармоҳ, Мевагул, Наврузмоҳ, Рузимоҳ ном доштаанд. Ин ҳашт нафар хоҳарони бобои Муллозокир буда ба ҳама авлоди Зимтуд ҳатто деҳаи Газза, Некнот ва Гуйтан пайванди хешу табори пайдо намудаанд.

• Олиямоҳ хоҳари Муллозокир буда, шавҳараш Муллорағаби Ниёз мебошад, фарзандонаш Мулломирмуҳамад, Муллоқурбон ва Гулбибии Зимтуди мебошанд.

• Оқиламоҳ хоҳари Муллозокир буда шавҳараш Худойназари Умар мебошад, писаронашон Соҳибназар, Сиддиқ ва Содиқ ном доштаанд.

• Хайриниссо хоҳари Муллозокир буда шавҳараш Устовали фарзандонаш Рағаббой, духтаронаш Қиммат ва Шарбон ном доштаанд.

• Гавҳармоҳ хоҳари Муллозокир буда, шавҳараш Ашури Умар ном дошта писараш Раҳим ва духтаронаш Асалмоҳ ва Шарифамоҳ ном доштаанд..

• Мевагул хоҳари Муллозокир буда ба рафиқи акояш яке аз

сарватмандони ҳамонвақтаи деҳаи Газза Боборағаб ба шавҳар мебарояд. Фарзандонашон Шер ва Холмурод ном доштаанд. Авлоди онҳоро имрузҳо дар деҳаи Газза гуё, ки авлоди Шер ном мебурдаанд.

• Наврузмоҳ хоҳари Муллозокир буда шавҳараш Кучмуроди Ҷумъа мебошад. Аз онҳо ду духтар ба дунё омада Рузимоҳ ва Сангинҷон ном доштаанд. Сангинҷон ба деҳаи Некнот ба шавҳар мебарояд ва фарзандонаш Иззат, Ҳазраткул ном доштаанд. Ҳоло наслаш дар деҳаи Некнот зиёд аст.

• Зебуниссо хоҳари Муллозокир буда писараш Мурод ва духтараш Давлатмоҳ ном дошта будаанд, ки номбурда ба деҳаи Гуйтан ба шавҳар баромадааст. Наберагони уро дар деҳаи Гуйтан имрузҳо авлоди Муллонури ҳам ном мебурдаанд.

• Тоҷиниссо низ хохари Муллозокир буда писараш Муҳаммад ном доштааст ва бинобар корношоям гардидани маълумотҳои дастнависи шоирро истифода бурдан нашуд ва дигар маълумоте дар ин оила мавҷуд нест.

Бобои Муллозокир аз худ шогирдони зиёдеро дар илми қуръоншиноси таълим ва тарбия намудааст. Худ аз аввалин хатмкунандагони мадрасаи Бухоро дар рустои Зимтудиён буда пас аз хатми мадраса ба деҳа баргашта, хешу табборон, ҷиянҳо ва наберагону наздиконашонро аз ҷумла Мирмуҳамад, Раҷабали, Шариф, Умар, Пирмуҳамад, Раҳим, Ҷура, Қурбон, Маҳмуд ва чанде дигаронро таълимоти дини дода дарси қуръоншиносиро омузонидааст. Пас аз пурра омузонидан ҳамаи онҳоро тавсия медиҳад, ки ба мадрасаҳои Самарқанду Бухоро рафта таълимро давом диҳанд ва ҳамин тавр ҳам мешавад, номбурдагонро, ки ҷияну хешу табор ва наберагонашон будааст дар мадраси Самарқанд, қисмани дигарро дар Бухоро ва қисмани дигарашонро дар мадрасаи деҳаи Гарибак дохил менамоянд. Бинобар он ки дар ин соҳа донишманд будаанд ҳар як хатмкунанда ба деҳа омада пас аз хатми мадраса аз бобои Муллозокир дуо фотиҳа гирифта сипас

номи Муллогиро мегирифтаанд. Масалан номи Мирмуҳамади ҷиянашонро Мулломирмуҳамад, номи Раҷабалиро Муллораҷаб, номи Шарифро Муллошариф, номи Умарро Муллоумар, Пирмуҳамадро Муллопир, Муллораҳим, Муллоҷура,

Муллоқурбон, Мулломаҳмуд ва гайраҳо номгузори менамудаанд, ки гуё пас аз хатми мадраса ҳамчун Мулло метавонанд мустақилона таълимоти дини ва илми қуръоншиносиро ба ҳар касе таълим диҳанд ва ба замони онвақта ба ҷомеа истифода баранд.

Бобои Муллозокир шахси сарватманд ва бисёр чорводор будаанд. Бинобар ин ба фарзандонашон Абдуҷаббор ва Муллолатиф пас аз вафоти падарашон чорвои зиёде ба онҳо мерос мемонад. Азбаски Абдуҷаббор фарзанди эркаашон будааст чорво зиёдтар ва ба Муллолатиф, ки гуё ба Абдуҷаббор додари угай аст, чорво камтар ба мерос расидааст.Чунки чорвоҳоро ба ҳашт хоҳарони бобои Муллозокир низ тақсим менамоянд. Абдуҷаббор худ ба нигоҳубини чорво машгул мешавад ва дар айлоқҳои Каррук, Полгар ва Гарничу Зурмичи имруза ба чорводори машгул мегардад. Ба маълумотҳое он ҷойҳои чорвонигоҳдории уро ба номи у мансуб донистаанд, яъне қутанҳои Абдуҷаббори Муллозокир ном мебурдаанд. Дар ҳақиқатан ҳам то ба имруз он қутанҳоро қутани Абдуҷаббори Муллозокир ном мебаранд ва дар мавзеи лайлоқҳои Полгару Каррук, Гарганичу Зурмич ва дар тагдашт Шофзоду Кошонаю Камари Вахм, бо ин ном қутанҳо вуҷуд доранд.

Наберагони Муллозокир, яъне Муллоодина ва Мулломаҳмуд низ аз домуллоҳои донишманд гузаштаанд, ки онҳо дар зери тарбияи бобошон Муллозокир таълимоти дини гирифта пасон дар мадрасаи Самарқанд таҳсил кардаанд. Мулломаҳмуд қуръонро азёд медонистааст.

Инчунин бо мақсади аз байн нарафтани номҳои гузаштагон дар замонаш пас аз вафоташон номи шахси вафоткардаро ба наберагон ва аберагон номгузори менамудаанд,

ки ин шаҳодати онро дорад, ки номи Муллозокир, Муллолатиф, Абдусаттору Абдуҷаббор, Баракаю Гулшод, Олиямою Оқиламоҳ , Наврузмоҳу Шарифамоҳ, Зебуниссою Тоҷиниссо, Хайринисою Гавҳармоҳ ва чандин номгузории дигар дар ин авлодҳо дида мешаванд.

Хешу табор гардидани гузаштагони мо низ шаҳодат медиҳанд, ки дар рустои мо қариб бегона будани авлоду оилаҳо аз имкон дур аст. Ҳамин тавр ҳар кадоме аз ҳар авлоду ҳар оила ҳамхуну хешу табор гардидаанд. Аз ин ру авлоди "Муллоҳаво ё худ Муллозокири" дар натиҷаи доду гирифти духтаронашон ва ё худ келину домод кардан ба фарзандонашон дар байни оилаҳои рустои Зимтуд аз ҷумла, Дустимуроди, Қодири, Ашури, Шарифбадали, Эвазиҳо, Мелибойи ва гайраҳо хешу табори пайдо мекунанд. Дар ин асно мо гуфта метавонем, ки решаҳои ҳамаи авлодии Зимтудиён хешу табори доранд.

Ҳамин тавр аз насли ояндаи авлоди "Муллоҳаво ё худ Муллозокири, умедворем, ки нақшаи атрофиёни авлодии ин шаҷараномаро минбаъд бо мақсади нест нагардидани ному насаби таборони авлод, харита ё китобҳо тартиб дода, насл ба насл ба чоп мерасонанд...

Бо умеди бархурдор шудан аз авлод шаҷараномаи мазкур ба насли оянда пешкаш карда мешавад.

Абдураҳим Ҷумъаев.
Таърихшинос, шоир.

ЗИМТӮДИЁН

Шоир, таърихшинос Абдураҳим Ҷумъаев таҳқиқотҳои худро оиди пайдоиши деҳа ва авлод то аввалҳои асри 17, бо ин номҳо ки дар зер оварда мешавад, муайян намуда бинобар пайдоишашро пеш аз инҳо надонистани куҳансолони диёр пурра муайян накардааст вале аз солшумориҳои баъзе хонаҳо, бошишгоҳҳо, меҳмонхонаҳо ва дарахтон тақрибан муайян намудааст, ки пайдоиши деҳа аз охирҳои асри 14 ва аввалҳои асри 15 буда аҳолии он аз рустои Даҳбеди Самарқанд кучида ба инҷо яъне деҳаи Зимтӯд омада маскан гирифтаанд. Аз ҳаминҷо сар карда шаҷараномаи авлодро нақша тартиб додааст.

Авлоди Муллоҳаво

фарзанди Муллоҳаво, Муҳаммад ном доштааст.

Авлоди Боён

Мурод фарде аз номдорони авлоди Боён аст.

Аз маълумоте, ки шоир таърихшинос овардааст, Муҳаммад ва Мурод хешу табори ҳам доштаанд. Гуё бобоҳояшон, аз аввалинҳо шуда тақрибан дар асри 14 ва 15 омада дар ин макони чашмадору дарёдор, ки барои зистан мавқеи қулай дорад деҳа, манзил ва ҷои истиқомат ташкил кардаанд.

Муҳамади-Муллоҳаво
Фарзандонашон.

Абулҳайи Муҳаммад
Абулфайзи Муҳаммад.

Муроди - Бой.
Фарзандонашон.


Дустбой-1
Каримдод
Шарифдод
Бадалмоҳ
Қундуз - Фони Айни
Моҳбиби-Нигнот
Рузимоҳ
Давлатмоҳ-Ҳафткул

Баъдан насл ба насл рафтаанд.

Гоибназар	Мелибой
Эгам	Худойберди
Холиқберди	Саид
Сафар	Шариф
Дустбой-2	Бадалмоҳ
Тошпулод	Султон
Кучмурод	Ҷумъа
Элмурод	Бегмурод
Мирзомурод	Алимурод


Шодибой
Маҳмаднозир
Маҳмадсобир
Мелибой-2
Нозук
Нурбиби
Шарбону ва гайраҳо.


Эзоҳ: Дар сутуни дуюм гузаштагони авлоди Муроди Бой, ки ҳоло авлоди Дусти Мурод мегуянд насл ба насл рафтааст.


Муҳаммади Муллоҳаво
фарзандонаш:
Абулҳайи
Муҳаммади Муллоҳаво
ҳамсараш Бибишариф
хоҳари Муроди Бой
Абулфайзи Муҳаммади
Муллоҳаво
Фарзандонаш:
Мулозокири Абулҳай
Олиямоҳи Абулҳай
Оқиламоҳи Абулҳай
Хайриниссои Абулҳай
Зебуниссои Абулҳай
Гавҳармоҳи Абулҳай
Мевақони Абулҳай
Наврузмоҳи Абулҳай
Тоҷиниссо Абулҳай
Фарзандонаш:
Муҳаммадамини Абулфайз
Тутинисои Абулфайз




Эзоҳ: Дар инҷо Муллозокири Абулҳайи авлоди Муллоҳаво, бо Бадалмоҳи духтари Муроди Бой, издивоҷ карда соҳиби 3 фарзанд мегарданд. Номи Бой ба маънои номи шахс нест балки ин авлод молдор ва дорандаҳои деҳа будаанд. Аз ҳамин ҳисоб ин авлодро авлоди Боён меномидаанд.


Муллозокири Абдулҳай
(ҳамсараш Бадалмоҳ)
Фарзандонаш:
Абдуҷаббори Муллозокир (ҳамсараш Асалмоҳ)
Муллолатифи Муллозокир
Моҳбибии Муллозокир
Фарзандонаш:
Муллоодинаи Абдуҷаббор
Ҷумъабойи Абдуҷаббор
Ҷурабойи Абдуҷаббор
Мулломаҳмуди Абдуҷаббор
Гулшоди Абдуҷаббор
Фарзандонаш:
Бараккаи Муллолатиф
Фарзандонаш:
Оқиламоҳи Моҳбиби
Зебуниссои Моҳбиби



Абдуҷаббори Муллозокир
(ҳамсараш **Асалмоҳ**) Фарзандонаш:
Муллоодинаи Абдуҷаббор ҳамсараш Бибимоҳ
Ҷумъаи Абдуҷаббор ҳамсаронаш Гулсун ва Бибирақаб
Мулломаҳмуди Абдуҷаббор ҳамсараш Олиямо
Ҷурабои Абдуҷаббор ҳамсараш Бадалҷон
Гулшоди Абдуҷаббор шавҳараш Соҳибназар




Эзоҳ: Нафароне, ки дар се хонаи поён номгузори карда шудаанд давомдиҳан-дагони насли Мулломирмуҳаммад, Баргигул ва Бобои Қурбон буда қисманашон дар ҳаётанд.




Эзоҳ: Дар ин се сутун аз фарзандони бибии Гавҳармоҳи Абулҳай то наберагону аберагонашон ҷой дода шудааст, ки ба ҳар оилае дар ин авлод мансуб дониста мешавад ва қисманашон дар ҳаётанд.



Эзоҳ: Дар ин се сутун аз фарзандони бибии Оқиламоҳи Абулҳай то наберагону аберагонашон ҷой дода шудааст, ки ба ҳар оилае насл ба насл рафтааст ва ба ин авлод мансуб дониста мешавад ва қисманашон дар ҳаётанд.



Эзоҳ: Дар ин се сутун аз фарзандони бибии Хайриноссои Абулҳай то наберагону аберагонашон чой дода шудааст, ки ба ҳар оилае насл ба насл рафтааст ва ба ин авлод мансуб дониста мешавад ва қисманашон дар ҳаётанд.



Эзоҳ: Афсус, ки дар ин хусус дастнависи шоир бо калами ранга нависта шудааст ва бинобар корношоям гардидани ҳарфҳо хондан мушкили дорад ва дигар маълумотҳо пайдо карда нашуд.




Эзоҳ: Афсус, ки дар ин хусус дастнависи шоир бо калами ранга нависта шудааст ва бинобар корношоям гардидани ҳарфҳо хондан мушкили дорад ва дигар маълумотҳо пайдо карда нашуд.




Эзоҳ: Дар ин хусус дар дастнависи шоир Зебуниссои Абулҳай ду фарзанд доштааст ва писараш Мурод, духтараш Давлатмо ном дошта аз руи маълумотҳои калонсолон ба деҳаи Гуйтан ба шавҳар баромада ва дар бораи шавҳар ва дигар аҷдоду авлодаш маълумоти дақиқ мавҷуд нест. Инҳоро дар деҳаи Гуйтани имрузҳо авлоди Муллонуриҳо ном мебурдаанд.





Эзоҳ: Дар ин ду сутун аз фарзандон ва наберагону насли бибии Наврузмоҳи Абулҳай ҷой дода шудааст, ки ба ҳар оилае насл ба насл рафтааст ва ба ин авлод мансуб дониста мешавад. Насли бибии Сангинҷон дар деҳаи Некнот буда номбурда ба онҷо ба шавҳар баромадааст ва қисманашон дар ҳаётанд.



Муллоодинаи Абдуҷаббор
(ҳамсараш Қодирова Бибимох)
Фарзандонаш:
Одинаев Абдусаттор
Одинаева Бибилатифа
Одинаев Абдуҷаббор
Одинаева Бибишарифа
Одинаева Бибирақаб
Одинаева Гулшод
Одинаев Абдуқаҳор




Эзоҳ: Ҷабборов Ҷумъа аввалин раиси колхози “Роҳи Сталин” имруза колхози “Зарафшон” буда дар киштукори галадона ва сабзавот, ҳар сол заминҳои бекорхобидаи Тагдашт, Хоргуш, Дашти Шофзод, Дашти Кошона, Камари Вахм, Сари Осиё, Кулак ,Гарганич ва Пули Мурифро бо ҷуфти гов шудгор ва васеъ намудааст ва колхозро ба чорвопарвари низ табдил додааст. Аз ҳосили ба дастоварда ба оқибгоҳи ҷанг чандин тоннаҳо маҳсулоти сабзавот, галладона ва ҳафт сар аспро кушта гушти онро ба артиши сурх гусел намудааст.


Ҷабборов Ҷурабой
(ҳамсараш **Бадалҷон**)
Фарзандонаш:
Ҷураев Маҳмадмурод
(аз Ҷанги Бузурги Ватани
барнагаштааст)
Ҷураева Асалмоҳ



Ҷабборов Муллomaҳмуд
(ҳамсараш Каримова Олиямоҳ)
Фарзандонаш:
Маҳмудов Афсаҳ
Маҳмудов Нозим
Маҳмудов Акбар
Маҳмудова Лутфия
Маҳмудов Муфтоҳ
Маҳмудова Зулфия
Ҷабборова Гулшод
(шавҳараш Соҳибов Соҳибназар)
Фарзандонаш:
Соҳибов Амондулло
Соҳибова Сангинҷон


Ҷумъаев Сангинбой
(ҳамсараш **Сафарова Сангинҷон**) Фарзандонаш:
Азиз Сангин
Сангинова Хурсандой
Сангинов Абдуҳаким
Ҷумъаева Ҳусноро
Ҷумъаев Рустам
Ҷумъаева Сураё
Ҷумъаев Сулҳиддин
Ҷумъаев Сулҳиддин
Фотима ва Зуҳро Ҷумъаеваҳо
Ҷумъаева Сафоро
Ҷумъаева Дилором
Ҷумъаева Гулоро



Абдураҳим Ҷумъаев
(ҳамсараш **Одинаева Бибилатифа**) Фарзандонаш:
Ҷумъаев Наимҷон
Ҷумъаев Нақибҷон
Ҷумъаев Каримҷон
Ҷумъаев Ҳабибулло
Ҷумъаев Насимҷон
Ҷумъаева Шоистабону
Ҷумъаев Ҳалимҷон
Ҷумъаева Шоирабону
Ҷумъаева Шодиябону





Эзоҳ: Абдураҳмон Ҷумъаев аввалин шахсест, ки бо ҳамсараш Ҷураева Асалмоҳ ва фарзандонаш ба маҳалаи Пули Муриф омада макон ва манзилу богу рог кардааст ва фермадори колхози Зарафшон будааст.





Эзоҳ: Одинаев Абдусаттор котиби озоди партияи Комунисти дар ноҳияи Панҷакент буда иштирокчии ҷанги бузурги Ватани мебошад. Аввалин шахсест аз рустои Панҷакент мактаби олии Партиявии Тошкентро хатм кардааст.Ном гирифтани ӯ ба Сергей Дмитриевич Одинаев таърихи дигар дошта дар вақти ҷанг бо Сергей ном рафиқашон ба разведка мераванд ва ҳангоми убури дарё Сергей гарқ шуда вафот мекунад ва бинобар рафиқи хуб будан аз тарафи камандирашон номи Сергей Дмитриевич барои фаромуш нашудан аз хотираҳо ба Одинаев Абдусаттор монда мешавад. Ин аст, ки он касро бо ду ном дар дохил мешинохтанд.



Одинаев Абдуҷаббор
(ҳамсараш **Шодмон** ва **Гулбибӣ**) Фарзандонаш:
Одинаев Абдуғаффор
Одинаева Барно
Одинаев Абдусалоҳ
Одинаева Меҳриниссо Модарашон Гулбиби аз д.Панҷруд
Одинаева Раъно
Одинаев Сарҳад Модарашон Гулбиби аз д.Панҷруд



Одинаев Абдуқаххор
(ҳамсараш Одинаева Лайло аз Осетия)
Фарзандонаш:
Одинаев Рустам
Одинаева Зулфия
Одинаева Раҳима



Одинаева Бибирақаб
(шавҳараш **Қурбонов Рақаб**)
Фарзандонаш:
Рақабов Қурбоналӣ (Муҳаммадӣ)
Рақабова Мусайям
Рақабова Муъазамма
Рақабова Ашурмо
Рақабов Мақсатулло
Рақабова Ҳайидмо
Рақабова Қурбонҷон



Одинаева Гулшод
(шавҳараш **Рачабов Расул**)
Фарзандонаш:
Рачабова Хосият
Рачабов Мастон
Одинаева Бибишарифа
(шавҳараш **Саидов Қосим**)
Фарзандонаш:
Саидова Буринисо
Саидова Меҳринисо
Саидов Бахтиёр



Маҳмудов Афсаҳ
(ҳамсараш **Абулова Саврииссо**)
Фарзандонаш:
Маҳмудов Шавқат
Маҳмудова Гулбаҳор
Маҳмудова Гулистон
Дар деҳаи Гарибак шавҳар кардааст.
Маҳмудов Шуҳрат
Дар садамаи нақлиёти дар агбаи Шаҳристон вафот кард.
Маҳмудов Маҳмуд
Дар садамаи нақлиёти дар агбаи Шаҳристон вафот кард.
Маҳмудов Акбар
(ҳамсараш **Абулова Баҳринисо**)
Фарзандонаш:
Маҳмудов Масъуд



Маҳмудов Муфтоҳ
(ҳамсараш Шарифова Хадича)
Фарзандонаш:
Маҳмудов Шаҳбоз
Маҳмудова Таманно
Маҳмудов Нозим
(ҳамсараш Назарова Марҳабо)
Фарзандонаш:
Одинаева Раъно
Одинаев Сарҳад
Маҳмудова Зулфия
Маҳмудов Азимҷон
Маҳмудов Азизҷон
Маҳмудова Зулола



Ҷумъаева Гулшаной
(шавҳараш **Баракаев Латиф**)
Фарзандонаш:
Баракаев Барака
Баракаев Тоҳир
Баракаев Зоҳир
Баракаев Воҳид


Ҷумъаев Абдукарим
(ҳамсараш Раҷабова Ҳайидмо)
Фарзандонаш:
Ҷумъаева Таҳмина
Ҷумъаева Фарзона
Ҷумъаев Комронҷон
Ҷумъаев Сорбонҷон
Ҷумъаев Абдуҳалим
(ҳамсараш Ҷумъаева Фотима)
Фарзандонаш:
Ҷумъаев Сардор
Ҷумъаева Таҳиба
Ҷумъаева Тарона
Ҷумъаева Меҳргона


Ҷумъаев Наимҷон
(ҳамсараш **Ҷумъаева Зуҳро**)
Фарзандонаш:
Ҷумъаева Шаҳлохон
Ҷумъаев Талабшо
Ҷумъаев Нақибҷон
(ҳамсараш **Кучова Махдия**)
Фарзандонаш:
Ҷумъаева Шаҳзода
Ҷумъаева Зебунисо


Ҷумъаев Насимҷон
(ҳамсараш **Шарипова Таҳмина**)
Фарзандонаш:
Ҷумъаева Шоҳона
Ҷумъаев Ҷасорат
Ҷумъаева Ҷонона
Ҷумъаева Кайҳона


Ҷумъаев Ҳабибҷон
(ҳамсараш **Ҳасанова Барно**)
Фарзандонаш:
Ҷумъазода Шоҳрухҷон
Ҷумъазода Умедахон
Ҷумъазода Ганҷинахон
Ҷумъазода Раҳим Ҳабиб


Ҷумъаева Шоира
(шавҳараш Каримов Анбиё)
Фарзандонаш:
Каримова Саодат
Каримова Басоат
Каримов Довудҷон
Каримова Садоқат
Ҷумъаева Шодия
(шавҳараш Аминов Маҳмадамин)
Фарзандонаш:
Аминова Нозанин
Аминов Алиҷон
Аминова Ҳалима

ҚИСМИ 5

Суратлавҳаҳо аз ҳаёт, зиндагӣ, оила ва таборони Абдураҳим Ҷумъаев






























Лоиқ Шералӣ
аз д.Мазори Шариф
Обломқули Хамро
(Сорбон)
аз д.Аминдара
Абдунабӣ Саттор
аз д. Варганзӣ
Абдурахим Чамъа
аз д. Зимтуд

































































A,B,C,D










CHANEL

	сареъ	ҷадид	қариб	мустареҳ	ҳафиф	музореъ	муқтазаб	муҷтас	мушокил
Сареъ	Мус	таф	ъилун	мус	таф	ъилун	маф	ъӯ	лоту
Ҷадид	Таф	ъилун	мус	таф	ъилун	маф	ъӯ	лоту	мус
Қариб	ъилун	мус	таф	ъилун	маф	ъӯ	лоту	мус	таф
Мустареҳ	Мус	Таф	Ъилун	Маф	Ъӯ	Лоту	Мус	таф	Ъилун
Ҳафиф	Таф	Ъилун	Маф	Ъӯ	Лоту	Мус	таф	Ъилун	Мус
Музореъ	Ъилун	Маф	Ъӯ	Лоту	Мус	таф	Ъилун	Мус	Таф
Муқтазаб	Маф	Ъӯ	Лоту	Мус	таф	Ъилун	Мус	Таф	Ъилун
Муҷтас	Ъӯ	Лоту	Мус	таф	Ъилун	Мус	Таф	Ъилун	Маф
Мушокил	Лоту	Мус	таф	Ъилун	Мус	Таф	Ъилун	Маф	Ъӯ

Бо чунин тарз дигар баҳрҳо низ ҷадвали худро доранд, ки дар омӯзиши илми арӯз аз худ менамоед.

МУНДАРИҶА

ҚИСМИ 1. Ёддоштҳо ва зиндагиномаи Абдураҳим Ҷумъаев (Сарҳол).....4
1.1. Шеър инъикоси зиндагист.....7
1.2. Чашмандозе бар ашъори Сарҳол.....8
1.3. Таровиши тафаккуру андеша.....11
1.4. Умре дар хидмати мардум.....14
1.5. Як рӯзи Баҳор.....18
1.6. Бародари нексиришту сапедном.....21
1.7. Шабе дар рукнобод ба ёди Абдураҳим Ҷумъаев (Сарҳол).....29
ҚИСМИ 2. АШЪОРИ ШОИР.....30
2.1. Ба президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов.....31
2.2. Кушоиш.....172
2.3. Қитъа.....185
2.4. Байтҳо.....186
2.5. Қитъа.....198
2.6. Муборакбодии ҷашни арӯсӣ.....199
2.7. Ба сарвари ширкати ба номи Хоҷамардонов Мавлон Мирзоев.....190
2.8. Соли ду ҳазор омадат хӯш.....191
2.9. Марсия дар марги шогирди шаҳидам Ҷамолиддин.....192
2.10. Марсия дар марги ҳоҷӣ Шариф Бозоров.....193
2.11. Ба ёди шодравон Сармад.....194
2.12. Васият.....195
2.13. Ба аълоҳазрат Карим Оғохони 4.....196
ҚИСМИ 3. Фарзандони номбардори падар.....197
ҚИСМИ 4. Нақшаи - Шаҷараномаи атрофиёни авлоди Муллоҳаво ё Муллозокирӣ.....214
ҚИСМИ 5. Суратлавҳаҳо аз ҳаёт, оила ва таборону зиндагиномаи Абдураҳим Ҷумъаев.....251

БАРОИ ҚАЙДҲО

АБДУРАҲИМ ҶУМЪАЕВ
(Сарҳол)

КУЛЛИЁТ

Муҳаррирон:
Ҷӯёи Самарқандӣ,
Неъматов Худойдод Давлатович.

Муҳаррири ороиш:
Ятимов Машраф.

Ҳуруфчин:
Ҷумъазода Шоҳрухҷон Ҳабиб.

Сарпараст:
Ҷумъазода Ҳабиб Раҳим

Ба матбаа 00.00.2021 супорида шуд.
Ба чоп 00.00.2021 иҷозат дода шуд.
Қоғази офсетӣ. Чопи ранга.
Андозаи 60х84 см 1/16. 15,25 ҷузъи чопӣ.
Адади нашр 150 нусха.

Дар матбааи «Прогресс» ба чоп расидааст.